Салими Хатлонӣ



# КИШТИНИШАСТАГОНЕМ!...
# КИШТИШИКАСТАГОНЕМ!...

**Душанбе**
**“Матбуот”**
**2023**

ББК 84 тоҷик
Х-35

***Ба бародарам САЛИМЗОДА ИСКАНДАРИ ШАРИФ мебахшам, ки шарҳи маонӣ дар ин боб бо тақозои ӯ сурат гирифт.***

Муҳаррир: номзади илмҳои филологӣ,
**НУРМУҲАММАД СИРОҶӢ**

Зери назари доктори илмҳои филологӣ, профессор
**ЛОЛО ДАВЛАТБЕКОВ** ба нашр расид.

Х-35. Салими Хатлонӣ. Киштинишастагонем!.. Киштишикастагонем!.. Душанбе, "Матбуот"-2023, .....саҳ.

Салими Хатлонӣ шоир ва муҳаққиқи сермаҳсулест, ки мақолоти зиёд ва кутубе чандро дар мавриди рӯзгор ва эҷодиёти шуаро ва орифоне чун Мавлонои Балхиву Аттору Саноиву Бедил ва дигар намояндагони адабиёти ирфонии тоҷик ба табъ расонида, дар робита ба осори Ҳофизи Шерозӣ низ китоби алоҳидаеро, иборат аз ҳафт суҳбат дар атрофи ҷанбаҳои ирфонии ашъори ӯ бо номи "Аташсипори тариқат ва майгусори ҳақиқат" (Душанбе, "Матбуот"-2012) пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ гардонида буд.

Китоби манзур, ки унвонии "Киштинишастагонем!.. Киштишикастагонем!..", ҳоло ба табъ мерасад, низ иборат бар ҳафт суҳбат ва, дар маҷмуъ назариёти тозаи шарҳдиҳандаи шоири нуктасанҷро дар робита бар кушоиши сирри нуҳуфта ва ба илтифот пешовардаи Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ дар ғазали "Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро...", дар атрофи

вожаи мармуз ва баҳсофарда, ки ба дурустӣ оё “киштинишастагонем” ва ё “киштишикастагонем” будани он ба муаммо табдил гардидааст, фароҳам овардааст, ки метавонад эҳдои арзишманди таҳлилӣ ва таҳқиқие барои ҳаводорони илму ирфон ва аҳли маънӣ бошад.

ISBN 978-99975-0-559-0

© Салими Хатлонӣ, 2023



## ШАРҲИ ҲОЛ

**САЛИМИ ХАТЛОНӢ**, 12 марти соли 1960 дар деҳаи Шуғноншаҳри ноҳияи Муъминобод зода шудааст. Соли 1979 омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ва 1989 шӯъбаи тарҷумонӣ ва адабиётшиносии Институти адабии ба номи М. Горкийи шаҳри Москваро хатм намуда аст.

Муддате дар мактаби ҳамагонии №2, ноҳияи Муъминобод, муаллим ва чанде ҳам хабарнигори рӯзномаи «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб буд.

Таҳсилоти дипломатиро дар Маркази омӯзишҳои дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон фаро гирифтааст.

Солҳои 1989-1999 дар Шӯрои танзими тарҷумаи адабиёт, Вазорати матбуот ва ахбор, Вазорати фарҳанг ва солҳои 1999-2007 дар дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Аз соли 2007 иқдомоти худро пурра ба фаъолияти дипломатӣ бахшида, то соли 2010 ба сифати котиби матбуотии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

Федератсияи Россия, Раиси Раёсати Маркази матбуоти Ҷумҳуриявии “Иттилоот ва муошират” (2010-2012), Котиби якўми Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон (2013-2015), муовини Сардори Раёсат, мудири шуъбаи иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015-2017), мушовири Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус (2018-2021) ифои вазифа намудааст.

Салими Хатлонӣ соҳибунвони доктори илмҳои филологӣ буда, ҳамзамон дар баробари фаъолияти пурмасъули хидмати давлатӣ, ба ҳайси профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият кардааст.

Ў дар ин муддат пайваста кори эҷодиашро идома дода, кутуби ашъорашро унвонии “Аз пушти борон”, “Сапедасори булур”, “Фарёдҳо бар ёдҳо”, “Балоғати нур”, “Шикастанҳо… На бастанҳо…”, “Шамими бодаву бод”, “Шабу шабобу шароб”, “Хокистари ҳубоб”, “Дар гуҳарбори садаф”, “Оли Сомонӣ, муборак соли Сомонӣ”, “Ҳомии ваҳдат”, “Пешвои миллат”, “Мунтахаби ашъор” (ҷилдҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7), инчунин осори алоҳидаи тадқиқотиашро низ бо номҳои “Бенавое дар навои най” (вобаста ба рўзгор ва баррасии осори Мавлонои Балхӣ), “Аташсипори тариқат ва майгусори ҳақиқат” (мақолоти тафсирӣ вобаста ба осори Ҳофизи Шерозӣ), “Ишқ мегўяд...” (мақолоти тафсирӣ дар атрофи вожаи “Ишқ”) ва ғайра интишор намудааст.

Салими Хатлонӣ дар кори тарҷумаи бадеӣ низ комёб буда, аз ҷумла ашъори ҷудогонаи Фёдор Тютчев, Николай Рубтсов, Расул Ғамзатов, Ҷамшед Пиримов, китобҳои шоираи кореягӣ Ким Ёчо “Палакони Сеул”, шоираи ҷопонӣ Мисузу Канеко “Ман ва гунҷишкак”,

маҷмуъаи повесту ҳикояҳои адиби туркман Отаҷон Таган "Ғуруби Парвин", намунаи "Адабиёти бачагонаи Беларус" (гулчини ҳикоёт) ва дигар адибони машҳури оламро тарҷума кардааст.

Теъдоди бешумори мақолоти тадқиқотиаш аз тариқи рўзномаву маҷаллаҳои илмиву адабӣ дар интишороти кишвар ва хориҷ аз он ба табъ расида, дар чандин конфронсҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла дар Теҳрон, Истамбул, Қуния, Маскав, Париж, Боку, Минск ва ғайра бо гузоришҳо мушорикат намудааст.

Аз соли 1990 узви Иттфоқи нависандагони ИҶШС мебошад.

Соли 1992 барои маҷмўаи ашъораш - "Сапедасори булур" сазовори ҷоизаи Иттифоқи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

# МУҚАДДИМА

Гоҳо шудааст, ки ҳеч муҳаққиқе ба умқ ва жарфои фаҳму дарки бархе аз маъонии рамзии ирфонӣ, ё ба истилоҳ таобире, ки дар печидагиҳои санъати ибҳом ва ё иҳом, ки ин мафҳум дар падидории тардиду шакку занну гумони хонанда ба натиҷагирӣ аз думаъноӣ ва ё сермаъноӣ оварда расонидааст, ба пуррагӣ комёб нашудааст, зеро тараддуди шарҳу тафсири он дар нуҳуфтгоҳи закову ҳушу хирад норавшану номафҳум барои зеҳн боқӣ монда, муҳаққиқинро ба таҳлилҳои бештар доманадор водор намудааст. Ва, албатта, дарки маънӣ ба хотири ромишу осоиши руҳу равони инсони қобили ҳисси дорои фаросати сухансанҷиву нуктадонест, ки баробар шудани сухан бо хирадро ба ҳадди рамузфаҳмиву маънисанҷ будан, яъне камоли маърифати хеш дар фаҳми эҳсони маънӣ таъмин ва аз шоистагиҳои таҳсин дар суварбиниву зебоишиносӣ дар диди худ падидор карда тавонад, ки барои боровардҳои тахаллуқӣ ва ба вусъат кушодани диди зебонигараш ба сароҳат бошад. Бад-ин аст, ки бузургсолори адабу фарҳангу забони форсӣ Абулқосими Фирдавсӣ фармуда:

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад!

Ва дар амри дигар ҳолати баёни гӯянда аст, ки мебояд бо фаросати сухан фосилаҳои миёни хеш ва аҳли самъро ба риштаи ҳуш, зеҳн ва дарки матлаб бар фаҳм, ба ҳам пайванд дода тавонад ва дар маврид маҳорати расонида тавонистани маънӣ ба аҳли ҷамъ аст, ки мустамеъ бар ҳарфу сухани бадеъ, чи дар каломи офарда бар сабки санъати саҳли мумтанеъ бошад ва чи бо рамзу кинояву масалу тамсил, бо бардоштҳои маънавӣ бар

ҳарфу ҳиҷои пурмуаммову мармуз мутталеъ гардида тавонад.

Аз ин ҷост, ки барои комёбӣ дар кори фаҳми сухан аз панҷ ҳавос ҳушу гӯш ва дар ҳоли эҳтиёт хамӯш ва бо шеваи хос шунавандаи бар дарки маънӣ ҳикматниюш бар каломи устоди сахткӯш, ки мутакаллим аст, бояд буд, чунон ки Саъдии бемонанду бемисол дар байти зерини тарҷеъбанди хеш бар ҳоли гуфту шунуфт, ки агар фаҳми он ба дарк муяссар нагардад, бемантиқу бемаънист, ба фаросат таъкид кардааст, ки:

Саъдӣ, бас аз ин сухан, ки васфаш,
Доман надиҳад ба дасти идрок!

Ва айни ин сухан ва шеваи тарзи изҳори онро, ки дар печидагиҳои мубҳам ва дар пардавори ҳарфи мармуз тасвир мегардад ва кори боқиро бар фаҳму дарки аҳли завқи румузфаҳм вогузор мекунад, дар ин манзар рамзбаёнӣ маънӣ кардаанд ва шахси маъниофар касест, ки бо офариниши тасовири ҷолибу услуби ҷой додани мазмун дар мавзуи ҷазбдиҳандаи муҷази нуҳуфтамафҳум, доди маънӣ дода тавонад.

Беҳин намунаи чунин истилоҳотро, ки усулан ба услуби рамзбаёнӣ дар шеъри форсӣ болои кор омадаанд, метавон пеш аз ҳама дар ашъоре, ки иртибот ба фаҳми оятҳои Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ доранд, инчунин дар осори ирфоние, ки бештар бар заминаи шинохти зуҳуроти нуҳуфтамаънӣ ва мафоҳими ботинии марбут ба инсону олами мавҷуд ва Офаридгор рӯи сафаҳот сабт гардидаанд, аз ҷумла дар дастнавиштаҳои қудамо бар осори аҳли ирфон, дар зумраи Ҳаким Саноӣ, Пири Ҳироту Абусаиди Абулхайр ва Бобоафзали Кошонӣ, Низомиву Хоқониву Шайхи Аттор, Имом Ғаззолӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Шайхи Саъдӣ, Наҷмуддини Ироқӣ, Азизуддини Насафӣ, Мавлоно Ҷалолуддини

Балхӣ, Наҷмуддини Розӣ, Султон Валад, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Калими Кошонӣ, Мавлоно Бедили Деҳлавӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шавкати Бухорой, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, то ба Шамсуддин Шоҳини Кӯлобӣ ва шогирди вафодораш Туғрали Аҳрорӣ ва садҳо тани аҳли маъорифу калом ба сароҳат дарёфт, ки муҳаққиқин ва адабиётшиносонро дар ҳар давр барои тасҳеҳот ва равшании бештар андохтан бар ин афкор ва рӯнамоии нуқтаи назари хеш бар ин мафоҳими мармузи таҳрикдиҳандаи дарку ҳисси инсонӣ муваззаф гардонад.

Коргирӣ бар сабкҳои тасвирсоз ва санъатҳои бадеӣ, амсоли рамзу масалу тамсилу ибҳому иҳому ташбеҳу киноёт ва ғолибан тамоми навъҳои муайянкунандаву музайянкунандаи шеъру адабиёти форсӣ, ки марзҳои ҳазорсолаҳоро убур карда ва фарҳанги асилеро бо номи “шеър” ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд, ҳамчунон бо таровиши нубуғу хиради худододи аҳли ирфону адаби ориётаборон дар зоди дастовардҳои наву тозаи тамаддун ва дар тарбияи зебоишиносии башарият саҳми босазо боқӣ гузоштаанд. Дар ин миён таваҷҷуҳи ҳарчи бештар ба дастовардҳои ирфониву тасаввуфӣ, ки бар мабдои отифии таълимиву тарбиявӣ ва тобишҳои маънавии мураттаб бар русуму оинҳои тамаддунсози миллӣ ва бо бархурдорӣ аз сарчашмаҳои фарҳанги башарӣ обишхур доранд, метавонанд дар зимни омӯзиши амиқ бар мазоқи хонандаи нуктафаҳм саҳифаҳои чашмгиру тозатареро дар баробари шарҳи маонии мубҳам ва пардабардорӣ аз рӯи рамзиёту ташбеҳот ва тамсилоту муаммову дигар саноеи ниҳонмаънӣ ва нуҳуфтамазмун боз намоянд.

Новобаста бар ин, ба ҳар ҳол барои дастёбӣ дар шарҳу тафсир ва маънӣ кардани айни санъатҳои назифи шеърсоз ва каломи мубҳам, чунон ки дар осори арзишманди Ҳофизи Шерозӣ сар овардааст, мебояд аз саъйу талоши самимона ва мӯшикофона кор гирифт, то

лубби лубоби ҳар истилоҳи борвар бар муаммову маъонии мармуз дар калимоти печидаву пӯшидаро дар мутобиқат ба фаҳму завқи хонанда гӯшрасу дилнишин расонда тавонем.

Тасмимгириҳо низ бар нусхаҳои гуногуни дастнавиштаҳо бар шарҳи осори Ҳофиз, чӣ дар заминаи пажуҳишҳо ва таҳлилҳои асотиди варзидае амсоли Абдурраҳими Халхолӣ (с. 1369), Алӣ Муҳаммади Рафеӣ (с.1372) ва даҳҳо девонҳои батабърасида дар Эрон, ки аксарият бар асоси нусхаҳои тасҳеҳнамудаи Муҳаммади Қазвинӣ ва Қосими Ғанӣ китобат шудаанд, инчунин нусхаҳои омоданамудаи Иосиф Брагинский (с. 1949) ва ё ҷилдҳое, ки бо кӯшиши устодон Холиқ Мирзозода (с. 1957), Ҷамшед Шанбезода (с. 1983), "Девон"-и Ҳофизи Шерозӣ, Душанбе, "Адиб"-2015, (Силсилаи "Ахтарони адаб", иборат аз 50 ҷилд, ҷилди 29), ки бо аввалсухани профессор Абдунабӣ Сатторзода, таҳти унвони "Шоири шоирони асрҳо ва наслҳо" ба табъ расидааст ва, бемуболиға, аз беҳин таҳқиқот дар мавриди осори Лисонулғайб дар ин авохир ба шумор аст, китобҳои Мирзо Муллоаҳмад "Гулчини девони Ҳофиз", Душанбе, "Деваштич"-2006, Қурбон Восеъ "Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз", Душанбе, "Адиб"-1991, Мушкинисо Раҳимова "Ҳофизшиносӣ дар Тоҷикистон", "ЭР-граф"-2019, мақолоти гуногун ва фаровони Шарифмуроди Исрофилниё дар робита ба паҳлуҳои номакшуфи байту ибороту маъниҳои нуҳуфтаи Ҳофиз дар маҷаллаҳо ва ҷароиди дохиливу беруна, инчунин кутуби алоҳидаи ӯ дар ин мавзуъ, монанди "Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз", Душанбе, "Адиб"-2003, "Хамриёти Ҳофиз", Душанбе, "Адиб"-2010, ҳамчунон даҳҳо нигоштаҳои таҳқиқотии дигар донишмандон низ, ки дар давраҳои мухталиф дар Тоҷикистон ба табъ расидаанд, аз дастовардҳои бесобиқа дар илми

адабиётшиносӣ бар шинохти ҷойгоҳ ва мақому манзалати шоирии Ҳофиз маҳсуб меёбанд.

Дар маврид зарур ба тазаккур аст, ки мавзуи интихобнамудаи мо бар қисмат кардани вожаҳои ба таъбир ниёзманди “киштинишастагон” ва ё “киштишикастагон” аз ғазали “Дил меравад зи дастам...”-и Хоҷа Ҳофизи бузургвор, ки баҳсро ба бор овардааст, на барои мубоҳиса, балки ба хотири ёдоварӣ аз номи бузургон ва урафои некназару соҳибхабари адабиёти ғаноманди форсӣ ва ашори сурудаи эшон дар иртибот бар ин мавзуъ болои кор омадааст ва метавон афзуд, ки каминаи камтарин иқрор мекунам, ки дар зимн бе зиёдаравӣ бар мавзуъ баёни фикр ва ба тариқи пешниҳод назари худро ироа кардаам ва нуқтаи назари ҳар хонандаеро ҳам дар маврид бар гуфтаҳои хеш ба салоҳияти табъозмои худи онҳо ҳаволат мегӯям.

Албатта, дар зимн диққатравонӣ бар ин ҳама тасҳеҳоту ироаи тавзеҳи вожаҳо, баррасии паҳлӯҳои норавшани таъбирот ва таркиботи луғавӣ бо маониву маҳаки зоҳириву ботинии онҳо ба мақсуд саъйе барои рӯнамоиву кушоиши назар ва мафҳумоти рамзиву мубҳами офаридаи ин шуарои ориф аст, ки дар ин сафаҳот манзур омадааст ва муҳимияти ҳадафи пажуҳиш низ дар ин маврид шояд фурӯ рафтан ба дарунмояи фикриву фитрии ҳар шоир бар ҳамин иддао бошад, зеро чунон ки дар вожаҳои “киштинишастагон” ва “киштишикастагон”-и ба маврид корбурдаи Ҳофиз, ки дар ин амр ба шарҳу тафсир ниёз дорад, ҳамзамон, бояд ба ҳамин эътибор ба дурустӣ маънӣ ва фасл шавад, то шояд ифодагари мақсад ва истидлоли муайянкунандаи ҳарфи бикри гӯяндаи он арзёбӣ гардад.

Шояд мақсад аз рӯнамоии таъбироти Ҳофиз низ бар он равона гардад, ки ин шоири соҳир дар мавқеъпазирии суханперой бо ҳифзи қавонини мутаносиби маониву афкор, фаҳмиву зеҳниву истиғроқ бар дақиқназарӣ, шавқи

эъҷоз ва лутфи сухан дар алоқа бо шевогии баён, нозукандешиву нуктасанҷӣ бар замонати каломи мустафод ва ҷобаҷогузории тасвирҳои мухайял ва усулии хеш, нахуст ба сабку услуби офариниш, бахусус коргирӣ аз санъатҳои иҳому ибҳом, рамзу киноёт, масалу ташбеҳу тазодду муқобала ва дигар хусусиёти мушаххаскунандаи шеваи эҷодӣ, инчунин бардоштҳои маърифатие бар маохизи таълимдиҳандаи устуравӣ, Қуръонӣ, ирфонии тасаввуфӣ бар кашфу шуҳуд, бенавоиву бехудиҳои ишқ ва тавҳиду ҳамбастагиҳои башарӣ дар тарзи эҷод ба зуҳур овардааст, месазад бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Аммо, аҳамияти фарогир бар ин вожагони мармуз дар ғазалҳои вижаи ӯ шояд ва бояд пеш аз ҳама батадриҷ равона шаванд, ки манбаъҳои маънавӣ бар асари хотироти таърихиву ривоятиву афсонавӣ ва асотирӣ доштанашон, ки дар саргузашту сарнавишти афроди устурагардидаи диниву мазҳабӣ ва ё чеҳраҳои афсонавиву отифӣ ва, бахусус, дар маншоъҷӯӣ бар падидаҳои завқӣ ва маъонии ирфонии батакрор дар шинохти сувари Офаридгор ва саргузашти нахустодам ва ё Нӯҳ (а) ва "киштӣ"-и ӯ, Золу Рустаму Хизру Мӯсову Исо, Сулаймону Ҳудҳуду Билқису Сабо, Юсуфу Яъқубу "бӯи пироҳан" ва ғайра дар тамаддуни чандҳазорсола бошад, ки ривояти онҳо аз қадимулайём дар миёни авом роиҷ гардида ва дар таълифоти маърифатии дигарон низ ба сифати мармуз шарҳу баррасӣ шудаанд, аммо дар Ҳофиз ба сувари иҳомовар ва ё ибҳомофар бештар талаққӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, афзуданист, ки дар заминаи офариниши осори нави адабиёт ин қаҳрамонон ба гунаҳои мухталифи мубҳами ба шарҳ ниёздошта ворид гардида, қиссаҳои тозатареро бо офаридани суварҳои хаёливу саршор аз ғояҳои мазмунан ботинӣ ва отифиятҳои руъёии рамзишуда, бо тавзеҳоти шигарфу ҷолибу ҷозибтаре пешниҳоди хонандаи закитабъу нуктагир гардонидаанд, қобили тасаввур аст ва дар ин амр болои кор омадани

маҳофиле бар мабоҳиси доманадор дар атрофи тасовири вожагонии мармузи “киштинишастагон” ва ё “киштишикастагон”-и Ҳофиз низ бо асолати устуравии беназир аз ин доираи тафсирпазир берун буда наметавонанд.

Дар ҳар сурат, ҳарчанд шарҳу тафсири маонии мусаввар бо назифиятҳои отифии ботин барои зарфият ва гунҷоӣ дар зеҳну фаҳм мушкил эҷод мекунад, аммо ин нукта ба назари ҳамабини шореҳ ва ё муфассир ниёзҷӯ мемонад, зеро дунёи ботин муҳити аъзамеро монад, ки барои ворид гардидан дар баҳри амиқи он ва таҳтгирӣ ҷиҳати дарёфти гавҳари маънӣ бояд аз сарномаи достони ғариқони он огоҳ бошӣ ва тӯфоннаварди ошинои беҳаросу бим.

Ба ҳар ҳол, маонии мавсуфи истифодашуда дар ашъори Ҳофиз мабнӣ бар мафоҳими рӯида аз ботин ва саршор аз отифиятҳои тахайюлӣ буда, мутобиқи талаботи машруҳи тасаввуф аз тавсифоти хоси маънавӣ иборат мебошанд, ки онҳоро метавон ба шумули истилоҳоти ноби ирфонӣ қабул ва тавзеҳ кард, чунон ки дар ин амр вожаҳои “киштӣ”, “киштинишастагон”, “киштишикастагон”, “дарё”, “муҳит”, “боди шурта”, “ошно”, “соҳибдилон”, “ёрон” ва амсоли инҳоро, ки аз дидгоҳи суфия маҳзи маҳзари ирфонанд ва решаи ин гунаи вожаву ибороту таъбирот дар аъмоқи дарёи ирфони тоисломӣ ва замони исломиву маърифати ҳидоятгаронаи Қуръонӣ обишхӯр доранд, дар осори ӯ ба фаровонӣ дучор меоем. Ҳамзамон, айни мушоҳидот дар ин назар аз лиҳози рамзу ташбеҳ ва дигар санъатҳои тасвирсоз дар шеъри Ҳофиз ҳамсангу ҳамвазн бошанд ҳам, бо саршорӣ аз ривоёту мафоҳими суннатии тасвирофаринӣ, ки дар шифоҳиёти мардум бештар роиҷанд, аммо ба сифати назари амонати эҷодкору офаранда ва салиқаи ҳунарии гӯяндаи шеър ва муайян кардани маоние, ки марбут ба ин шоиранд, ба тасҳеҳ оварда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, мабнӣ бо дид аз зовияи назари ботин низ бо илова бар таваҷҷуҳ ба ин маънӣ, бо мақсади бархурдорӣ аз таҳлил ва таҳқиқ бар истилоҳот ва ифодаҳои мушкиладои Ҳофиз, ки метавон бо онҳо ба тариқи таассуроти ин маонии фарорафта бар омӯзиш ва шинохти паҳлуҳои забонӣ дар маърифати азбаркардаи ӯ бар оёти Қуръонӣ, падидаҳои мармузи риндонаи ирфонӣ, таассуроти маънавии асотир ва мақолу масалҳои муъҷаз, ки айни онҳоро бештар аз рӯидаи зеҳни мардуми авом бардошт намудааст, ошно гардид, ҳамчунон дар зимни тасҳеҳ бар асари ин бархурдорӣ аз офаридаҳои ӯ мебояд чун аз манобеи сарчашмавӣ кор гирифт, ки шояд дар мазоқи хонанда ҳаловати гуворову мувофиқтаре эҳдо карда тавонанд.

Устоди зиндаёд, профессор Худоӣ Шарифов дар ҷамъбасти мақолаи худ "Ҳофизшиносӣ - худшиносӣ" дар гузораи чаҳорумин давраи ҷаласоти бахшида ба мавзуи дар робита бар шинохти маънавӣ, паҳлуҳои забонии шеъри Ҳофиз ва шахси худи Лисонулғайб ба сифати хулоса бар мубоҳисоте, ки дар маврид пайваста сурат мегиранд, кӯтоҳ, аммо бамавқеъ овардааст, ки: "...ҳофизшиносӣ худшиносӣ аст»[1] ва дар мавриди баҳс таъкид кардааст, ки "...мавзуи аслӣ шинохти ғазалҳои Ҳофиз..." бояд бошад "на худи ӯ".[2]

Мутаассифона, дар мавриди шинохти маънӣ, тобишҳои шевоӣ ва дигар паҳлуҳои забониву баёнӣ ва ҳисси таровишҳои зеҳнии он, ки бар сувари аносир сурат бастаанд, мехоҳем ба нудрат комёб гардид, аммо дастрасии камтар ба мавонеи забониву мантиқӣ ва заифии завқи мо бар шинохти дарунмояи сабки иҳомӣ дар аслмаъноӣ, думаъноӣ ва бисёрмаъноии вожагони истифоданамудаи Ҳофиз гувоҳанд, ки на бар хостаҳои

---

[1] "Садои Шарқ". // Душанбе - 2011 (№ 4), с. 91.

[2] "Садои Шарқ". // Душанбе – 2011 (№ 4), с. 101.

зеҳнии хеш дар ин росто ба комёбӣ мерасем ва ба ин иллат барои муваффақ будан мекӯшем ба сарчашмаҳои дигари ирфонӣ ва назариёти риндонаи ёдшуда дар фавқ, ки Ҳофиз бар ин мабдоъ мурочиат кардааст, ручуъ дошта бошем. Зеро ин мавридро ба унвони дарёфти тачзияи дурусте барои дарки аносир ва бавижа ин ду вожаи мармузи истифоданамудаи Ҳофиз, ки имрӯзҳо ба сифати пешниҳодӣ чиҳати кашфи маънои онҳо матраҳ гардидаанд, бояд ба таҳқиқ омӯхт, ки дар ҳоли тасҳеҳ ба сиҳат дарёфтани маънӣ мусоид бошад ва мавриди шубҳаи аҳли унсу маънӣ ва ё гурези аҳли назар аз баҳси шарҳу тафсир кардани онҳо қарор нагирад.

Бар ин назар аст, ки устод Аскар Ҳаким дар мақолаи худ "Киштинишастагонем ё киштишикастагонем?" таъкиди барчой кардааст, ки: "Азбаски то ба имрӯз як шакли он аз чониби ҳама пазируфта нашудааст, онҳое, ки намехоҳанд ба ин баҳс дода шаванд, бо овардани ин байт чони худро халос мекунанд:

Баъзе нишаста хонанд, чамъе шикаста хонанд,
Чун нест Хоча Ҳофиз, маъзур дор моро!"

То ин замон дар рӯёрӯӣ бар осори қудамо ба тақдири "киштӣ" ва сарнавишти "киштинишастагон" ва "киштишикастагон", ки боровардаи қазову қадар аст, борҳо дучор омадем ва дар азм бар кушод талабидан аз ин шева ба чанд манбаъ рӯ овардем, чунон ки ин чо бо муқоиса бар назариёти дигарон, бавижа, сарчашмаҳои муътамади ирфониву тасаввуфӣ бар ин маънӣ иктифо кардем, аммо мафҳуми бунёдии ҳамин ду вожа аз байти ёдшудаи Ҳофиз ба рӯи мо равзанае бар тафсиру ташреҳу маънӣ кардан боз намудааст, ки мебояд нахуст бар фаҳми нукоти ӯ аз дарунмояи ин шеваи муаммосоз ва мабнӣ бар назари тасвирофари худи ӯ бештар мурочеъ бошем.

Ва чунон ки бар меояд, Ҳофиз низ ба дунболи абаршермардони ин водигоҳи василабанду уммедбахши ҳафт тариқи муҳаббат барои фаҳми мо бар ваҳми хаёлбарангези ин ҷодаҳои пурбало ва гузор аз моварои таҳлукаситези хомӯшу гунгу бесало равзанаеро дар рӯёрӯй ба сифати "фанди сароб" боз ниҳодааст ва риштаи ишқро бар дилҳоямон гираҳ задааст, то ки амсоли балобарсарони мубтало доманкашон аз ҳар тариқе, аз тӯфонҳои гирдбоди пурғубори бодияҳои хушку тафсони фироқ ба тӯфонзои амвоҷи пурбало ва муталотуми дарёи муҳити аъзами ишқ, гарчи мубтало, аммо бешикаст расида бошем. Ба ин хотир мебояд, ки барои комёбӣ ба шарҳу тафсири посухгӯ ба ниёзҳоямон, сараввал аз розу ниёзҳои нуҳуфта дар вожагони мавриди истифода ва сирри маънипардозиҳои Ҳофиз, ки шеъри худро бо ин шева сайқал додааст, огоҳ бошем, то дар ҳавои ошиноӣ ба умқи назару дарёи дили пургуҳари ӯ ғаввосӣ карда тавонем.

Дар охир, ба дӯсту бародари гиромиқадру донишмандам, рӯзноманигори пуртаҷриба ва дипломати шинохтаву варзида, номзади илмҳои филологӣ Абдуғаффори Камол, ки дар мубоҳисоти пурмуҳтаво сари андешаҳое дар фаҳми маънии мармуз бар алфози арабӣ ва шуруҳи форсӣ бо бандагор ҳамраъйӣ доштанд, сипосгузорам.

***Аз муаллиф.***

## ТАФСИР МЕБОЯД, ТО СИРР БИКШОЯД!

Моварои бидоят то ниҳоятро ҳаддест, ки гузори онро ҳидоят мебояд ва ҳодӣ касест, ки ин ду нуқтаро, ки аввалу охир унвон гирифтаанд, бояд дар қавли маънии азалу абад ва оғозу охират ва ба хотири тадқиқи маънии ҳастиву адам ба каломи баҳс мунҷар шудаанд, барои солики шокӣ, ҳокӣ бошад.

Ҳадди иқдоми солик аз тариқи ишқ аст ва аз қаламраве хоҳад гузор дод, ки роҳи пурҷозибааш аз вусъатободи пурмоҷарову азроҳбарандоз, пургудозу соз, оташбозу аташнавоз, аз паҳнаи ноз, аммо бо умеди ниёз, ба манзари маърифат, ба боргоҳи отифат ва бо сифоти васлу висол ба дарёфти сифат ва аз бепаҳноии дарёи бекарон ба маъбари шаффофият, бо орзуи софият ва расидан ба офият ҳидоятгар аст.

Ва, офият, мазмунперо бар сиҳҳат ва отифат бар иффат аст, ки соликро бори маърифат аст, чунон ки дар айни таҳлил бар шинохти мазмун пухтакоре бояд бошад, то дар ҳоли “хаёл пухтан” дар ҷустуҷӯи маърифат бар асари шинохти “зулф”-и ёр, ки риштаи ҷаззоб ва василаи раҳоии ӯ бар ҳоли азоб аст, қонеъ буда тавонад ва бо дилгармӣ бар ин хаёли муҷаззиб равандаи озодманиш ва аз ҳама хавфи монеъ растагор буда тавонад. Ин аст, ки Ҳофиз мефармояд:

...Хаёли зулфи ту пухтан, на кори хомон аст,
Ки зери силсила рафтан тариқи айёрист!
Латифаест ниҳонӣ, ки ишқ аз он хезад,
Ки номи он на лабу лаълу хатти зангорист!
Ҷамоли шахс на чашм асту рӯву оразу хат,
Ҳазор нукта дар ин кору бор дилдорист!
Муҷаррадони тариқат ба ним ҷав нахаранд,
Қабои атласи он кас, ки аз ҳунар орист!

Бар остони ту мушкил тавон расид, оре,
Уруҷ бар фалаки сарварӣ ба душворист!..[1]

Ва айни кор дар коргоҳи силсилашиносон бар насабу шаҷараву аҳли ҷамъу ҳалқабанди мудовим аст, ки огоҳ аз тариқи чустӣ бар дилрабоӣ бурдаанд ва бар латифаву илтифоти ғайбии Ҳақ, ки "ишқ аз он хезад" ва бар шинохти асли одамият, ки на бар чашму диду абрӯву хатту хол, балки бар дилёбист, ком ҷӯянд ва бо шеваи "муҷаррадони тариқат", ки огаҳони ишқ, дилбохтагони тариқати сайру сулуки руҳонианд ва қатъи алоқакардагон аз тааллуқоти дунявианд ва вуҷуду ҳасту буди худро аз разоили хулқӣ муназзаҳ ва Иброҳимвор тарки ҷоҳу ҷалолу молу манол карда, барои расидан ба висоли Ҳақ худро омода намудаанд, колову атласи ахзарии ночизи касонеро, ки беҳунарони тариқанд ва аз ҳунари ишқ орӣ, бар ҷаве нахоҳанд гирифт. Ва дар ҳоли "уруҷ", бо қасди фирор аз худ ва ба арши аъло расидан, ки ҷойгоҳи амни висол аст, ва фалаки сарвариву ҳидояттариву раҳнамоӣ ва коргоҳи соҳиби кароматӣ ишқ ва уммедбахшандаи ҷодапаймои тариқи висол то остону ҷаноби даргоҳи Ҳақ аст, мушкилоту душвору сангиниро пушти сар кардааст, бояд бар ҳоли кушоиши уқдаҳо огоҳ бурда бошад ва, чунон ки боз ҳам Ҳофиз айни солики кашшофро дар худ дида буд, бо уммедвориҳо аз Худои хеш фармуда:

Кас чу Ҳофиз накушод аз рухи андеша ниқоб,
То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд![2]

Ва "кушодани ниқоб" "аз рухи андеша" кори саҳле нахоҳад буд ва ҳиммати онро ринде чун Ҳофиз дорад, ки

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 200.
[2] Њамон љо, с. 317.

метавонад ҳам пардадор ва ҳам пардабардор дар ин амр бошад, то дар коргоҳи соҳирии ӯ “сари зулфи суханро” “ба қалам”, ки рангбор бар шаҳдвори сухан ва бар нигор дар кори тасвири сарнавишту обхурда бар косаи қазову қадар аст, “шона” задан, муҳол ва бенатиҷа намонад.

Аз баррасии ин мафоҳим, чунон ки бармеояд, мақсуд бар кушоиш ва ҳалли муаммои ирфонӣ равона шудааст ва дар ин амр ба ҷуз мурочиат бар осори орифон, ки асоси сарчашмаҳои маърифатӣ ба шумор мераванд, ба комёбӣ эътимод бастан нашояд, зеро орифону аҳли суфияанд, ки басарбурдаҳои хешро бо тавзеҳу тасреҳ ва бо шеваи хеле ҷолибу муҷаззиби фарҳангиву адабӣ, бо ороя бар бадеияти хос ба маърази пурмубоҳисаи адабиёт пешкаши аҳли суҳбату мунозирот вогузор кардаанд. Пас, мебояд нахуст аз суоле кор гирифт, ки муроҷеъ бар фаҳму дарку шинохти маърифатии маънии солики ориф бошад. Ва, дар асл, ориф кист?

Ориф - солики тариқат ва марди ошиқ аст, ки баёни ҳарфи ишқро саодати адабофари хеш медонад ва қадамсипор аз ҳафт тариқати ин водигоҳи бепаҳност, ки лаззату кайфияти руҳонии худро дар ин сайронгоҳи беҳудуду гардишҳои муназзаму бенизом бо ранҷи аташвораи “сукр” бар “беҳолӣ”-ву “бенаво”-иву “бечора”-гиву “бехудӣ”-ҳо ба хотири шинохти худ ва умеди вуслат бо Худои худ, бо гузордани “шукр” бар зикри Ҳақ таҳаммул кардааст ва таърифи ин каломро боровардаи маърифат ва тавсифи ин аъмоли худ ба сифати ранҷи ҳол ва шарҳи қол, бо мақсади дарёфти камол ба маърази таҳлил ва таҳқиқоти башарӣ пешниҳод кардааст.

Манобеи омӯзгорӣ ва расонидани ориф бар вусъатгирии зарфияти фаҳму дарки ҳавосии мутобиқ бар нуктадониву маънирасиву румузфаҳмиву ҳамчунон, такаллуфу ниёзмандиҳои марди маъруф ба “солики тариқат” вобастаи “ишқ” аст, ки тамоми ҳастиву вуҷуду буду набуди худро фидои нафаҳоти он кардааст ва ин “ишқ”

тақдири қисмат ва ҳодиву раҳнамо бар исмат ва талқингари ӯ бар ҳар манзар аст ва назари ориф боровардаи ваҷд аст, ки бар ин ишқ ӯро ба бехудиву ҷунуну бесуботиву беоромӣ ба хотири дарёфти амну осоишу футуввату сахову ҷуду карам ва, пеш аз ҳама шуҷоати паймудан бо мақсади шинохти вартагоҳи ақл дар диди руҳдодҳои зеҳнӣ бо огоҳӣ бар фанду фитнаҳои пешоварди тариқ ва фурӯ рафтан ба фаҳми маънии "фано"-ву "бақо" ва "дунё"-ву "охират" водор кардааст.

Ориф, касест, ки аз вуҷуди маҷозии хеш фаро рафта ва бар фаҳму дарки асрори ҳақиқат маъруф аст ва арзишҳои маънавӣ ва ақлониро дар мизони дарку ҳисси ҳувийятии хеш месанҷад ва бар ҳеч сахтиву душворие кудуррат намегирад ва дилогоҳест, ки бо дуову дуруду ниёишу ситоиш узлатгоҳу хилваткадаи хешро нуру сафо мебахшад ва қуташ бар маърифату маънист ва сукрашро бо оби дидагон ва бар шукр мегузорад ва гӯш бар навои ниҳон ва машом бар нафҳаву насими ҷон фаро мондааст ва бар фақру марг баҳое намегирад, ки "бақо"-ро дар "фано" дарёфтааст ва дар манзаргоҳи дид бар мавҷудот аввал Худоро мебинад ва аз тариқи ҳолу мукошифа ба мартабаи шинохти зот ва асмоъ ва сифоти Ҳақ расида ва ба маърифати камол, дар асл инсони комил аст ва бар ниҳоду ботин "партав аз рози ниҳонӣ"-и "май"-и боқӣ, ки ба сифот аз ишқи Ҳақ бурдааст, махмур аст ва "гавҳар"-и сиришти ӯ бар он "лаъл"-и мармуз муҷассам ва бар ҳоли хеш дар шинохтгоҳи Худо маъмур аст. Ин аст, ки бар кушоиши ин роз боз ҳам Ҳофиз мегӯяд:

Ориф аз партави май рози ниҳонӣ донист,
Гавҳари ҳар кас аз он лаъл тавонӣ донист!
Қадри маҷмуаи гул мурғи саҳар донаду бас,
Ки на ҳар, к-ӯ вароқе хонд, маонӣ донист!
Эй, ки аз дафтари ақл ояти ишқ омӯзӣ,
Тарсам, ин нукта ба таҳқиқ надонӣ донист!..

Арза кардам ду ҷаҳон бар дили корафтода,
Ба ҷуз аз ишқи ту, боқӣ ҳама фонӣ донист!
Лутфаш осоиши мо маслиҳати вақт надид,
В-арна аз ҷониби мо дилнигаронӣ донист!
Ҳофиз ин гавҳари манзум, ки аз табъ ангехт,
Асари тарбияти Осафи сонӣ донист![1]

Ва, ба сароҳат, орифонанд, ки маънибари "сирри ниҳон" дар шинохти "гавҳари инсон", огоҳон аз "рози гул" то "овози булбул", сафҳаороёни "дафтари ақл" ба "таҳқиқ" бар "ояти ишқ", мунодиён бар кашфи асрори "ду ҷаҳон" дар ҳалли муаммои "боқӣ" ва "фонӣ", интизорони "илтифот"-и Яқин бар "осоиш"-и уммедворкунанда бар "дилнигаронӣ"-и ёрони тариқати ишқ, ки роҳиёни он ҷанобу даргоҳ бар қасди висоланд ва сувару маъниро дар дили хеш бо ҳам гунҷо додаанд, то зебоии ботинии яқинро дар ҳарду намо муҳофиз бошанд ва бо таҳаммули ирфоние, ки доранд, дил дар ишқ ниҳодаанд ва ба хотири ин ишқи табарруки саршор бар уммедвориҳову бознамоии орзуҳои абад аз сари дунё гузаштаанд.

Ва, Хоҷа Ҳофиз, ки худ ба симову намову ҳасту буд орифу ринду суфии ба васф беҳамтост, бо пеш овардани ин таъбир, бар тадбиру имдоди розкушо ва маънипеоро ба хотири фаҳми нукоти мармузи пешовардаи хеш, дар сифату симои шарҳдиҳандае чун "Осафи сонӣ" (Осаф - исми вазири донои Сулаймон), ба ёри "суханшинос"-е, ки ба сифат "ақл"-и чорагару батадбири худи ӯст, эътимод бастааст. Ва "ақл" аз назари ирфон таъминкунандаи василаи ибодати инсон бо Худост, ки дар ин маънӣ Ҳофизро раҳнамову ҳидоятгар расидааст.

Дар ҳоле, ки барои рӯнамоии аҳдоф дар шеъри ирфонӣ агар иқдоми кашшоф бар кушоиши рамзу рози

[1] Њамон љо, с. 179.

зоҳиру ботин ва ё ҳақиқату маҷоз равона шуда бошад, пас ин тамоюл ғояти мақсуд аст, ки, пеш аз ҳама, ба кашфи шуҳуд далолат дорад ва соликони роҳи Ҳақ дилҳои хешро аз тариқи тазкияву тасфия сайқалорову муҷалло карданро низ бар комёбӣ дар шинохти ин аъмоли шоистаи инсонӣ, ки аз роҳи санъати тафсир бештар тасвироро гаштааст, мунсариф доштаанд.

Пас, мебояд назари кӯтоҳе бар шарҳи вожаи "тафсир" низ пеш овард, ки ба истидлол собит карда тавонад, ки оё "тафсир" чи санъатест, ки дар адабиёти бадеӣ то ҳадде ба назофату назокату илтифоти беш аз ин ҳам бо бархурдорӣ дар хидматгузории саноеи дигар ба коромад манзур мегардад?

Тафсир - илм аст, ки барои маънӣ кардану рӯнамоӣ овардан аз пардаи рамзу розу мубҳамиёт дар адабиёт хидматгузорӣ мекунад. Яъне, баёну шарҳи возеҳи калом ва рӯнамоиву ошкор сохтани мафҳум ва маънии сухани ғайри сареҳ аст. Илмест, ки ба тавассути он каломи Раббонӣ, бавижа ояҳои Қуръони маҷид, инчунин аҳодиси набавӣ барои омма ба сароҳат тавзеҳу шарҳу маънидод карда мешаванд.

Дар маврид метавон барои саҳеҳ дарёфтани маънӣ дар боби Қуръони маҷид, аҳодис дар навъи шарҳу тасҳеҳу тафсир аз китоби "Саҳеҳ"-и Имом Абдуллоҳи Бухорӣ, аз кутуби тафсирие бар мутуни Қуръонӣ аз "Тафсири Табарӣ"-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, бобҳои ҷудогона ва ба маҷмуъ "Тафсири Ҳусайнӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар осори шарҳталабу тафсирхоҳе, ки дар шинохти маънавияти рӯҳонӣ, балоғати суханварӣ, инчунин барои ошно намудани анвоъи бадеишудаи чеҳраҳо ва манбаъҳои хусусиёти асотирӣ касб намуда, маъонии ирфониву тасаввуфӣ ва амсоли инҳо хидматгузор расидаанд, баҳраҷӯӣ кард.

Зеро, тафсир - илми кашшоф аст, ки бо овардани исботу далоил ва натиҷагириву хулоса кардан, маъниву

маҳаки рози删mармуз ва сабку балоғати суханро ба мантиқ ошкор мекунад ва бахусус ба ҳарфе, ки марбут ба ному намои Илоҳӣ мутобиқи ҷойгоҳи истифодашудааш дар сабки бадеӣ, қиссаҳои динӣ ва ё ривоятиву ҳикоятие, ки бар ишқу сидқу сафои ошиқон, ки нури он бар дили ушшоқ аз пушти “ҳафтсад парда” ҷазбу каш медиҳад, нигаронида шудааст ва ин муаммо каломи муртабит бар ирфони тасаввуф аст ва мояву ғояи каломи собит бар ашъори орифон аст, ки нахустзевари он дар саромади ҳарфи адабиёт, дар “алиф”-и кори санъатҳои адабперо ва музайянгар дар перояи бадеият мунсаҷим расида аст.

Шарҳу тафсир ба гунаи худ марбут ба фаъолиятҳо дар бахши илманд, ки шореҳ ё муфасирро барои маънӣ кардани мафҳумот машғул медоранд. Шореҳон ва муфассирон дар мавқеъи худ хидматгузорони илму ирфон маҳсуб меёбанд, ки ба паҳлуҳои норавшану печидагиҳои маънавиёт дар каломро барои омма тавзеҳ медиҳанд.

Дар робита бар ҳамин масали далелҷӯи худ бар мавзуи зери назар бар ин байти таъкидии Бедили Деҳлавӣ иктифо мекунем, ки бо мухотаби лаззатгире ҳам санъат меофарад ва ҳам дар амри ин санъати латифу малеҳу малоҳатбор, ки рамз аст, бар дарку шинохти маънӣ огоҳ медиҳад ва бо ин огоҳ тасвири зебову дилнишинеро ҳам манзури ҳаводорони каломи хеш мегардонад:

Чи донӣ рамзи дарё, гар надорӣ гӯши гирдобе?
Ки кори хору хас набвад забони мавҷ фаҳмидан![1]

Дар фаҳми ин маънӣ кифоят аст, ки як лаҳза маҳсуб бар ғаввосони таҳтгири дарёи муҳаббат ва ё ғариқони муҳити аъзами ишқ бошем, то бар дарки рамзу рози он огоҳ бурда тавонем, зеро “хас”-у “хор”-ро ки шиноварони болои дарёянд ва аз коргоҳи таҳту умқ бехабаранд, на

[1] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти “Фурўѓї”, Тењрон-1366, с.1062.

огоҳе бар ҳолати "ишқ" аст ва на гувоҳе бар асолати "сидқ".

Ҳамчунон дар зумраи саноеи бадеӣ бар ин шумул аз далоили ороябахш, мешояд аз истиораву ташобеҳу тимсол, иҳому ибҳому киноёт ва даҳҳо навъи саноеи шеърсоз мисол овард, ки беш аз ҳар назаре, бахусус дар мисоли санъати рамз тавонад таҷассумгари ангезаҳои руъёиву хаёливу таровишҳои руҳиву зеҳнии гӯяндагони шеъри ирфонӣ дар пардаҳои розҳои ниёзҷӯ қарор дошта бошанд.

Ва, рамз - санъатест, ки латифтарин, назифтарин ва нафистарин таровишҳои зеҳну андешаҳои орифонаро дар худ гунҷо додааст ва мазҳари инояти софист, ки бо ҷаззобияти пӯшидамаъноӣ хонандаро дар зимни ҷӯёиву кошифият ба дарунмояи ҳарфи маърифат ҷазб медиҳад.

Рамз, аз навъу санъати хеле пураҳаммият ва муҳим барои барқарор кардани равобит миёни аркони мадракиву зеҳниву забонӣ ва музайян кардани фаҳм бар дарунмояи маънӣ ва мазмун дар адабиёти ирфонӣ ба кор рафтааст, ки ҳатто дар адабиёти муосир низ, чи дар шеър ва ё тавониста, ки дар насри бадеӣ ба кор равад ва ҳарчанд мубҳаму печида ва ё аз лиҳози санъатӣ ба сифати иҳом ё ибҳом истифода шавад ҳам, ҳамоно пӯшидамаънӣ боқӣ мемонад, ки, албатта, ба навъе бар шарҳу тафсир дар шинохти наҳв ниёз дорад.

Албатта, фаҳму дарки бештар ва "бархурдорӣ" дар кушоиши сирри "рамз" ҷаззобият ва кашишу кӯшишҳои хирадӣ ва зеҳнии инсони оқилу ҷӯё ва заруриётеро ба хотири пардабардорӣ аз чеҳраи сухан, дарёфт, дид ва шинохти сароҳати маънӣ бар он, пеш меоварад ва дар мавқеъ метавон ба байти зерини пири суханварони Аҷам, бузургсолори адабу фарҳанги форс-тоҷик Абулқосими Фирдавсӣ ба иззати ҳарчи беш таваҷҷуҳ дошт, ки дар "Шоҳнома"-и ҷовидонбезаволу бегазанди хеш бо мақсади шарҳи калом овардааст:

Аз ӯ чанд андар хӯрад бохирад,
В-агар бо раҳи рамз маънӣ барад!

Назири баҳо кардани асрори фаҳм дар ин вожаи нуҳуфтаниҳони дар ниҳоду ботин мутамаккин, яъне кушоиши рамзро бар “Найнома”-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, дар осори бешуморе, аз ҷумла дар тафсири Мавлоно Ҷомӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва даҳҳо тани дигар аз муҳаққиқин ва донишмандони олам низ дучор омадем. Ва, дар ҳоле ки возеҳу маълум гардид, дар маврид бо истифода аз ин навъи бадеӣ саъйи нигаронии муфассир иборат бар ифшои сирри рамзу роз аст, яъне бар ин, ки худро ва ҳаводорони каломи пӯшидамаънии таъбирхоҳи бадеъро бо кушоиш аз номуайяниву мубҳамоту сарпечидагиҳои нуқтаҳои сардаргум раҳо бахшад ва тавонад, ки масъули муваффақ ва комгор доштани хонанда ба тариқи нуқтаи назари хеш бошад.

Дар иртибот бар ин нукта, ки агар мо низ, ки ба тариқи шарҳу тафсир мехоҳем аз дили хеш то дили ҳаводоре, ба хотири фаҳму дарки маънӣ равзанае во карда бошем, бояд бар худ суол кунем, ки оё қодирем, ки тамоми рангҳоро, ҷилваҳову рангомезиҳои тобнокиҳои мармузу мубҳамро, ки дар ин нуҳуфтгоҳ ба мушобаҳати ҳам гунаанд, бе диранг бишносем?

Пас, маонии мубҳаму дарҳампечидаву ҳамчунон пардагӣ, яъне мармуз низ аз ин такаллуф бархурдоранд ва моро барои мӯталошии бештар дар мукошифаву ифшои роз водор мекунанд.

Вале, ин гунаи пазириш бо дарназардошти отифиятҳои ақливу зеҳнӣ, шоири орифро, ки бояд бо мақсуд дар саргаҳи хидматгузории башарият, барои такомули дарку эҳсосоти зебоишиносии он, дар меҳвари адаб ба хотири халлоқияти он қарор дошта бошад, ба офариниши маонии мубҳам ва тасвири иҳомӣ ва мармуз

ниёзманд мегардонад ва муҷиб он аст, ки ӯро ба ҳадди дастрасӣ ба арзишҳои маънавии бештар ҷазб медиҳад ва барои собит доштани андешаву назараш ба дарёфти далоили мантиқӣ имкон фароҳам меорад.

Новобаста бар ин, ки дар ҳоли дигар санъати иҳом ба ғояти ороя ва музайян кардани ҳарфу каломи хилофмаънӣ, ки бо бор додани шакку шубҳа ва гумон ва бо мақсуд бар мутафаккир доштани аҳли завқу назар истифода мешавад, болои кор меояд, пас, шарҳи ин нукта, ки тавзеҳи бештар муносиб бар мавзуъ мехоҳад, низ албатта бо овардани далоили ростин бояд муҷиби таҳқиқ бошад, дар ҳоле, ки ба ҳамин дарёфтҳову хостаҳои завқӣ мутобиқи мақсад ба кор рафта бошанд.

Аммо мушаххас кардани гунаи иҳомиву ибҳомӣ ва ё links мармуз, бояд ба вижагии ҳунари офарандаи санъати бадеӣ ва ё дар доираи ин навъи санъати бадеӣ офаридани маъниву мазмун ҳунари зотӣ ва ё бо навъи ҳунар қаринӣ дошта бошад, то дар зимни коркарди маънӣ ва ё пардапӯшиву мармуз гардондани он паҳлӯи шохиси онро ҷаззоб дошта ва зайну орои онро низ бояд бо шеваи маҷзуб тасвир карда тавониста бошад, ба ҳадде, ки хонандаро барои фаҳм бар шарҳу тафсир ва ё кашфу кушоиш ҷазб дода тавонад.

Кушоиши рамзу роз, ки бар кашфи маънӣ далолат мекунад, дар ҳар сурат муҷиби дастовард бар ҳосилест, ки инсон рӯнамоии онро бар оқибатҳои сарнавишти хеш интизор дорад ва он водоркунандаи саъйу талошест, ки ӯро дар ҳадди худшиносиву худошиносӣ иродатманд мегардонад ва дар водигоҳи орзуҳо ба гумроҳиву саргардониву гумонбарӣ мувоҷеҳ мекунад, аммо илоҷи халоси ӯ низ аз ин вартаи пурбалои гумонофар бояд истеъдоди фаҳму дарку ҳассосият ба замонати ташхиси ӯ бошад, ки аз роҳи тафаккур ҳақиқати ҳолро мушаххас карда тавонад ва раҳоро аз ҳар балову қазо дар баҳои офият бишносад.

Ва, кашфу кушоиш, дар ирфон ба истилоҳ парда бардоштан аз чеҳраи ғайб аст, дар масали рамзиёт ва ба зуҳур овардани ҳикмат бар маънии махуф ва рафъи ҳиҷоб бар рӯнамоии сухани асл аст, ки метавонад дар кори мо ба баҳси ба ҳақиқат рӯнамо кардани ҳоли соликони мубтало дар "киштӣ"-и балобарсар иртибот дошта бошад.

Чунон ки аз таҳлилҳо ва таҳқиқот бармеояд, эродҳои фаровоне, ки бар сари вожагони "киштишикастагонем" ва "киштинишастагонем" сурат мегиранд, боиси арзи ақида ва баёни беш бар матлаби шарҳу тафсир ва рӯнамоии мақсуд бар фаҳми ғояти мазмун мегарданд, албатта, бар асари хостаҳои толибони маъниву тафосири ин ду мафҳуми ба муаммо бадалкардаи Ҳофиз, ки хони баҳсро густарда кардаанд.

Дар робита бояд тазаккур дод, ки ҳосил кардани эътимод бар он, ки бар асари эътиқод ба бор омадааст, оё метавонад, ки дастнавиштаҳои қавонине, ки барои амнияту адолати иҷтимоӣ ва ё руҳонии инсонҳо, қавонини табиат ва адолати сарнавиштӣ ва ё аз Ҳақ бархурдоршудаи инсонро, ки бавижа ба хотири дарку фаҳми маонии ҷаззобу дилнишини links мармуз ва муаммогаштаи ирфонӣ болои кор омада бошад, мамнуъ дорад ва ё барҳам занад? Албатта не! Зеро озодии руҳонӣ ва мадракии инсон бояд бар ҳама хостаҳои фароҳиссӣ ва шубҳаофару гумониву шаккофари руъёиву хаёлии ӯ сар бошанд.

Пас, бар асари ин саъй ҷаҳде бояд, бар ҳоле, ки дар кушоиши маънии ин вожаи ба таъбир мармуз ва мубҳам муваффақ бошем ва сирри тасвиреро, ки мехоҳем аз бунёд ва дарунмояи он ба тафсир даст ёбем ва ба моҳияти фаҳмоӣ ва рӯнамоии он аз наздик ошно бошем, бештар дар ҳиссу фаҳми хеш мавриди баҳраҷӯӣ қарор диҳем, то дар ҳалли муаммои он ба комёбӣ расида тавонем. Ва аз ин ҷост, ки дар баҳси ингуна дастоварде дар мавриди ифшои сирри мармуз дар зимни бороварди санъати бадеъ, ки

накши мифтохро ба ҷо оварад, ба ҷуз ҳамин дарку қобилияти зеҳнӣ ва муфассирии маонӣ чизе ба мантиқ дарнамеёбем.

Бар ин даъвӣ, ки дар кори шарҳу тафсир оё метавонем муваффақу комёб бошем?.. бешубҳа месазад, ки бетардид нахуст ба пандномаи шево ва шеваи шеъри руҳнавозу дилнишини Хоҷаи бузургвор ишқ варзиданро омӯзем ва дили худро аз ҳарорати сухани нарму рӯҳнавози ин шоири ориф ва ринди соҳир тоби гармо бахшида тавонем. Ва, албатта дар ин аҳд моро назари ҳақиқатбин бар кушоди ҳар маънии орифонаи дар пардаҳои рамзу роз манзурнамудаи ӯ мебояд, то ба ганҷури дурри пурбаҳову гавҳари гаронарзиши нуҳуфта дар аъмоқи дарёи ҷӯшону хурӯшону муталотуми андешаҳояш роҳ бикшояд, то ки гавҳари мақсудро берун оварда тавонем ва бар ин асар барои ба офият кашидани бор ва чира омадан дар коре чунин душвор, бояд киштии шарҳу тафсирро бо асбоби тафаккурсозу маърифатперои худи Ҳофиз мараммат созем ва чун мардони Худо аз сатҳи фарогир бар таҳтоб низ биспарданро комёб бошем, ки ин иқдом беҳтару накӯ ояд.

Дар зимни баёни як фикру назари ҷолиб, албатта, месазад матлаби арзишмандеро болои кор овард то ба маврид ва бояд, ки барои исботи ин муддао собиткунандаи назар бошад. Дар ин маврид зеро зиёд ба чашм хӯрдааст, ки гоҳо ба дархурди мабоҳис ба кифоят далеле надорад, аммо аз ҳар зовияе, ки назару диди ӯ мебинад, ҳарчанд қобили қабули дигарон ҳам набошад, ҳатто хилофи онро манзури ҳаводорони каломи бадеъ медорад ва сари гумоштаи худ андешае ҳам надорад, ки яъне мазмунеро, ки қобили пазириш набошад, оё метавон ба сифати ҳақиқати масал ё мисоли пазируфта пешниҳоди умум кард? Ҳатто, дар ҳоле, ки маҷоз низ дар айни шарҳу тафсири ин, ба қавле муаммо ё сирри ба айният бемантиқ вартаҳо эҷод карда бошад?

Дар маврид фақат шоири ориф ва эҷодгари чунин муаммои сарбаста қодир аст, ки тавонад то бар ҳоли кушоиши афкори мармузи орифонааш бар пояи ҳақиқат замонат диҳад ё далолат пеш оварад ва ҳамзамон, на бар асоси ҳадсу гумон ва бо зоминӣ дар тафсили моварoии андешаву афкор ғолибан озод бошад ва дар натиҷагирии ниҳоӣ барои фаҳму қабули маънӣ, низ бо хонандаи закиву нуктфаҳм, ҳатто новобаста аз фосилаи миёни давру замон ва гузашти қарнҳо, бар ҳоли баррасиву баҳс, дар ҷараён қарор дошта бошад.

Аммо, дар ин амр, оё ба таври возеҳ метавон иддаои бархеро далели собит будани ин ақида донист?

Албатта, не! Зеро бояд санҷида гирифт, ки агар масоилеро хоста бошад ба сурати комил мавриди баррасӣ қарор диҳад, оё марбут ба назари орифонаи ӯст ва ё дар ҳоли бадеҳӣ гуфта бошад, ки ҳарчи, мармуз ва ё дар сурати муаммо ба кор рафта бошад, низ ифодааш бар кашфу кушоиш қазоват металабад.

Ин теъдод, ки дар корбурдҳои иддае аз асолибу анвои бадеӣ бо истифода ҳатто бар таноқузу тазодд орои сабк кардаанд, дар мавриди изҳори назар маълум нест, ки аз кадомин зовияҳо иртибот меҷӯянд, шояд дар зимни тахассуси шеършиносӣ ва ё маънитирозӣ бо замонати тафсиру баррасии абёти мубҳаму калимоти печидамаъно иддаое карда бошанд, аммо дар зимн оё имтиёзе ба даст овардаанд ё не, ин ҳам ба сароҳати маънӣ далолат мехоҳад.

Ба ҳар ҳол, ба хотири собит кардани иддао, бо бардошт аз маохизи маҳфуз, ки бар ашъори зайл, яъне мармуз бастагӣ доранд, метавон ҳамчунон ба тафосире аз ин гуна асолиби адабиётшиносӣ низ муроҷиат кард, ки асотиди забардасту нуктагире дар замони худ таҳия ва ба фасл тафсир кардаанд.

Аммо бардошт ва даст додани маънову мафоҳими мубҳаму пардапечи мармуз аз нигоҳи аввал наметавонад

чандон назаррас ба таъбир бошанд ва дар маврид то муфассирро ғарқи андешаи маъногир ва ба умқи мақсуд ҳидоят накунанд, дар амри воҷиб ба мухолифати назар ва андеша ва падидаҳои зеҳниву фаҳм мувоҷеҳи гумону шакку тардид мегардонанд.

Ва ҳам ҷои занну гумони беш аз интизори ҳақиқат, ки доштани ин маъноро ба бор овардааст, назари нуктагирону мунтақидони ақидаҳои ирфониро, ки дар баробари арзишҳои маънавии исломӣ густохӣ шинохтаву ғайримумкин талаққӣ кардаанд, бояд ба ҳақиқат рӯшиносиву маънӣ намоянд, то тавонад айни маониро қобили қабули умум ва бавижа аҳли ҳунари бадеъ гардонанд. Ва агар хилофи назар бошад, бояд ба дурустии тасниф тавзеҳ дода шавад ва назари аҳли баҳсро ба тарзи шигифтангезе ба ин маънӣ мутаваҷҷеҳ доранд ва дар мабоҳис ба дархурди назари аҳли фаҳм равзанае тозатар бикшоянд.

Новобаста бар ин, бояд собит кард, ки манзури Ҳофиз дар ин шева талаби имдод аст ва дар айни муҷодала бо "дил"-и хеш, соҳибдиле ва ё аҳли назареро меҷӯяд, ки дар амри ишқ, ки ӯро гирифтору мубтало кардааст, воҷиб ояд ва бошад, ки худи ӯро, чун дар ҳоли "бехудӣ" ба ҷунбу ҷӯш расидааст, ба водии мурод бозрасонад, зеро ба яқин дарёфтааст, ки "кори дил бо дил" ва кушоиши уқдаи "гирифтории дил" бо мададу ёрии ёри дил бо дил бошад!

Ва ҳам кори кушоиш бар дасти ирфон аст, ки орифонро "Лаб хамӯшу дил пур аз овозҳо" ва саршор бар "ҷоми Ҳақ" дорад ва ҳамчунон ки Мавлоно фармуда:

Орифон, ки ҷоми Ҳақ нӯшидаанд,
Розҳо дониставу пӯшидаанд![1]

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї. Маснавии маънавї (бо њуруфи кириллї). Нашри Замон, Тењрон-2001, с. 503.

Ва месазад, ки дар ин асно ба “овозҳо”-и “пўшида”-ву “розгардида”-ву “муаммоӣ”-и ин “доно”-ён бар асари “дил”-и саршор гўшу ҳуш бошем ва дарёбем, ки чи навҳаву навоеро бо бардошт аз карами нафаҳоти Ҳақ дар худ нуҳуфтаанд...

## БЕДОД БАР ДИЛ АСТ, КИ БАС КОР МУШКИЛ АСТ!

Мебояд сароғоз дар ин маҳал ба мақому манзалат ва моҳияти вожаи “дил”, ки мучрии ин ҳама нисору фидоиҳо ва маҷбури доду бедоди ишқ бар ҳоли фидоиёни тариқати худшиносӣ гардидааст, аз назари худи Ҳофиз рӯ овард, ки дар сартосари осори ӯ хеле ба фаровонӣ ва бо истифода аз манобеи муътамад, дар маонии мухталиф ва нишонрас, ба кор рафтааст.

Вале, ба манзур кифоят аст, то бо таваҷҷуҳ бар шукру шикояти ворафта дар ин ғазал, ки бар шарҳи ҳоли худ бо “дил”-и бологиру бемадораш дорад, ба огоҳӣ ҷӯёи мақсуд ва дарёфти назари ирфонии ин “шоири соҳир” бошем, зеро ба матлаб сухани аввали ӯ дар ин ғазал бо мурочиат бар Худо ва ёрон (мусалмонон), салимон ва аминони роҳи яқин бар асари рамидани ин “дил”-и саркашу шӯридахисол нигаронида шудааст, чун дар ҳоли офариниши тарҳи он манзари “кишти”-еро, ки барандаи “дил” аст, мехоҳад бо ифодаҳои пуртазарруъ бар ҳоли “афтодан”-аш ба “гирдоб”-и бало ва ба “тадбираш умеди соҳиле” доштан мусаввар гардонад ва бо ин сувари мармуз далоиле барои исботи назар пеш бигзорад. Ва айни назар, ки исботу далел мехоҳад, оё бар кадомин оинае акс андохта ва аз кадомин манзаре мехоҳад бар инъикоси ин ҳоли гирифтор мунҷало гардад?

Чунон рафтааст ва чунин бар сар овардааст, ки бо маломату гилагузорӣ аз ин дӯсту ҳамсуҳбату ҳамназари рамидаи хеш, ин “дил”-и дарвешу пареш, аммо ишқкеш ва бар асари ин ранҷ вовайлату “Ё, Раб!..”-ҳо ва “ғафлат”-и хеш ёд оварда, гуфтааст:

Мусулмонон, маро вақте диле буд,
Ки бо вай гуфтаме, гар мушкиле буд!

Ба гирдобе чу меафтодам аз чашм,
Ба тадбираш умеди соҳиле буд!
Диле ҳамдарду ёре маслиҳатбин,
Ки истизҳори ҳар аҳли диле буд!
Зи ман зоеъ шуд андар кӯи ҷонон,
Чу домангири "Ё Раб!..", манзиле буд!
Ҳунар бе айби ҳирмон нест, лекин,
Зи ман маҳрумтар кай соиле буд?
Сиришкам дар талаб дур(р)ҳо чаконид,
Вале аз васли Ӯ беҳосиле буд!
Бар ин ҷони парешон раҳмат оред,
Ки вақте кордони комиле буд!
Маро то ишқ таълими сухан кард,
Ҳадисам нуктаи ҳар маҳфиле буд!
Магӯ дигар, ки: "Ҳофиз нуктадон аст!"
Ки мо дидем, маҳкам ғофиле буд![1]

Дар айни манзар ҳарфи гилояомез бар ҳоли "зоеъ" - талаф шудан ва аз даст рафтани ҳамнафасу ҳамрозе чун "дил", "ҳамдарду ёре маслиҳатбин", каси соҳибназар, аҳли унсу улфат, "истизҳор" - пуштибону паноҳу ҳомӣ ва ё тасдиқи як дӯсти беғаразу маслиҳатрас аст, ки Ҳофиз "вақте"-ву рӯзгоре арзу ниёзи ҳоли худро бар мушкилоти басарбурдааш бо ӯ қисмат мекард ва ворафтани дил аз канори ӯ фаротар бар ҳолатест, ки ӯро ба маҳҷуриву танҳоӣ афкандааст ва бар асари ин пешомад шокӣ бар тақдири сарнавишт кардааст.

Ва ин амр бар қисса кардану ҳикоят гуфтани муаллиф бар ҳоле овардааст, ки ҳам ӯ буда, ки бар ин ҳоҷот ҳамчунон ҳомӣ буда ва чашми умед низ бар тараддуди ин дил доштааст. Ҳатто "Ба гирдоб афтодан" - ба доми балои амвоҷи гирдоб гирифтор шудан, аз чашм

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 211.

гирифтан ё чашмзахм бардоштан бар асари чашми касе ва ҳам “аз чашм афтидан”, ки маънии нопадиду аз назар ғоиб шуданро низ дорад, Ҳофизро бо умеди “соҳил”, ки маъман, “кӯи ҷонон”, “манзил”-и амн, ҷои ба саломат расидан, мақоми уммедвории ғаввосони ошинои дарёи муҳити аъзам, ки аз он наметавон дил баргирифт ва ин манзил маҳаллест, ки баъди комёбӣ ба кайфияти дарёфти ин ҷойгоҳ, ки ба исми Ҳақ ва нидоҳои шукрону тавбапазири “Ё Раб!..”-ҳо дар ҳаққи Ҳақ лаззат додан аст, расонидааст, ҳамчунон бар “ҳунар” - фазилате, ки бе “ҳирмон”-у маҳрумият, ки боровварда бар айб аст ва ӯро ба “соил” табдил додааст, шукргузор аст.

Дар мавриди дигар, Ҳофиз бар ҳоли “соил”-иву талабгор гардидани худ, муфтахар низ ҳаст, ки “соил” дар ҷараёни тасаввуф ба маънии шахси сайёл, чун сел раванда аст, ки дар водигоҳи муҳаббат ҳамеша бо муноҷоту тазарруъ Худо металабад ва Худо меҷӯяд ва Худо мегӯяд ва сели сиришку ашк равон карданро ба кӯи Ҳақ бо муддао раво мебинад, то талабаш бар ҳидоят ва он чи, ки аз Худо хоҳад, борвар гардад.

Аммо, дар ҳоли талаби “дидор” бар “Ӯ” ҳама мавҷудот маҳрумонанд, ҳатто айни қиссае чунинро бар ҳоли Мӯсо (а) дар кӯҳи Тур, ки барои рӯнамо гардидани Ҳақ талабид ва, ҳарчанд, “Аринӣ!” (Бинмой!) гуфт, “Лан таронӣ!” (Маро дидан натвонӣ!) бишнид... дар робита ин гиллагузории Ҳофизро низ наметавон ба “шикоят”-и ӯ бар доди Худо, чун ин уммед ҳама уммедворонро то рӯзи қоим шудани қиёмат нигарон медорад, мавқуф гузошт.

Ва дар ин амр бар назаргоҳи Ҳофиз “сиришк”-и чун “дурр”-ҳо чакида ҳам дар кори “талаб” бар “васл” нишони “беҳосилӣ”-ст ва ҳатто “ҷон”-и “парешон”-шуда ҳам, ки рӯзгороне “кордон”-и баркамолу дар чорагарӣ бар ҳар “мушкил”-е тавонманд буд, бар ин ҳол оҷиз аст, зеро дар ин ҳадд иллат аз “ишқ” расидааст ва бар ҳоли “шокир” будан низ аз “ишқ” бар “таълими сухан” рафтааст, ки

“ҳадис”-и сарнавишту қисматро тақдир бар “нукта”-и ҳазин ва саризабониву баҳсбарангези ҳар “маҳфил”-е кардааст ва чун муаллим бар ин “таълим” “Ӯ” ва “Ҳу”-ст, аз дидгоҳи Ҳофиз сувари “дил”-и гирифтору оҷиз, аммо фаротар аз “нуктадонӣ” ва, баракс, аз шумули ғафлатзадагону “ғофил”-они тариқати худсозиву худошиносист, ки дар ин ҳадд ба таълиму таслият ва доду имдоди Ҳақ ниёзманд аст.

Ва ҳам бар сози бенавоиву бечорагӣ ин саргаштаи офоқ ва мағруқи аъмоқ дар дарёи фикрат, дар рубоии зерини Ҳофиз мехонем, ки дар ин “андеша” бар соҳибназариву ҳамдамӣ бо маъшуқи дилситони хеш, ки ба яқин Худост, бо мурочиат бар ҳоли “дил” овардааст:

Гуфтӣ, ки туро шавам, мадор андеша,
Дил хуш куну бар сабр гумор андеша!
Ку сабру чи дил?.. К-он чи дилаш мегӯӣ,
Як қатраи хун асту ҳазор андеша![1]

Ва тазарруи Ҳофиз бар ин сармояи уммедворӣ, ки барҳақ “Ӯ”-ст, бо ваъдаи муътамад матлаб меорояд, ки: - андеша макун ва дар фикр андармон машав, ки барои туам ва рӯзе они ту шавам ва беш аз ин бар тамкину тоқату таҳаммул андеш ва “дил” дар “сабр” “хуш” дор!.. Аммо чун ба ҳақиқат мебинад, на ҷои сабр аст ва на дил пайдост ва ба ҷуз қатраи хунеро нанамояд, ки муҷиби ҳама “андеша”-ҳост, ба маломату сарзаниш ва ҳикоят бар шикоят мепардозад.

Ва дар рубоии зерини мунтасиб бар Шайх Абусаиди Абулхайр ва ҳам бар Бобо Афзали Кошониро, ки истифодаи бамавриди нусхаҳои тағйирхӯрдаи он дар “Офоқ ва анфус”, мансуб ба Носири Хисрав ва дар “Мирсод-ул-ибод...”-и Наҷмуддини Розӣ низ ба чашми мо

[1] Њамон љо, с. 693.

дучор омаданд ва дар маънии он бар ҳоли халқ шудан ва ғояти хунини дил ёд овардаанд, муҷиби зикр донистем:

Аз шабнами ишқ хоки одам гил шуд,
Шӯре бархост, фитнае ҳосил шуд!
Сарнаштари ишқ бар раги руҳ заданд,
Як қатраи хун чакид, номаш дил шуд!

Агар манзур дар ин назар бар рӯзгори офардани вуҷуд ва тахаллуқи Одам (а) бошад, пас, назокати офариниш бар кори садоқат дар ҳунар ва муъҷизаи берунрасида аз коргоҳи азал аст, ки бо чи обуранге тавониста бошад, то пайкараеро дар ҳоли тамошо бар манзар манзур гардонад.

Албатта, муҳимият дар ин кор бар асари "ишқ" аст, ки дар "хок"-и вуҷуд бар қавли мунтасаб аз "асфалуссофилин" мунтахаб шудааст ва ҳам таваҷҷуҳ бар "об"-и ишқ аст, ки мубарро бар покиву сафост ва "бод"-и ишқ, ки эҳдоӣ аз нафҳаи Офаридгор ва мушаъшоъ ва сӯзону тобон бар "оташ"-и ниҳонсӯзи ишқ аст, ки бо ин аносир пайвад бар чаҳор унсури азалӣ бар интисоб "гил шудан" ва тахмиру таъмир ва муҷиби тааллуқ бар тахаллуқ ёфтани ин вуҷуди муҷид, ки тибқи ривоёти бешуморе ин офаридаи ҷаҳдкунандаи "фавқулода" мусаббаби "шӯр"-у валвалаву ҳоли ҳайратзадагии аҳли малоик ва ҳолати "фитна"-ву гирифторӣ бар "васвосии Шайтони раҷим" бор овардааст.

Дар ҳар сурат, "шабнам" ба айният таровиши сафову покӣ аз раги баргу гулу гиёҳ аст, ки ба хотири як лаҳзаи фидоӣ будани хеш ва ё бар ҳоли нисори хеш бар тоъати "нур", ки интисоби "офтоб" аст, ба ҳақиқат дар кафи барг мерӯяд ва дар анвори офтоб даст бар ҷон мешӯяд, аммо дар ҳоли маҷоз аст, ки таносуб дар "шабнами ишқ" ёфтааст ва ин тасвир орифона ва сӯфиёна аст, ки ниҳояти рамзӣ дорад ва ба маънӣ баёнгари ҳолати тӯфонсипариву

ҷоннисориву азхудгузарӣ бо ифодагарӣ бар ҷозибаи ишқи "шамс", "офтоб"-ро муҷассам доштааст.

Ва, чунон ки сухани фавқ бар асари ишқ шарҳ шуд, бояд ҳам бар ин нукта иктифо кард, ки "ишқ" дар ҳолате ки "сӯзон"-и ноаён, дуздидаравони нуҳуфтаниҳон дар ҳар раги ҷон аст, пас, ҳамон шабнами мусаббаби тӯфон аст, ки ҳамчунон ба сурати "сарнаштар" ва ҳам ханҷари буррон, ки кор бар "раги руҳ" дорад, то кор бар хуни "дил" гирад ва ба малолату хиҷолат андуҳ бор орад, ҳарчанд маълум аст, ки хоки "дил" бо чакидаи ин "қатра"-и хун "гил" шудааст.

Ва бар ин назокату назофати нафҳабурда аз анфоси Офаридгор аст, ки ҳам ба пойбандӣ дар ишқи Ӯ бор овардааст ва ҳам ҳунари эъмор дар коргоҳи ишқ "Ӯ"-ст, ки бо гунҷо додани нафҳаи хеш "дил"-ро ба каъбаи умед, маъбади оғоз то абад, маъмани амни ишқ ва хонаи оинабандони таҷаллинамо орояву музайян карда ва дар он сурату симои "Хеш"-ро "муқаддам бар ҳама аъзо"-и вуҷуд ба намо гузоштааст, ки Одам ин нафҳаву навои бенавокунандаи ифодагари муҳаббату садоқату самимият бар ишқро бо сипос пос медорад. Бар ин иртибот аст, ки ҳам бар ин назар омадааст: "...Дил муқаддам бар ҳама аъзост ва чун дил ба салоҳ бувад, ҳама тан ба салоҳ бошад..."[1]

Бо ин истидлол, аз ҳар назар, ки мехоҳем ба шеваи баёни Ҳофиз дар мавриди вожаи "дил", ки мехоҳад собиткунандаи "рози пинҳон"-и "ҳол"-и "киштинишастагон" ва ё "киштишикастагон" бошад ва мутассиф аст, ки ин "роз" "ошкор" хоҳад шуд, бештар мутаваҷҷеҳ бошем ва хулоса мегирем, ки "дил" аз дидгоҳи ин шоири соҳир маҳал ва манзари оламест, ки дарёи пурталотуми "хун"-ро деворбандӣ кардааст ва "киштӣ"-и тӯфоннабардест, ки руҳу равонро дар маҷрои пуртуғёни

---

[1] Носири Хисрав. Куллиёт, љ. 2, "Офоќ ва анфус", (мансуб ба Носири Хисрав). Душанбе, "Ирфон"-2003, с. 784.

ҳавос ҳаваси шино додааст ва хотири мушавваши "киштинишастагон"-и мубталоро дар муталотуми амвоҷи эҳсосот ба тардиду занну гумону фарзи хавфбор, аммо риҷо, бо мақсади расидан ба ҷамъи "ёр"-они "риҷоулғайб", дар моварои "интихоб" бар ҳоли "мағруқ" гардидан ё расидан ба соҳили "мурод" орзу кардааст.

Ба зарурати азму ҷаҳди исботи фикр дар ин маҳал овардани чанд байти дахил аз ин ғазали машҳур ва баҳонагири Ҳофизро ба далолат бар тафсири мавзуъ ба пуррагӣ зарур донистем:

Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро,
Дардо, ки рози пинҳон, хоҳад шуд ошкоро!
Киштишикастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад, ки боз бинем, он ёру ошноро!
Даҳрӯза меҳри гардун, афсона асту афсун,
Некӣ ба ҷои ёрон, фурсат шумор ёро!..
Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,
Рӯзе тафаққуде кун дарвеши бенаворо!
Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро!
Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,
Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро!
Ҳангоми тангдастӣ, дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ, Қорун кунад гадоро!..[1]

Бар ин асос таваҷҷуҳ ба манзаре равона ва дар қиссае мунсаҷим мегардад, ки ин "воқеият" ва "ғайривоқеият"-и ба тардидоваранда боровардa аз тақдири сарнавишт бар ранҷи ғурбату фироқи фард аст, фарде, ки фаротар аз сабру қаноат дар "фақр"-у "бенавоӣ"-ву "бечорагӣ"-ву "дарвешӣ" ба сар бурдааст ва гӯянда, ровӣ, ҳокӣ, шокӣ ва

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 131.

шорехи ҳоли дар айни хешӣ бар "соҳибдилон", аҳли назару унс ва аҳли дили саркашу париш аст.

Пас, ин манзар ҳомили суоле мерасад, ки оё дил бо ихтиёри худ аз даст меравад? Ва, оё маълум аст, ки ҷаззобияти он бар чист? Ва, оё ин саркаши фарогир аз худ ба куҷо хоҳад расид?..

Албатта, не! Зеро ворафтани "дил" ихтиёр бар ҳоли худ надорад ва ин рамидани ғурбатафзову фурқатгурез, бар нақши матраҳи муҷаззиб таҳрик овардааст, ки бояд ўро аз "худ" то "бехудӣ" кашонад.

Дар ин амр барои "рафтан"-и дил бояд нерўе ҷаззоб бошад ва дилро бо ҷазбу каш ба сўи худ майл диҳад ва ин муҷаззиб кист, ки ҷуз ишқ набошад? Ва ишқи кист, ки ба дарёи муталотуму мавҷхези балояш ин гуна ҷазби ҳоилро ато фармуда, вале ин роҳусардаргумро бо умеди вазидани "боди шурта", дар баҳои интизор нигарон доштааст?

Ва, ин бар он далолат мехоҳад, ки агар муаллифи асар истидлол бар истиқлоли комили офариниши суварро дар хеш ба мухторият касб накарда бошад, пас, барои қазия ҷустан дар ҳоли кушоиши рамзу мубҳамиёти иҳомофар дар ашъори мармузи Ҳофиз, бавижа дар фаҳми маънии "боди шурта", худ ноилоҷу ноком мондааст ва ҳам бо қазоватҳои миёнхолии хеш хонандаро низ дар ҳалли қазия "бод бар каф гирифтан" додааст. Зеро, то ҳадде ки, ҳатто агар кушоиш аз ин даст ғайримумкин аст, пас, барои офариниши мабоҳиси доманадор ва пайдарҳами бенатиҷа, аммо кушоиши уқдаҳои нобарҷову норавони он метавонад майдонҳои дигар офарад, ки уммедворӣ бар нармнавоии "боди шурта"-ро дошта бошанд.

Нармиву сафо, айни ҳавоест бар ин нармнавоии "боди шурта", ки аз диле ворафтааст, то боз бар диле биншинад ва ба сифати асл нафҳаи Илоҳист, ки инсони соликро дар ҳар тариқ ҳаводори хеш доштааст ва фаро рафтани инсон аз хостаҳои ихтиёрии ў дар баробари сарнавишт ва мукофоти қазову қадар бар аъмоли ўст, ки

дар сурати ба сароҳат дарёфтани ин маънӣ метавонад чи дар баҳр ва чи дар барр, ки манзари пӯишу ҷустуҷӯву гуфтугӯи ӯ дар мавриди ишқ аст, муваффақ бошад.

Ва дар ин амр низ, мунтазирони дилгарми ҳавову ҳаваси кӯи “мурод”-ро, илоҷ расидани “боди шурта”, мояи уммедворӣ бар нафҳаи шафқат ва насими раҳмати Ҳақ аст ва далел бар давои мавҷхӯрдагону тӯфонбурдагони ин дарёву баҳр дар муҳити аъзам, ки гирифторони “бало”-ву “моҷаро”-ро то фарорафт дар қиёмат, нигарон доштааст, ҳаводори ин бод гардонидааст ва интизори эшон муборак аст.

Пас, “бод” дар ирфон чи нақше дорад ва чи ҷои тавсифи он аст, ки дар манзар Ҳофиз бар ин бод на хурдагир аст ва на дар вазидани он безорӣ меҷӯяд, балки бо панҷ ҳавос дамидани онро, ки “шурта” аст, ҳамеша интизор дорад?

Албатта, “бод” дар адабиёти ирфонӣ ба чанд навъ, аз ҷумла аз як назар ба маънии ҳавобаландиву кибру ғурур ва ҷунунафзоӣ сабт шуда бошад, ҷанбаи дигари он ба фаҳм расонандаву эсору нисоркунандаи файзу сахомандиву баракати ғайбӣ низ ҳикмат шудааст.

Аммо, дар ин ҳолат чи “бод”-ест, ки Ҳофизи нигаронро дар ғуборзадагии “дил”-и шайдо бар ҳоли бенавоиву танҳоиву фақру ано уммедвор кардааст? Гунаи бодҳо ва тарзи истифода шудани ин унсури табиат дар саросари осори Ҳофиз бо асомии насим, сабо, боди саҳар, бӯй, шамол ва ғайра борҳо дучор омадаанд, чунон ки дар иртибот бо муроҷиат бар “бод” ва гузори он бар кӯи “аҳбоб”, дар айни дигар ҳамон “соҳибдилон”, ки “ҷонон”-и мақсудиву ормониву парвардаи орзуҳои ин ориф дар он миён, дар он макону кавн, дар олами лоҳут ҷойгоҳу маъво кардаанд, дар байти ғазали дигар низ ин манзарро манзури ҳаводорони каломи хеш мегардонад, ки мехонем:

Эй бод, агар ба гулшани аҳбоб бигзарӣ,

Зинҳор арза деҳ бари ҷонон паёми мо![1]

Вале истифодаи иборашудаи "боди шурта" дар ин осори ба мазмуну муҳтаво ирфонии Ҳофиз ва бахусус дар ғазали фавқ, бамаврид ва мутобиқ ба хостаи "дил"-и вомонда дар "киштӣ"-и умр ва роҳии сафар, аммо гирифтори "ист» ва "таваққуф"-и вақти хеш аст, истифода шудааст, ки дар мавриди дигар "нигаронкунанда" бар "интизор" ва дидаҳои нигарони "шокӣ" бор овардааст ва ин манзар муҷиби нуктагирӣ ва боиси бештар шӯр додани баҳси маънавӣ дар мавзуъ расидааст.

"Боди шурта", дар маврид, гирифта бар ғазали "Дил меравад зи дастам!.. ", намову сувари ҳидоятгару раҳнамо ва нерӯи таҳрикдиҳанда аст, аммо ҷазабае низ аз сӯе вуҷуд дорад, ки ин бодро ба ҷунбишу вазиш ва дар нақши ин "бод" киштии умедро ба таҳрик оварад ва ба "сӯ"-е дар "бесӯӣ" кашад ва ин ҳам ба манзур, албатта муҷассами мармузи "ишқ" аст, ки бар нафаҳоти Илоҳӣ саршор, таҷассуми ишқе, ки одам, солики ошиқро ба тазарруъ бар махотаби "Худоро! ", яъне "аз барои Худо! " дар пои "соҳибдилон", аҳли дил вонишонда ва ӯро имдодхоҳ ва матлуб бар доди Худо кардааст.

Ва бо ин амр марди солик дар ҳоли ворафтан дар ишқ такопӯ дорад, ки ҳидоят бар ҷунуну фарорафтан аз ақл дорад ва аз "соҳибдилон" бо кумаку ҳидояти "Худо" имдод металабад, яъне бо вуҷуди соҳибдилони мададгор, умеди ӯ боз ҳам бар "Худо"-ст, зеро ҷуз Худованд ҳеҷ нерӯе наметавонад, ки дар вомондагии ошиқ бар тӯфони балохези ишқ мададгору ноҷӣ бошад. Ва амин аст, ки то Худо ҳаст, ба нохудо ниёз нест, зеро сармояи умедворӣ низ танҳо дар таваккул аст, ки бар Худост ва "соҳибдилон" ёрони маърифатӣ, ҳамдилон ва ҳамнавоёни Ҳофиз дар ҳоли "бенавоӣ"-и ӯянд.

---

[1] Њамон љо, с. 138.

Мурочеъ будан пеши соҳибдилон ба хотири расонидани арзи дил аст, аз барои кушоиш ва ошкор намудани «рози пинҳон», сирри нуҳуфтаи ҳам Ҳофиз ва ҳам ноил гардидани ў ба таслияти ҳамдилон, “соҳибдилон”, соликон, ки роҳиёни барриву баҳрнавардону ҳамсафарони тариқати “ишқ”, касоне, ки аҳли дилу дидаву назаранд ва ба дарку эҳсоси зеҳниву шуурӣ бар заковату хирад, ба вижагии тақдисии софиву зарифият ва шарифият иртиботи ҳамешагӣ доранд ва маърифатёфтагони дараҷаи камоланд, ки расидан ба маъвои “риҷоулғайб”, ёрони биҳиштиву азалии хешро орзу кардаанд.

Соҳибдилон - роҳиёни тариқати ишқ, ҳамдаму ҳамгому ҳамназарони маърифатии Ҳофиз дар водигоҳу саронгоҳи сулуки руҳониананд, ки дар баҳру барр бо умеди висол мепаймоянд ва дар ин тариқ, низ уммедворкунанда ҳамон “боди шурта” аст, ки раҳнавардони тариқ, ошиқони ҷодапайморо аз водигоҳи муҳаббат, ба ҳайрониву сарсонӣ, ба муҳити аъзам, ба дарёи нопайдоканори сидқ мекашонад ва аз тариқати ишқ ба паҳнои маърифат, ки меҳвари уммедвориҳо бар муроду висол аст, мерасонад.

Аммо расидан ба мурод пеш аз ҳама ба ҷасорати риндона ва пўёии худи Ҳофиз бо алоиқи доштааш бар Худо ва ҳадди шинохти ин номи муқаддас дорад ва оғозу анҷоми тамоми иқодомоташро бо зикри ин ном иртиботу ҳамбастагӣ эъто кардааст ва фикру зикри холисашро, ки бешак Қуръонист, бо Ў пайвастааст ва худро бо гармие, ки дар дил бо ин ном мепарварад, бештар бо орзуи расидан ба кўи “мурод”, бо Ў алоқаманд мегардонад ва дар ин моваро бо амри таслият ба пешомади ҳар тўфону балоҳо, ки бар амвоҷи ин баҳру дарёи муталотум сар овардааст, хешро музаффар мегардонад.

Ғолибияти ҳиссӣ ва ботинии Ҳофиз низ пеш аз ҳама вобаста ба истиқлоли комили фаҳму дарки ҷозибӣ, муҳтарам доштани ин ном ва шокиру зокир будани ў бар

ин исми аъзам аст, ки ба худшиносиву камоли маърифати ӯ равону тавон бахшидааст ва бар инояти ин дилгармиҳо нерӯи ҷозибаи ишқ ин ҷонибро ба саломати муҳаббати бандагор ва Худо ком бахшидааст ва дар заминаи сабру таҳаммул уммедвории ӯро низ ба расидани боди мурод бештар қавӣ гардонидааст.

Ҳофиз, ки "дар чордаҳ ривоят" азбар хондани Қуръони маҷид ва "саодатталабӣ аз давлати Қуръон" доштанро иқрор кардааст, гуфтани шеърро ҳам ба ҳар навъ содагӣ қабул надорад ва ашъореро, ки сурудааст, агарчи бархе дар назари аввал бепардаву кушодаву равшану сатҳӣ менамоянд, аммо дар ҳама ҳолат фикри ӯ фаротар аз зикраш мубҳаму печидаву链 мармуз аст, ки ҳамеша ба тафсиру шарҳ ниёзманд аст, чунон ки шарҳи ҳоли одамро, ки "нишастаи киштӣ" ва равонаи навардидан дар баҳри муталотум аст ва бо панҷ ҳавоси хеш "шикастани киштӣ"-и "умр"-ро дар ҳаводиси зоянда аз балоҳои мавваҷи ин баҳр, ки баҳри ҳаёт аст, дар нуҳуфтгоҳи ғафлат интизор дорад, аз дидгоҳи орифона ва мутобиқи тасаввури соҳирона суварнигоронаи хеш ва бо мақсади расонидани пайғоми он ба башарият, тасвир мекунад. Вале, ҳамзамон дар баробари ин интизор, Ҳофиз орзуи ҷовидонаи дидор бо "ёру ошно" ё дар бархе аз сарчашмаҳо омадааст "дидори ошно"-ро, чун айни намои суваре, ки дар ин ҷаззобият бар кӯи "мурод" бор овардааст, дар "дил" мепарварад.

Агар дар ин нукта ба айният назар дошта бошем, "Ёр"-они ошно, ҳамнафасони азалии малакутӣ ва биҳиштии Одам (а) мебошанд, ки шиноварони баҳри бекарони Лоҳутанд ва "мурод" ба яқин Ҳақ аст, ки дар шашҷиҳати бесӯӣ, дар баҳри беҳудуди Ломакон макон кардаву дар сайронгоҳи ин бенишонӣ дилшудагонашро аз пои ҷустуҷӯву уммедворӣ такопӯ додааст. Дар айни ҳол, Ҳофиз бо пешниҳоди ҳарду мафҳум, ки "киштинишаста" мегӯяд ва ё "киштишикаста" менависад, собит аст, ки худ

шореҳу муфассири ҳарду маънист, чунон ки дар вартагоҳи ин дарёи муталотуму маввоҷи муҳити нопайдоканори аъзам бар сози уммедвории хеш бардамидану бархестану вазидани "боди шурта"-ро бесаброна мунтазир дорад, то ӯро ба манзилу маъвои "мурод" кашонад ва бо бӯву насими висоли ёр ком бахшояд.

Ҳофиз дар маврид ҳидоятгар аст, ки бо офарда ва овардаи андешаи маърифатии хеш инсонро барои расидан ба камоли маърифат ҳушдор додааст, зеро ҷойгоҳи "ошно" ва маърази "дидор" мақомеро касб кардааст, ки расидан ба он маъво кори саҳлу андаке нест ва заҳамоти пурҷӯшеву дархурӯшеро дар пай дорад. Дар мавриди дигар бо ин тарҳи хеш таъкидеро раво мебинад, ки "ошно", ки ба маънои "шино"-ву "шиноварӣ" низ тафсир мешавад, инсони орифро ба муҳити нопайдоканори маърифат, ба коргоҳи ҳулул, чунон ки қатраро ба баҳр, майл медиҳад ва ғаввоси гавҳаргири андешаи ирфониро ҳарчӣ беш расидан ба "муҳити аъзам" талқин мекунад, ҳамзамон муваффақияту расидан ба муроди солики тариқатро барои хеш аз ҳар назаре пеш мегузорад, то "шино" бар он манзарро ком ёбад.

Кори сарнавишт ба дасти наққоши азал аст, ки ҳаволат бар қазову қадар шуда ва уммедворонро орзуи "гавҳар"-и маърифат аст ва айни гавҳар ба далолат бар худшиносист, ки ба ғоят муҷиби камолоти инсонист ва ҳама такопӯи инсон низ дар баҳри муҳити саддофари ҳаёт бо мақсуди соҳибият бар ин дурри бебаҳост, аммо дастрасӣ бар он мушкилафзост ва дарёфти маънии онро боз ҳам бар иддаои Ҳофиз "Талаб аз гумшудагони лаби дарё..."[1] бояд кард, ки азхудрафтагони бехуди тақдир, ба соҳилрасидагони бетафовути сарнавиштанд.

Назари мавриди мубоҳиса дар баробари афкору ибрози тасаввуфии боровварда дар ин ғазали Ҳофиз,

[1] Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Куллиёт. Тењрон, "Нашри замон"-2001, с. 84.

ҳамзамон ба рӯнамоии манзалат ва шохис намудани “ҳақиқат” бар “маҷоз” равона гардидааст, ки инъикоси маърифатро дар ҷойи аввал мепазирад ва ба ин роҳ дарку фаҳми зеҳнии инсони оқилро дар шинохти олами мавҷуд бо тавсифот аз олами лоҳуту носут, ки дар заминаи он инсон ва дараҷаи расидан бар камоли ӯро бар асос мегирад, ҳокист ва дар асл, чунон ки бармало мегардад, сифати ин одами заминиву хокиниҳодро аз ҳар манзаре ба миқдор муқаддару болотар ба намо мегузорад.

Мутобиқи тасвири Ҳофиз дар ин ғазал, мақсуд шарҳи сарнавишти инсон аст ва дар маврид инсони манзари ин тавсиф мабдаъ ва маоди басарбурдаашро тамошогар аст, ки бо ин тарзи муносибат метавонад ҷойгоҳи азаливу абадии хешро бо муқоиса дар ҳарду олам ба намо бинад ва дар робита аз дидгоҳи хеш ба хубиву зиштӣ ва шинохти тафарруқи неку бади басаровардааш баҳо карда тавонад.

Ва бо ин, ки ба самимияти доштааш бо уммедворӣ бар “бақо” ва “меҳр”-и ин “даҳр”-и “даҳрузӣ”-ву муваққат эътимоду бовар надорад, ҳамоно ин ҳамаро дар рӯёрӯии саодати абад ба сифати “афсонаву афсун”-у фитнаи дунё гирифтааст ва аз башарият дар ин баҳои мутафарриқ барои хештаншиносӣ дар заминаи накӯиву қадршиносӣ даъват оварда ва бо шукрони лаҳазоти “саломат”, лаҳзаҳои сиҳату ҳаёт будан, аз Худои хеш, аз “Соҳиби каромат”, талаби “тафаққуд” ва дилбардорӣ мекунад, зеро “осоиш”-и ҳарду оламро бар оромиши ҳоли худ, ки аз омадан то рафтан дар шарҳу тафсири “ду ҳарф”-и мутафарриқ, дар “нек”-у “бад” мунсаҷим дидааст, истиқбол мекунад ва ёронро ба “мурувват”, мардонагиву ҳимматбаландӣ ва дар баробари ноаҳлон бо “мадоро”, боилтифоту меҳрубон будан роҳ менамояд, чунон ки амри таъкидро низ бар ин баҳона дарёфтааст, ки натиҷаи чунин “гузар” бар “кӯи некномӣ” танҳо ба тавассути рӯ овардан бар ислоҳи тахаллуқи инсон ва расонидани он ба дараҷаи камоли

маърифат аст ва айни маърифат дар тобоварӣ бар сабру қаноату тамкин дар ҳоли "фақр"-у бенавоиву бечорагӣ, ки моҳияти таълим ва созиш бар хулқу хӯ ва ба матонати худсозии ӯро дорад, даст хоҳад дод.

Аммо, ҳоҷат бар ин "фақр"-и муаллим бар мутааллим бар чист, ки боровархандаи "тангдастӣ"-иву бенавоист, аммо Ҳофиз бар шинохту раво донистани он даъват ба амал овардааст?

Албатта, моваро тарафу ҷонибу сӯест, ки бар шаш ҷиҳати олам далолат карда метавонад, қароргоҳи миёни "нек"-у "бад" ба масофати муайян аст ва ҳадде дар ин миён аст, ки инсонро дар масобаву дараҷаи озмоиш ва имтиҳон қарор медиҳад. Пас, "тангдастӣ"-и инсон, ки бар ҳоли "фақр"-у "бенавоӣ"-и он фароҳам омадааст, чи манзарест, ки бар дигар мабдоъ сарчашма ёфтааст ва ӯро дар ин вартагоҳ нигарону дилнигарон кардааст? Албатта, ин ҳадд ба масофати таҷрибашуда барои расидани инсон ба худшиносӣ ва дараҷаи камолу маърифат аст, чунон ки Худованд барои бандагори сарсупору мумтаҳани хеш озмоиш кардааст, то ӯ сарфи худро дар саъйи сабру қаноату шукр бигзорад ва ӯро ба далели нодорӣ - доро, дар нотавонӣ - тавонманд ва дар нокомиҳо - комёб гардонад ва дар матонати комёбшудааш ба давлати уммедворӣ расонад.

Дар амри дигар, "тангдастӣ", ки ғояти "фақр" дар ирфон аст, ин ҳолати ҳоҷатофари инсонро ба "кимиёӣ" ниёзманд медонад, чунон ки кошифин дар ҳолати "зар"-ро аз "забад" ҷудо кардан ва ё тиллои холисро аз хоку сангу филиз берун овардан, аз "кимиё", ки ин моддаи софибахш аст, истифода мекунанд, Ҳофиз низ бо ин мурод мехоҳад сувари худсозиву ба маърифати камол расидани инсонро дар айни чунин "кимиёӣ" комёб гардад. Ва муҷибияти мусаббат бар ин ҳолати тахайюлӣ бар ҳоли "худсозӣ"-ст, ки дар зимни рӯнамоии лубби лубоби вожагонӣ аз дарунмояи калимот ва иборот ба маънӣ, дар

ҳоле, ки ба монанди “айшу мастӣ” ва ё “кимиёи ҳастӣ” мегӯяд, мехоҳад пеш аз ҳар назаре завқи риндона ва таассуроти мармузи рӯъёиву хаёлии хешро рӯнамо гардонад, вале ҳарчанд чунин тасвирҳо мутобиқи корбурди навъҳои бадеии суварнигорӣ дар сунъҳоии иҳомиву ибҳомӣ ва ё румузиву мушобеҳот аз диди шоиронаву орифонаи ӯ ба кор рафтаанд, дар ҳар сурат ба мақсуд рӯнамо кардани сифати ҷамоли Ҳақ аз ин ашъор ва аз ин иборот пеш меояд ва ӯро бар орзуҳои тахайюлиаш, амсоли дар дил парвардани “боди шурта”, ки талаб бар “мурод”-и ҳар инсони ҷӯёи маърифат аст, комёб медоранд.

Агар дар иртибот бар мақсуди Ҳофиз дар пардапӯшиву мармуз доштани ин ду вожаи баҳсоро, ки аҳли назарро ба тардиду гумону шак овардан водор кардааст, аз гумону иҳом бигзарем, шояд мавсуф ҳарду маъниро, ҳам “киштинишастагон” ва ҳам “киштишикастагон”-ро манзур дошта бошад, зеро “киштинишаста” ҳам ба “боди шурта”, насими мувофиқ, ки муҷиби мурод аст, ниёз дорад ва “киштишикаста” ҳам, ки дар баҳо раҳои худро бар тахтапораҳо ҳаволат медиҳад.

Ва умед доштан бар вазидани бод, фаротар аз ҳама маонии зоҳирӣ, низ бар он аст, ки “бод” мояи таҳрик аст ва ба ҷунб додани киштӣ ё тахтапораҳои шикаста, ки мусофирон бар он нишаставу даст бастаанд, боис мегардад. Ва ин азм ғояти фоле бар ҳолест, ки инсон худро ба сурати мусофирони “киштии шикаста” дарёбанд ва бо ҷаҳди умедворӣ, ки бар соҳил бастаанд, саъйи хешро бар комгорӣ такомул бахшида тавонанд, зеро айну аён аст, ки дар ин ҳолат “киштинишаста” ҳам бо умеди расидан ба манзилу маъвое суд мехоҳад ва “киштишикаста” ҳам бо тан ба тахтаи шикастае ниҳодан, бештар ба “уммед” дил мениҳад, ки айни амалӣ гардидани “уммед”-ро ба тасаввур дар вазидани “боди шурта” мебинад ва бо ин роҳ аз раҳо суд меҷӯяд.

Айни чунин умедвории ошнои омода бар шиноро, ки ба имдоди ёри “соҳибдил” интизор мебарад, метавонем дар ин байти Мавлоно аз “Маснавии маънавӣ”, аз дафтари 3 (Фирефтани рустоӣ шаҳриро ва ба даъват хондани бало ба лобаву илҳоҳи бисёр) ба далел гирем, ки одамиро ба сурати “киштӣ” ва “бодбон” ба қалами тасвир мегирад ва дар маҳалли интизор бо доштани уммедворӣ, ки сармояи ғоятии ӯст, бар расидани “бод” аз ҷониби «бодрон», ки ба манзур сифати Худованд аст, қарор медиҳад ва мефарояд:

Одамӣ чун киштӣ асту бодбон,
То кай орад бодро он бодрон![1]

Агар муроди Ҳофиз аз имдодталабӣ бар «соҳибдил» бар Худо бошад, ҷои баҳсе надорад, зеро ҳар озими сафаре хостори саломату амнияти роҳ аст, ки дар ин манзар аввал ба Худо умед мебандад ва аз ин назар метавон дар ғазали маъмули Ҳофиз ин миқдор лутфро ба пайовардҳои маърифатӣ ва бархурдории ӯ аз манобеи тасаввуфиву ирфонӣ ва маорифи қадимии тақдисӣ дар сатҳи чунин уммедворӣ гурӯҳбандӣ кард.

Ин, ки ба манзур бар ҳоли “дил” аз ин ғазал ва дигар ашъори Ҳофиз, ки ба далолат овардем, назири чунин бечоранолиҳоро низ дар осори дигар орифон ва, умуман адабиёти ирфониву тасаввуфӣ, зиёд ва ба фаровонӣ вар хӯрдем, ки ҷое шабоҳату тавсифи ин “киштӣ” ба сувари худи “одам”, “ҳаёт”, “вуҷуд”, “тан”, “дунё”, “умр”, “тақво”, “ҷом”, “ақл”, “сабр”, “тарс”, “руҳ”, “калом”, “ҳилм”, “тадбир”, “уммед”, “шариат” ва, ҳатто “дил” арзёбӣ гардидааст ва чунон ки манзур гардид, ин маъниро ба ҳар наҳве дигар низ беш дучор омадем.

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї. Маснавии маънавї (бо њуруфи кириллї). Нашри Замон, Тењрон-2001, с. 222.

Агар “киштӣ” ба ҳар навъе, ки сувари ҷисм ё “тан”-и инсон бошад, пас ба шикасти сурат мувоҷеҳ мегардид ва руҳро дар ин муддат умеди раҳо аз ин қафаси дилгиркунанда дар сабри бесобиқаву бемунтаҳо бар интизор медод ва шояд ҳам интизорашро дар ин аҳд бор медод. Аммо дар мавриди дигар руҳ, ки борвар бар нафҳаи Илоҳист, наҷотро низ аз ноҷии худ, аз имдоди Илоҳӣ умедвор аст ва бар ин истидлол аст, ки Мавлоно бо тазарруъ ва навҳаи бенавоӣ пеши Яқин бар ҳоли дил, ки ҷойгоҳи маъмани ин нафҳаи муборак, вале гирифтор аст, ба илтиҷо меояд:

Қасди ҷафоҳо накунӣ... в-ар бикунӣ бо дили ман,
Во дили ман, во дили ман, во дили ман, во дили ман!
Қасд кунӣ бар тани ман, шод шавад душмани ман,
В-он, ки аз ин хаста шавад, ё дили ту, ё дили ман!..
Сӯхтаву лоғари ту, дар талаби гавҳари ту,
Омадаву хайма зада бар лаби дарё дили ман![1]

Чунон ки аз ин қитъа бармеояд, “тан” сувари ҷисм аст ва шабоҳати қафасест, ки дилро, ки нафҳагоҳи Ҳақ аст, дар худ нигарон доштааст ва “хаста”-кунанда аст, ки дилро мубталову гирифтор кардааст, ва дил, ки нафҳагоҳи Ҳақ аст, раҳоӣ аз қафаси танро ворастагиву истиқлол медонад ва илтиҷои марди тариқат ва инсони соҳибдилро низ ба бор оварданаш сирри ҳамин муддаост.

Аммо, дар манзар низ, чунон ки ворафта аст, мақсуд ғояти талаби инсон аст ва вобастагӣ ба орзуи “висол”-ро дорад, ки ба мурод, ба таҷаллии нури Мутлақ расиданро айни уммедворӣ медонад ва “киштинишастагон” ва ё “киштишикастагон”-ро волотарин умед, орзуи ҳузур овардан ва ба мазҳар расидан, ба дидори ҷамоли Ҳақ додааст ва мақоми вопас ё соҳили мурод ба тавзеҳ ҳарими

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 674.

маъшуқ аст, ки ин уммедворонро бар “лаби дарё”-и ҳақиқат, бар интизори “боди шурта” ба хотири сайру сулуки руҳонӣ ва ворафтан аз худ бо қасди “талаб” ва дастоварди гавҳари “висол” мунтазир доштааст.

Ба ҳар далелу иддао, ки агар мақсуд бар дарки ҳоли роҳиёни сафари руҳонӣ ба кушоиши рози “боди шурта” сахт мунтасиб бошад, пас, бояд ҳамзамон бо ошноӣ бар хусусиёти ин бод оғоз гирад, ки агар боди мурод аст, саршор аз нафаҳоти орзуҳои ҷаззоб ва васлгар дорад, ки илоҷи дарди ҷудоиву дурист ва чораи раҳоӣ аз ҷудоии инсон ва ғурбатзадагии он ба эътимоди қавӣ бастан бар ҳамин мояи уммедворӣ ҳам кушоиш намеёбад, чун ҳама вақт ин бод наметавонад, ки ифодагари ҳолу ҳолат ва вазъи киштӣ бошад. Ин, ки омадааст:

Бо табъи малулат чӣ кунад дил, ки насозад?
Шурта ҳама вақте набувад лоиқи киштӣ![1]

Ин аст қиссаи сарнавишт бар ҳоли аҳли ин киштӣ, ки албатта ҳар каси хонанда ва ё нуктагире онро ба тарзу усули худ таъбир мекунад, чунон ки иддае “нишаста” ва иддае “шикаста” мехонанд ва ин эътиқоди муътақидонест, ки маъниро бар ҳоли худ фаҳм кардаанд, на ба хостаи ботинии шоир, ки маърифати ин, ба истилоҳ мафҳумро ба тарзи худ ҳикмат карда буд ва онро аз лиҳози фаннӣ, тавре ки ба хондани зоҳирӣ дарк кардаанд, баррасӣ мекунанд.

Ва ҳунари маъруфи шоирӣ ва соҳирии Ҳофиз низ дар он аст, ки тавониста, то дар офариниши рамзиёт ва мубҳамиёт қодир, дар фаҳми маонӣ чира ва маъниофариниаш нодир бошад, дар ҳоле, ки ҳунари волои мисраи баъдӣ ва ё ибороту калимоти пасояндро тавзеҳдиҳанда, рӯшангар ва ё шореҳи гуфтаҳои аввал арзёбӣ карда тавониста бошад ва матлаъ то мақтаи

[1] Куллиёти Саъдї. Ѓазалиёт. Интишороти Бењзод, Тењрон-1382, с. 516.

шеърро бар фикр дар атрофи маънии асос музайян ва хонандаро бар фаҳми ин маънӣ мутафаккир дошта тавонад.

Ва Хоқонии Шервонӣ "шикаст"-у "бешикастӣ"-и "киштӣ"-ро, ки ба "ҳаёт" мансуб донистааст, дар оромиши "баҳри ғам" тасаввур кардааст ва аз тасвири ӯ дар қитъаи зерин ба сароҳат бармеояд, ки агар дар баҳри вуҷуди инсон тӯфонбоди ғам хуфтаву ором бошад, киштии умр ба осудагиву осоиш мепаймояд:

Киштии ҳаёт кам шикастӣ,
Гар баҳри ғам орамида будӣ!

Айни тасвирро, ки ба "дарё" ва "киштии умр" равона шудааст, дар адабиёти ирфонӣ фаровон дучор меоем ва бар ин аст, ки одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ "умр"-ро ба киштӣ шабоҳат додааст ва дар мисоли зерин бо таъкид бар ин, ки инсон бояд аз шебу фарозу хатари ин дарё, ки мақари наҳангон аст, огоҳ бошад, мефармояд:

Бар киштии умр такя кам кун,
К-ин Нил нишемани наҳанг аст!

Аммо дар ин байти маъмул бештар ҷолиб маънии ҷумлаи аввал ва мухотаб бар инсон аст, ки бояд эътимод ба умри инҷаҳониро аз ин дунёи фониву бебақову камарзиш барканад ва уммед бар ҷаҳони сониву пояндаву абаду ҷовидро ба маърифати ҳушмандӣ пазиро бошад.

Мавриди дигар ба манзур тавсифи инсон аст, ки ба сифат зевар ва "шамъ"-и ин маҳфилкада, яъне олам, "дунёи бебақост" ва сафари руҳонииву вуҷудии ӯро ба "дори бақо", яъне олами улвӣ ва ё "охират" ногузир дар ҳоли "адам"-у "нест" шудан медонад ва барои расидан ба

ин манзил, мавсуфро бештар ба сафову пок доштани дил аз олоишҳои нафсонии инҷаҳонӣ даъват мекунад:

Эй шамъи офияткада, таслим нестист,
Киштинишини коми наҳанги худем мо![1]

Бедил “таслим” ва поёни раҳоиву наҷотро “адам” шудан ва ё “нестӣ”, ки моҳияти ҷоннисориву аз худ гузаштан дар роҳи тазкияву тасфия додани дил ва маҳву ҳулул ёфтан дар “асл”-ро дорад, як навъ ишорат бар сирати орифонаи “фидоӣ” будани инсон талқин кардааст ва бо тасвири “коми наҳанг” дар мисраи дуввуми байт, хонандаро ба ёдоварӣ бар ривояту қиссаҳои устуравии саргузашту сарнавишти Юнус мекашонад, ки: -Ҳазрати Юнус (а) пас аз имон наовардани қавмаш аз Худованд дархости азоби ононро кард ва аз миёнашон рафт. Дар ин асно қавми ӯ пеш аз азоб тавба карданд ва имон оварданд, то азоб аз онон рафъ шуд.

Аммо, ҳарчанд Юнус нисбат ба эшон сабру таҳаммул накард ва фақат азобашонро аз Худо хост ва Худованд ҳам бар ӯ сахт гирифт ва ӯро дар бадали имтиҳон равонаи коми наҳанг кард.

Баъди огоҳӣ бар тавбаи қавмаш пеши Худованд маъзур шуд, ки: “*Ло Илоҳа илло анта*” (Ҳеч маъбуде нест ҷуз Ту) ва Худованд, ки кариму раҳим ва бахшояндаву меҳрубон аст, дар баҳои омурзиш даст-дасти амвоҷ ба соҳилаш кашид.

Вале, Юнус (а), то он ҷое, ки ҳама аъмоли ӯ бо хоставу амри Илоҳӣ сурат мегирад, бар ҳадди яқин, бо амри Илоҳӣ, ба ҳоли паноҳ, дар коми наҳанг шудааст.

Ҳамчунон, ин ҷо новобаста бар манзури мо, суоле ба миён меояд, ки чаро Бедил дар мисраъи аввал ба “шамъи

---

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавї. Куллиёти девон. Интишороти “Фурўѓї”, Теҳрон-1366, с. 96.

офияткада” мурочиат кардааст? Чаро таслими ин шамъро дар “нестӣ” мебинад?

Оре, ин аст, ки вожаи “офият” манзур бар саломату осоишу ислоҳпазирии инсон нигаронида шудааст ва инсон ҳамеша аз Худои хеш ба тариқи ин матлаб имдод меҷӯяд ва “шамъ” зояндаи нур ва бар оят пояндагии ҳузури маърифат ва аҳли ҷамъ ба шумор аст ва дар ирфон “нестӣ” ё “адам” ба маънии умри абад ва сармадият, яъне “бақо”-ву ҷовидонагист, ки инсонро аз олами “ғурбат”, яъне (ин ҷаҳон) ба мақоми “асл” (уқбо, биҳишти азал) мекашонад ва ин маъво дар амри дигар “охират” унвон гирифтааст.

Ва Имом Ғаззолӣ дар “унвони мусалмонӣ”, дар “маърифати охират”, бар ҳоли расидани одам ба манзили “маъқулот” дар “Кимиёи саодат” овардааст: “Ва тараддуд (омаду рафт) ва равиши вай дар олами маҳсусот ҳамчун рафтан аст бар замин, ки ҳама касе тавонад ва равиши вай дар олами чаҳорум, дар маҳзи арвоҳ ва ҳақоиқи корҳо, чун рафтан аст бар об ва тараддуди вай бар мавҳумот, чун будан аст дар киштӣ, ки дараҷаи вай миёни обу хок аст. Ва варои дараҷаи маъқулот мақомест, ки он мақоми анбиёву авлиё ва аҳли тасаввуф аст, ки масали он чун рафтан аст дар ҳаво...”[1]

Орзуи Абулмаонии Бедил низ бар ин матлаб равшан аст, ки инсон, ки аз ҳама бархурдориҳо бар дараҷот то ба ҳар мақоме таййи мароҳил мекунад, бо комгирӣ бар орзуҳои бенишону ноаёни хеш мехоҳад ҳамеша дар ҳузури офият қарору маъво дошта бошад ва саъй мекунад, то киштии уммедвории худро аз вартаи хавфу балову қазо ба соҳили мурод кашида тавонад.

Албатта, ба ҳадде, ки маълум аст, ҳарфу ҳиҷои Бедил, чунон ки худ фармудааст: “Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам” ва ин ҷо мақсуд равона бар

---

[1] Имом Муњаммади Ѓаззолї. Кимиёи саъодат. Тењрон, “Паймон”-1382, с. 110.

ишоратест дар кори дастёбӣ бар "наҳанги худ", яъне ғолибият бар "нафс"-и инсон, ки қодир аст ҳама балоҳои исёниву тӯфониро ба сар оварад ва ин ишорат ба хотири тарбия ва парвариши хулқ ва сифати оробахши хисоли инсон ба кор рафтааст.

Дар мавриди дигар "киштӣ"-ро ба "гулгашти чаман" ва ё "домани саҳро" чи нисбатест, ки маънипардозе чун Бедил дар ин байти орифонаи хеш бо тахайюлоти мубҳаме чунин таманно кардааст?

Гар набошад сози гулгашти чаман, Бедил чи ғам?
Бодбони киштии ман домани саҳро бас аст![1]

Бояд зикр кард, ки гунҷои паҳнои муҳит ва вусъатободи саҳрои ҷунун ба меъёри ҳоли ошиқ бекарон аст ва дар ҳар мавриди дигар муҷиби маърифатгоҳи ишқ аст, ки сайрониёнашро ба сарсониву ҳайронӣ мубтало мегардонад ва дар ин вартагоҳи фаногир боди ҷунун аст, ки ушшоқро ба домани саҳро мекашонад ва аз шарбату шаҳди уммедворӣ бар хастагони ранҷкашидаи фурқату ҳаҷр мечашонад ва чи маҷнунҳоеро, ки ҳаммонанди "боди шурта" ин бод бонӣ ва бо умеди растагорӣ аз тафтсӯзи бодияи фироқ бодбонӣ кардааст, зеро ин бод дамидаву нафҳаи Илоҳист.

Абулқосими Қушайрӣ дар "Рисолаи Қушайрия" (тарҷумаи Абуалии Усмонӣ) аз номи Абулҳусайн бинни Алӣ ва Абуяъқуб Асҳақ бини Муҳаммади Наҳрҷурӣ овардааст, ки: "Дунё дарёест ва каноран ӯ охират аст ва киштӣ андар ӯ тақвост ва мардумон ҳама сафариянд!"

Пас, мушкил ҳам дар киштист ва ҳам дар роҳиёни сафар, ки бояд аз дарёи пурталотуму тӯфонии ҳаёт ба огоҳӣ убур карда тавонанд ва иллат дар камоҳиву ба дурустии ҳақиқати имондориву соф доштани амонати

---

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурӯғї", Теҳрон-1366, с. 204.

Илоҳист, яъне руҳ, ки чи гуна онро метавон аз ин дарё ба саломат бар соҳили мурод кашид?

Шоҳ Неъматуллоҳ дар байти зерин "дил"-ро баҳр, "ҷон"-ро гавҳар, "тан"-ро киштиву "худ"-ро маллоҳ тасвир кардааст ва дар амри ошиноиву дарёнавардӣ ба ҳадде бебок аст, ки бо роҳу равиш ва исёну талотумми маввоҷи ин дарё бар таҳаммули эътимоди худ ошност ва амин аст, ки ин эътимод бар шарофати Яқин аст, ки дар амри таваккул бор оварда ва ӯро дар зимни худситоӣ мутмаин доштааст. Аз ин ҷост, ки ин гавҳару киштиву ҷасорати беҳамтои хешро, ки бар доди ҳиммат гумоштани ӯ бар Ҳақ ато гардидааст, шокир бошад:

Дилам баҳр асту ҷон гавҳар, танам киштиву ман маллоҳ!

Зиҳӣ гавҳар, зиҳӣ киштӣ, зиҳӣ маллоҳи дарёдил![1]

Ва ин дарё муҳити аъзам аст, ки поёнаш нопайдо ва каронаш ноаён аст ва шарҳи он бебаён аст, ки дар ин манзар тасвири ишқи ҷунунперо ва кори он бо дил дар миён аст ва бар саодати ин ишқ "сафинаи дил"-ро бодбони умед бар ҳарири ин парниён аст ва боди "шурта"-аш нигаҳбону ҳофиз аз ҳар зиён аст. Чунон ки боз ҳам мегӯяд:

Дар муҳите, ки нест поёнаш,
Киштии он сафинаи дили мост![2]

Аммо, дар зимни ёдоварӣ бар дигар муҷибот ба маврид ин аст, ки пиромуни рамз ва ё маонии мубҳам ба тафсил тавзеҳу тасреҳ ироа мекунем, вале ба дараҷаи дарёфти қимату арзиши тафсиру шарҳи маънии "дил" бо

---

[1] Шоњ Неъматуллоњи Валї. Девони комил. Интишороти Хадамоти фарњангии Кирмон-1380, с. 524.
[2] Њамон љо, с. 81.

мантиқ созгор оё метавонем, ки ба дастоварди шоиставу лоиқе муваффақ бошем? Бавижа, дар ҳолате, ки мекӯшем бар ҳоли рӯшиносӣ кардан дар дидгоҳи "ҳақиқат" ва ё "маҷоз", шароб ё бодаву мастии онро бо назофату илтифоту дигар навъу навозишу нозишҳои ирфонӣ ба фарзи муҳаббату самимияти ишқ бо Офаридгор ва дигар офаридаҳои тақдисӣ шабоҳат медиҳем!

Аммо бояд огаҳ бурд, ки дар суфия ва маҷмуан дар ирфон рафтааст, ки: "Дили ориф аст, ки анвори ғайбӣ дар он мушоҳида шавад. Бад-он хумхонаву майхонаву майкада низ мегӯянд."[1]

Бар ин асос, ки дар сифоти ин "май"-у "соғар"-у ҳақиқат ва дигар монии орифона бар ин рӯнамоӣ овардааст, албатта мақсуди ориф ба манзур сифати яқин аст ва бехудиву сармастиҳо дар орзуи он, чун дар ин тавсиф, ки онро ба "оби айн" шабоҳат додааст, дигар чизеро намебинад, чунон ки дар маврид айни ҳулулу маҳв шуданро дар "Якто" мебинад ва шарҳ медиҳад, ки миёни "мавҷу баҳр" ҷудоиву дугонагӣ вуҷуд надорад ва шаҳодат бар ин аст, ки Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ мегӯяд:

Гар на май соғар асту соғар май,
Дар ҳақиқат бигӯ, ки соғар чист?
Назди мо мавҷу баҳр ҳарду якест,
Ба ҷуз аз оби айн мазҳар чист?

Гузашта бар ин, солормардони орифу маъруфамон низ "тан"-ро ба киштиву "киштӣ"-ро гоҳо ба "ҷоми бода"-ву "ғам"-ро ба "баҳри пур зи мавҷ", "умр"-ро ба "вартагоҳи муҳлик" дар баҳри муҳити ишқ ва амсоли ин низ ба тадриҷ шабоҳат додаанд. Чунон ки Камоли Хуҷандӣ раҳои хешро аз ин "варта" дар расидани

---

[1] Саидљаъфари Саљљодї. Фарњанги истилоњот ва таъбироти ирфонї. Тењрон, "Тањурї"-1370, с. 451.

“киштии ҷом” рӯнамоӣ кардааст ва дар байти ин ғазал мегӯяд:

Киштист ҷоми бодаву ғам баҳри пур зи мавҷ,
Киштӣ равона соз, к-аз ин варта бигзарем![1]

Бигзор, агар соқии мо сувари рамзии Ҳақ бошад ва соғари мо соғари инъомии Ҳақ бошад ва майи машраби мо низ дар инояти ишқ бар сағроқи Ҳақ эъто шуда бошад, ҳама натиҷаи матлаби мост, ки аз Ҳақ доштем ва ин ҳам ба муроди мост, ки шукру тазарруи моро Ҳақ тақдир кардааст ва агар бар ишқ низ, ки эътибор меҷӯем, ҳамоно эътои Ҳақ аст, ки бо нозҳои додааш моро ниёзманди иноёти худ карда буд.

Ва, чунон ки дар байти зер мехонем, Калими Кошонӣ дар мухотаби хеш ба манзури дигар ҳувайдо мегардад, ки манзаре чунин, бо дар “каф” “ист”-у “лангар” додани “соғар”-ро, ки тавонгари ишқ ва барпокунандаи шӯри маҳфил аст, муҷиби “беоб”-ӣ ва айби “беобрӯ”-ии “маҷлис” медонад, ба тасвир офарида ва мехоҳад ҳам тамошогари ҳолат ва ҳам ҳидояттгари “киштинишастагон” ба сӯи ҷалолат бошад, чунон бо бесабрии худ бар башорати “соқӣ” ишорат мекунад ва қарору “ист” додани соғарро дар баробари “гардиш”-у “сайр” додани он аз каф ба кафе ва ё аз манзил ба манзиле бо мақсади таййи мароҳил ва кӯтоҳ кардани роҳи сафар авло мешуморад ва ин аст, ки мегӯяд:

Назди мастон киштии майро ҳунар белангарист,
Дар кафи дарёкашон айб аст, гар маъво кунад![2]

[1] Камоли Хуљандї. Девон. Нашри маљмаъи бузургдошти Шайх Камоли Хуљандї, Тењрон-1375, с. 305.
[2] Калими Кошонї. Гули хуршед. Душанбе, “Ирфон”-1985, с. 161.

Аммо, ба таҳқиқ ҳама сармастиҳои Калими Кошонӣ бар асари саркашиҳои "бод"-ест, ки "киштии май"-ро дар ҳоли "белангар"-ӣ ҳамеша дар беқарориву алвонҷ таҳрик медиҳад ва айни чунин "белангар"-ӣ, ки "ҳунар"-и бод бар сувари ҳоли майхорони бодбарсари ин дарёст, бар ҳолу ҳолате чунин беқарорӣ, ки таҳаммул бар "сабр"-ро тақозо мекунад, нороҳатанд ва оромишу "ист" кардан ё "лангар" афгандани ин киштиро тоб оварда наметавонанд ва "қарор"-и онро "айб" медонанд, ки то ба маҳшар расидани ин ёрони роҳро тӯлониву ба имтидод дароз мекунад.

Ба ҳар ҳол, аз ин назар "гардиши соғар", гардиши умр маҳсуб аст ва рафтани киштӣ низ ба соҳили мурод, гардиш ба макони асл, нуқтаи уммедвориву мурод манзур аст ва соликони тариқатро дар ин роҳ "ист" кардану эҳсоси хастагӣ айбу норавост.

Аммо мавриди дигар бар ҳоли ин "дарёкашон", асари бесабриву бетоқатии мастони лояъқил аст, ки таҳаммул бар кори "истод" ва "маъво"-пазирии киштиро дар васати дарё тоб намеоранд, зеро онҳо мусофирони тариқи убудиятанд ва ба манзил расиданро дар ҳузури мурод, дар ҳоли маҳву ҳулул ёфтан истиқбол мехоҳанд ва бар интизори "боди мурод", яъне башорати соқии азаланд, ки "киштӣ"-и сармастиҳои эшонро ба гардишу ҷодапаймоӣ таҳрик диҳад.

Ҳофиз низ дар маврид бо дидаи ҳайрату уммедворӣ доштан бар айни чунин башорати соқӣ, ки манзураш Яқин ва назараш бар "бодаи азал" аст, айни ишоратро дорад, ки мегӯяд:

Махмури ҷоми ишқам, соқӣ бидеҳ шаробе,
Пур кун қадаҳ, ки бе май, маҷлис надорад обе![1]

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с.

Ва, агар дар маврид, Ҳофиз дар мисраи дуввум бо киноя гиллагузор аз “соқӣ”-и хеш аст, аммо бо таваҷҷуҳ бар мухотабе, ки дар мисраи аввал овардааст, талаби “об”-и ҷасоратбахшу мавводу тӯфонзо ва водоркунандаи таҳрик бар равонаи дарё шуданро дорад, ки боястӣ то ӯро ба сарманзили уммед кашонад.

Ба ҳар ҳол, бо таваҷҷуҳ бар ҳоли “дил” ва ин иддао бояд иқрор кард, ки “киштинишаста” ҳам дар дил фикри дуои сафар аз даҳо дорад ва “киштишикаста” ҳам дар дил ғами аз мурдан раҳо дорад ва маънӣ ҳам дар ин баҳо дорад, ки ин сафар оё чӣ мунтаҳо дорад?

Пас, чунон ки бармеояд, аз ҳар назар ва аз ҳар манзар ба аён расидааст, ки “киштинишастагон” ва ҳам “киштишикастагон” инсонанд, ёрони тариқат, шахсоне, ки барои дарёфти дурри маърифат бар дарёи азимат роҳии сафар гаштаанд. Аммо дар ин маънӣ, агар ба ҳикмат дар мушкили сарзада бар кори сарнавишти инсон таваҷҷуҳ дошта бошем, ин назар моро бештар ба тамошои манзаре, ки бар ҳоли “киштишикастагон” низор доштааст, сареҳтар аст, чун низ барои огоҳӣ бар оқибати ин мардони тариқат ва ҷӯёи ҳақиқат нигаронӣ дорем. Зеро “киштишикастагон” касонеанд, ки аз орзуи хеш ноком гардида ва барои раҳову аз мағруқият наҷот ёфтан умеду орзуву саъй мекунанд, чунон ки “киштинишастагон” ҳам умеди расидан ба соҳили муродро дар дил мепарваранд ва аминанд, ки “мурод” намову тасвири “ноҷӣ”-ст, ки кор бар ҳоли “наҷот”-и мусофирин аз ғарқ шуданро дорад.

Ва ҳам Имом Ғаззолӣ дар боби “Аркони муомилати мусалмонӣ”, рукни мунҷиёт”(ноҷиву наҷот), дар “ҳақиқати шукр” овардааст: Ва ,агар “... наҷоти киштӣ аз боди рост (чун бод аз каҷу чап низ дамида шавад. С.Х) бинӣ, шукр аз ту дуруст наояд, аммо чун бишносӣ, ки борону меғу боду офтобу моҳу кавокиб ва ҳарчи ҳаст, ҳама дар қабзаи қудрати Худованд чунон мусаххаранд, ки қалам

дар дасти котиб…”[1] шукрону зикрро қобили қабул мешуморад.

Дар ин асно, ки Ҳофиз “киштишикастагон”-ро ба мағруқият водор кардааст, сурату симои “ноҷӣ”-ро низ дар чашми ин ёрони тариқат дар намои “тахтапора”-ҳои шикаста ва фарорафта бар амвоҷ падидор овардааст, ки ба масал воҷибу муҷиби “раҳо”-ву “халос”-у “амн”-ияти ин ёрони тариқат ба тасвир расидаанд ва чунон ки “ноҷӣ” ҳадди тасвири мояи уммедворист, пас, месазад гуфт, ки дар ин манзар ба сувари “раҳмон”-у “раҳим”-у “бахшоянда”-ву “раҳмат”-кунанда аст, ки ҳам бар ҳоли “наҷот” ва ҳам “мағруқ” доштани тариқпаймои хеш қодир аст.

Аммо, дар ин манзар низ, чунон ки мебинем, ӯро бар ҳоли хеш ҳаволат мекунад, то аз ихтиёр кор гирад ва дар муқобили “хавф”-у биму бок бар чорае аз варои “риҷо”-ву уммедвориҳо даст ёбад. Ва чунон ки аз ин ҳадд аён аст, ин мухторият ӯро дар интихоб рӯй бар “таваккул” мениҳад ва ин ҳадди поённопазири “уммедвориҳост”, ки ӯро ба нокуҷо, ба соҳили мурод дар бекарони бесӯӣ ато мекунад.

Дигар ин, ки ҳар хатти амвоҷ тасвири “шикаста”-ву “шикаст”-ро мемонад ва киноӣ бар намунаи хатти сарнавишти инсон ва ё ба қавли дигар хатти тақдири инсон аст, ки бо ранги азалии азрақ, яъне азодорӣ нақш бурдааст ва маънии сертараддуди печутоби амвоҷ бар мубҳамии маънии мармузи атокардаи “фалак” бар “қазо”-ст, ки маълум намекунад, ки оё ин сардаргуми похӯрдаи сарнавиштро то кадомин гирдоб мекашонад ва куҷо, ё дар кадом соҳилаш меафганад. Ва чораи бечорагиашро бар “таваккул” ҳаволат мекунад…

---

[1] Имом Муњаммади Ѓаззолї. Кимиёи саъодат. Тењрон, “Паймон”-1382, с. 731.

## АГАР БАР ТАВАККУЛ БАРАД, ҶОНИБИ КУЛ(Л) БАРАД!

Дар ҳоле, ки мехоҳем рӯ ба таҳлили мавзуъ биоварем, нахуст мебояд аз фаҳму дарки маънии худи вожаи "таваккул" огоҳ дошта бошем ва, чунон ки аз луғоту фарҳангномаҳо ба кӯтоҳӣ бардошт намудем, бовар ҳосил шуд, ки "таваккул" ба маънии эътимод бастан ба такягоҳест, ки ҳама оқибати уммедвории инсон бар ӯ нигаронида шудааст ва маҳзи таваккул бар Худои Яктову Холиқи мавҷудоти олам муртабит аст, ки халқ ҳастиву ҳама иқдоми хешро бар ин мояи безавол ҳаволат кардаанд.

Дар Қуръони карим, сураи "Оли Имрон", ояти 159, таъкид рафтааст, ки: "Фи изо ъазамата, фа таваккал ъалаллоҳ, инналлоҳа юҳиббул мутаваккилин" (Чун қасди коре кардӣ, бар Худой таваккул кун, Худо таваккулкунандагонро дӯст дорад).[1]

Таваккул ҳосилу таҳсили имон аст ва ҳам нерӯест, ки имонро тавон меафзояд ва ҳар киро имон қавист, бештар бар тавҳиди Худои хеш гироиш кунад ва Худоро ба дурустиву яқин бишносад ва ихтиёру бовару эътиқоди қалбиву ботинӣ ва ҳастии хешро бар Ҳақ биспорад ва аз раҳмату инояту шафқати Ҳақ лаззатгир бошад.

Ва инсони солик, саодатҷӯи паҳнаи ҳаёт ва рӯзгор ва, ҳатто баҳраманду барӣ аз ҳама комгориҳо ва доди яқин дар тариқат, то муттақӣ ва муттакӣ бар тавккул набошад, ҳама ҳунараш ҳикмати "бод бар каф гирифтан"-ро дорад, бад-он гуна, ки Лисонулғайб бо таъкид дар байти зерини ғазали хеш ҳиммат гумоштааст:

---

[1] Ќуръони карим. Тарљумаи Абдулмуњаммади Оятї (ба форсї). Ба њуруфи кириллї баргардони Мирзо Муллоањмад. Тењрон, нашри Замон-2006, с. 72.

Такя бар тақвову дониш дар тариқат кофарист,
Роҳрав гар сад ҳунар дорад, таваккул боядаш![1]

Дар маврид, бо ишорат бар "Роҳрав", ки солики пӯёи тариқати худшиносӣ ва ҷӯёи камоли маърифат аст, бо истидлол овардааст, ки агар чанде дил бар донишу фазилат ниҳода аст ва аз "ҳунар" баҳравар аст, бояд рӯй бар таваккул дошта бошад ва дар маврид назари Ҳофиз бар Худои яқин аст, ки яъне солики ошиқро аз водигоҳи ишқ, имтиҳонгоҳи ҳақиқат гузор додааст ва такягоҳу муроди ӯро бар таваккул дар Ҳақ ҳаволат кардааст.

Дар ҳар мавриd "таваккул" ифодагари шинхти яқин ва дар корҳо эътимод бастан бар Ҳақ аст, ки такягоҳу беҳин эътидолбахши руҳиву равонии башарият аст ва дар иртибот бар раҳмати ин такягоҳи муттақӣ дар ҳоле, ки Мавлоно фармуда аст, таваҷҷуҳ мекунем:

Чу вафо набуд дар гул, чу раҳе нест сӯи Кулл,
Ҳама бар туст таваккул, ки имодиву амидӣ![2]

Дар ин байт аз қавли Мавлоно, ки "чу раҳе нест сӯи Кулл" ёд шудааст, маънӣ бар он рафтааст, ки барои инсони барҳаёт ва роҳии тариқат бар ҳақиқат, беҳин тариқ сӯи Кулл аст ва Ӯ ба яқин такягоҳи уммедворкунанда ва эътимодбахш ва, ҳамчунон ҳодиву раҳнамову пешвои донову муаззам аст.

Аммо, расидан то остону ҷаноби даргоҳи он ҷалол, осоишу оромиши руҳонии инсони тариқпаймо, "мардон"-и гузаргоҳи ишқро тақозо мекунад ва дар

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 411.

[2] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 1045.

мавриди амри таваккул бар ин аст, ки худ барандаи роҳи инсони ботамкин аст ва Ҳакими Ғазна дар боби аввали “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа...”, дар тавсиф бар тавҳиди Бори Таъоллӣ ба манзар овардa ва бар зикрати худ, ки мегӯяд, зомин аст:

Пай манеҳ бо нифоқ бар даргоҳ,
Ба таваккул раванд мардон роҳ!
Гар таваккул туро бар ӯст ҳаме,
Худ бидонӣ, ки ризқ з-ӯст ҳаме!
Пас, ба кӯи таваккул овар рахт,
Баъд аз онат пазира ояд бахт!

Ва Ҳаким Саноӣ дар ин қитъа “Фи таваккул” таъкид бар он овардааст, ки даргоҳи Яқин, мардони сарнавишту тақдир, бар таваккул додагони тариқи садоқатро, ки ҷон бар қуту нӯш бар доди орзуҳо насиб дидаанд ва бар сӯфи ҳақиқат бар тан қасаб кардаанд ва растагорӣ аз хеш ва ростиро насаб кардаанд, бар худ гузор додааст ва ба далолат панд медиҳад, ки ризқи бандагорро, ҳарчанд, ки азалист, эътимод бар доду имдоди “Ӯ”-ст ва бар Ӯ бояд таваккул баст.

Ва, амри гироиш бар таваккули инсон бар худи ӯ вобаста аст, ки аз ботин ҷодае бар тариқи худошиносӣ боз кардааст ва бе шакку тардид аз ин роҳ мехоҳад ба кӯи мурод, ки ғояти орзуҳо ва мақсуд аст, расад, вале дар ин аҳд чи гуна метавон бе қавли таваккул, ба мақоме, ки дар тасаввур гунҷо дорад, расид?

Дар боби ошноии бештар бар мавзуъ, дар осори ирфонӣ бар ин амр зиёд дучор омадем ва ҳамин муяссар шуд, ки аҳли басирату назари яқиншинос ҳама бар таваккул умед бастаанд ва ҳам талқингари ин маънии моҳиятан ирфониянд, чунон ки дар ашъори Ҳаким Низории Кӯҳистонӣ низ, ки нигаронӣ бар ин тазодду “хилоф”-ҳои сарзадаи руҳониву руъёиро таҳаммул

кардааст, ба сароҳат мехонем. Ин аст, ки дар маврид дар ин байти ғазали хеш овардааст:

Зи хилофи бадсиголам, чи ғам, ар заифҳолам?
Ба Худо кунам таваккул, ки Худо басир бошад!

Ва ин "хилоф"-ҳо, тазоддҳои фикрӣ, тардиду шакку шубҳаву гумонҳои бадхоҳу бадандеши роҳзани ақлу ҳушанд, ки инсони соликро дар тариқи худсозӣ ба гирифторӣ мувоҷеҳ кардаанд ва шоир дар ҳадди комёбӣ бар мақсуд ҷуз бар "таваккул" бар "Худо"-ро намепазирад, ки Ӯ ягона Ҳодиву Ҳомиву Имоду Амиди Басир аст.

Вале, ин ҷо, ки сароғози суханро бар кори дасти тақдир ва коргоҳи сарнавишти аҳли "киштинишастагон" ҳаволат доштем, накӯ ояд, агар пайи суроғ ба дунболи саргузашти ин бадарёмондагони гирифтори бало бозгардем, то бар ҳоли ин ёрони тариқат огоҳ ёбем, ки аз чи рӯзгоре ба сар мебаранд!

Албатта, мардони Худо, қавми бар таваккулрафтаву аз такаллуфҳову андешаҳои дилгиркунандаи мухолиф ворастаанд, ки ҳарчанд зору заифу хастаанд, дар ҳадди яқин уммед бар Худо бастаанд ва бар курсии сабру тоқату тааммул биншастаанд ва шишасори "сароб"-намои хавфу биму бокро бо санги сафобурда бар боварҳои пок бишкастаанд ва бо ҳамсозиву ҳамовозӣ, бо мурочиат бар мояи таваккули хеш дар анбозӣ мегӯянд:

Мо дар ин дарё ба ҳар сӯе, ки киштӣ меравад,
Меравему рафтани мо нест илло сӯи ту![1]

Ин ёрони тариқат киштинишастагони дарёи ишқ, гирифторони ҷунуни бехудӣ ва сарсупурдагони тақдир ва

[1] Шоњ Неъматуллоњи Валї. Девони комил. Интишороти Хадамоти фарњангии Кирмон-1380, с. 693.

қавволони қавли ба Ҳақ расидананд, ки сӯву кӯи муродро намедонанд ва танҳо ба ҳарфи қазову қадар мехонанд ва вуҷуду ҳастии худро ба дасти чораи сарнавишт ҳаволат кардаанд ва боди тақдир дар ин дарёи нопайдоканор ин ҷоннисорони бедасту пову бемадори аз худ рафта ва дар ҳолати бехудиро ба сӯи бекарони бесӯӣ ва бенишони Ломакон, ки ҷуз ба сӯву макони мурод нест, раҳнамун гаштааст.

Роҳиёни сафари руҳонӣ гоҳо рафтааст, ки гила бар ранҷу уқубати фироқ доранд, зеро дар бадали ин ҳаҷру ранҷуриҳои фурқат висоли "Ёр"-ро орзу кардаанд ва дар асл "мустағрақон"-и дарёи назару андеша ба умеди восил гардидан ва комёбӣ бар ҷамоли дилдоранд ва барои дилдодагони ҳақиқӣ муҳаббат бар ва самимият ба ҷуз бар дилдору дилрабову ҷону ҷононе чун Ҳақ бемояву носавоб аст. Бо умеди ин дидор аст, ки Шайх Баҳоӣ дар "Кашкул", (дафтари чаҳорум, қисмати аввал) овардааст:

Мустағрақи фироқаму ҷӯёи васли ёр,
Киштишикаста, чашми умедаш ба соҳил аст!..

Ва бояд зикр кард, ки "киштишикаста"-ро раҳоӣ ба хотири расидан бар висол, ҳатто дар баҳои ҷон, ки ба қимат аз ҳар дороие арзишмандтар аст, танҳо метавонад сармояи саъй бошад, чун ҷаззобияту кашишро бар кӯи уммедворӣ таъмин кардааст, аммо солики тариқат, ки ба сифат ошинои баҳри аъзам аст, ҳатто дар ҳоли мағруқият "чашми умед" бар "таваккул" медӯзад ва расидан ба "соҳил"-ро, ки манзари уммедворӣ ва маҳзари зуҳур ва маъвои мурод аст, бартару болотар аз ҳар қимату дороӣ мешуморад.

Дар ин манзар бояд аз зовияи ботин роҳ кушод, то тариқати баранда ба ҳақиқатро бишносӣ ва дар дидани манзари орастаи "таваккул" худро муваффақ дарёбӣ. Ҳатто, дар ин ҷаҳд бояд дилҳоро ба тасфия ораста бошем,

ба ҳадде, ки дар “кор”-ҳо бар таваккул баста бошем, низ бояд, ки дар “бор”-ҳо бар таваккул баста бошем ва занҷиру банди хаёлҳои мубҳаму “хавф”-зоро бигсаста бошем.

Ҳакими Ғазна айни чунин фидоӣ будан ва сарсупурдагиро бар ҳоли бандаи Ҳақ тарҷеҳ кардааст, то дарёфти “нишон” бар вазъи аъмолу орзуи худопарастиву худоҷӯияш, ҳақиқати ҳоли ӯро ифшо гардонад, чунон ки дар ин қитъаи ғазали хеш овардааст:

В-ар ҳамегӯӣ, ки: “Ман дар орзуи Эзадам!..”
Ку нишоне, то туро боре сӯи дилбар баранд?
Ин ҷаҳон дарёву мо киштиву зинҳор андар ӯ,
То напиндорӣ, ки киштиҳо ҳама ҳамбар баранд!
Киштиеро пеши бод имрӯз дар тозон кунанд,
Киштиеро боз аз пеши бало лангар баранд!
Киштиеро ғарқ гардонанд дар дарёи ғайб,
Киштиеро ҳам зи сар-сар то дами маъбар баранд![1]

Сарсупурдагиву ҷонфидоӣ дар орзуи Ҳақ аз фидоиёни тариқи ишқ “нишон” металабад, ки асоси он бар дили саршори садоқату вафодориву самимият бар эътиқоду эътимод ва ҳатто дар ҳоли бенавоиву бечорагӣ омодаи “бехуд” шудан ва аз худ гузаштан барои мақсуду мурод буданро шарт мегузорад ва ин бовар аст, ки маҷзубиятро миёни “дилбар”, ошиқ ва муҳиб, ки Ҳақ аст, дар ростои пазиро будан ва интихоб бар “таваккул” тавон мебахшад.

Аз ин ҷост, ки “ҷаҳон” шабоҳати дарё мегирад ва башарият ба сурати “киштӣ”-е монад, ки бо ҳам бар ин дарё мепӯянд ва якеро бо пайоварди сарнавишт ва шеваи қазову қадар ба дасти “бод” роҳии дарё кунанд ва киштиеро аз доми балоҳои саровардаи амвоҷ раҳонанд ва

---

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, “Саної”- 1362, с. 155.

лангар афғананд, киштиеро дар дарёи бенишони ломакону ғайб ғариқ гардонанд ва киштиеро ҳам ба озодиву бепарвоӣ ба "маъбар" - ҷову гузаргоҳи муайян ва интихобшудаи киштигузар дар ин дарё баранд, аммо дар ҳоли ин дарҳамбарҳамӣ, ки нишонаи сарсониву саргардонии соликони тариқат аст, танҳо киштие, ки мансуб ба инсони маърифатҷӯ ва ба камол расидааст, метавонад дар убури амвоҷ ва ошиноӣ дар ин дарё муваффақ бошад.

Дар ҳар сурат, "киштии ирфон" лабрез аз раҳнамоиву ҳидоятҳо бар "уммед"-вориҳост ва инсон мавҷудест соҳиби ақл дар мовroutи замину осмон ва ӯро бар аҳди ин мавҷудият бетафовутӣ нашояд, зеро уммедворӣ бар ҳоли ӯ дар ғояти маърифат ба бор меояд ва айни "бор"-и ин киштӣ уммедворист, ки камоли инсонро низ бар ин маърифат тарҳ задааст:

Мавлоно, ки гуфт: "Маснавии мо дукони ваҳдат аст!..", ҳамчунон дар ин "Маснавӣ"-и муаззам, дар боби "таваккул" садҳо мисолу масал овардааст, ки дар маврид месазад ва бояд бар ин байти бамавқеи ӯ ишорат кард, ки мегӯяд:

Чун ниҳӣ бар пушти киштӣ борро,<br>
Бар таваккул мекунанд ин корро![1]

Ва, чунон ки дар мавриd аз маонии фавқ бармеояд, такя бар "таваккул" дар ҳар иқдом бояд, то далелат бинмояд, ки орзуманди Ҳақ буданат ба ҳақиқат аст, ё шояд?..

Аммо, бар ҳоли касе, ки дил аз орзуҳо холӣ дорад ва ғофилназари умри гузарон аст, оё метавон гила пеш овард? Албатта, не! Зеро дар хамӯшободи ин ғафлат хостаҳои "дил"-ро аз хотир бурдааст ва қиёми қиёматро

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї. Маснавии маънавї (бо њуруфи кириллї). Нашри Замон, Тењрон-2001, с. 294.

низ дар фаромўшхонаи хаёл ба ғафлат супурдааст, Чунон ки дар ин байти зер мехонем:

Ранҷ кай бинад он, ки бе киштӣ,
Баҳри ахзар гузор хоҳад кард?[1]

Дар ин байт, албатта, таваҷҷуҳ бар инсони “бекиштӣ”-ст, яъне инсони фориғ аз уммедвориву орзуҳо, лоқайду бепарво, ки боровардҳои моварoии зиндагӣ бар ҳолаш бетафовутанд ва дар ин ҳол эҳсоси “ранҷ” бар тўфону рўёрўӣ бо амвоҷ надорад ва “Баҳри ахзар” - киноя бар осмони кабуду нилист ва дар мушобиҳат рамзи паҳнаи умр аст, ки ин инсони ғафлатмири руҳафтодаро мағмум ва бар нақизи хостаҳои ҳастӣ кабудпўшу азодор аз дунё убур медиҳад.

Дар ҳолати дигар ин таносуб бар ҳоли инсоне дахл дорад, ки назаркардаи Худост ва уммедворие, ки бар Худо дорад ва ин сармояи бебаҳоро бо амри “таваккул” комёб шудааст, ўро аз баҳру бар гузор медиҳад ва ў аз таҷрибаву таассуроти ишқи хеш бар Ҳақ худро дар боли орзуҳо, ки бар таваккул рафтааст, бо эътимоди қавӣ ба манзилу маъвои маъшуқ мерасонад. Дар робита беҳ ин аст, ки ба ин қитъаи нақл аз “Бўстон”-и Саъдӣ рў оварем, ки фармуда:

Қазоро ману пире аз Форёб,
Расидем дар хоки Мағриб ба об!
Маро як дирам буд, бардоштанд,
Ба киштиву дарвеш бигзоштанд!
Сиёҳон биронданд киштӣ чу дуд,
Ки он нохудо нохудотарс буд!
Маро гиря омад зи темори ҷуфт,
Бар он гиря қаҳ-қаҳ бихандиду гуфт:

---

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, “Саної”- 1362, с. 133.

-Махур ғам барои ман, эй пурхирад,
Маро он кас орад, ки киштӣ барад!
Бигустурд саҷҷода бар рӯи об,
Хаёл аст пиндоштам, ё ба хоб?
Зи мадҳушиам дида он шаб нахуфт,
Нигаҳ бомдодон ба ман карду гуфт:
-Ту лангӣ, ба чӯб омадӣ, ман ба пой,
Туро киштӣ оварду моро Худой!
Чаро аҳли маънӣ бад-ин награванд,
Ки абдол дар обу оташ раванд?..
Пас, онон, ки дар ваҷд мустағраќанд,
Шабу рӯз дар айни ҳифзи Ҳаќанд!..[1]

Ва ин зумра, ки уммеду риҷоро бар "таваккул" бор додаанд, абдоли Ҳақ ва дӯстони фидоиву сарсупурдаи Худоянд, ки аз меҳвару мадори ишқ, бе биму боку хавфу тарс, дар ҳоли бедаступоӣ ва бехудӣ аз худ ба манзил, ки соҳили мурод аст, мерасанд, зеро "риҷо" бар он аст, ки Худо ноҷиву ҳофизи онҳост.

Аммо, дар маврид кори "қазо"-ро, ки бар ҳукми сарнавишти инсони бар доди "таваккул" фидоӣ дастур офардааст, оё метавон сарфи назар кард? Дар ҳар амр, "қазо" ҳарфи ғояти сарнавишт аст, ки низ дар оро бар ҳукми "таваккул" қарор дорад ва "Қозӣ" "Ӯ"-ст, ки қазовату ҳукмро Ӯ мебарорад. Ин, ки Шайх Саъдӣ мефармояд, барҷост:

Қазо киштӣ он ҷо, ки хоҳад, барад,
В-агар ноxудо ҷома бар тан дарад!
Макун, Саъдиё, дида бар дасти кас,
Ки бахшанда Парвардгор асту бас!
Агар ҳақпарастӣ, зи дарҳо басат,
Ки гар вай биронад, нахонад касат![2]

---

[1] Куллиёти Саъдї. Бўстон. Интишороти Беҳзод, Теҳрон-1382, с. 203.
[2] Ҳамон љо, с. 234.

Амри “Қазо” (дар бархе аз нусхаҳо “Худо” омадааст) воҷиб аст ва дар амри муайян намудани самти ҳаракати киштӣ ва бурдани он қасди худро дорад ва ба “нохудо”, ки ҳарчанд саъйи ҳидояти онро дорад, имкон фароҳам намекунад, зеро Худованд худ ягона ҳодиву барандаи роҳ дар баҳру бар аст.

Саъдӣ дар маврид “ба умеди кас” шудан, ё “бори миннат”-и дигарон, албатта ин ҷо манзураш “нохудо”-ст, кашиданро дар худ ва дигарон раво намебинад, чун такя бар доду икроми “Парвардгор”-и бахшоянда дорад, зеро амин аст, ки нигаҳдорандаву қазоваткунанда “Ӯ”-ст ва муҷиби таваккул низ “Ӯ”-ст, чунон ки инсонро бо эътимоди қавӣ уммедвор кардааст.

Ба ҳар ҳол, чун сухан аз боби “киштӣ” меравад, ин манзурро бе тавсифи “нохудо” низ наметавон баррасӣ кард, зеро дар сурату сифати “нохудо” дар ирфон ва тасаввуф тавсифоти беш аз ин рафта аст ва бар ин асар ба хотири шодобиву шикасти аташ бо мурочиат низ бар мабдоъ ва сарчашмаҳое роҳ бурдем, боз ҳам аз ҳар назар бар гузар ҳодии мо дар ин баҳру дарёву муҳити муталотуми аъзами бесувар симову сурати Ҳақ ва амри “таваккул”, ки бар Ҳақ аст ва умеди “лангар”-и амну осоишта бар манзари ӯст, ҷилвагар омад.

Ва дар ин боби муносиб ба таносуб рост, ки бештар таваҷҷуҳ бор гирифта аст, бар ҳадди ин манзари шигарф таваққуф кардем, ки назар бар фармудаи Туғрали Аҳрор расид ва ба тааммул дарёфтем, ки ӯ низ мурочеъ бар “таваккул” дар “Ҳақ” бар ҳоли “инсон” аст ва чунон ки бар ин фазилат овардааст:

Набошад лангаре ғайр аз таваккул киштии ӯро,

Ки дар мавҷи талотум ҷуз Худо кай нохудо дорад?[1]

Ва Худованд дар ҳама ҳолат ҳофизу нозиру паноҳу нигаҳбони равандагони тариқи ишқ ва соликону роҳиёни баҳру бар аст ва бар ҳоли бандагони ишқ бохабар аст ва дар набардгоҳу корзори "мавҷи талотум" дар ин дарёи беканори сардаргум ҳодиву баранда бар мувофиқати зафар аст, ки "лангар"-аш бар оҳани сабру таҳаммулу тамкин муқаррар аст ва киштии Ӯро бар ҳар гузаре "маъбар" аст ва Ӯст, ки муқаддар бар ғоят ва аз бидоят то ниҳоят ва муртакиб бар доди қазову қадар аст ва мояи уммедвориву нахли интизори уммедворонро самар аст.

Ва, чун гузор бар ҳадди сарнавишт омад, ба яқин маълум гардид, ки кори аҳвол ва ранги қаламу хатти навишту тасвири он бар дасти ҳокиму қазоваткунандаи тақдир, Худои Муттаол аст, чунон ки ба саломати фикр рӯ бар ин қитъаи шеърии Бедил овардем. Ин, ки бо истидлоли фаҳмиву зеҳнӣ овардааст:

Дар муҳити инқилоби эътибороти фано,
Киштии дарвеши мо гар нест, тӯфоне бас аст!
Имтиёзи маҳви ӯ бар обу гил мавқуф нест,
Унсури кайфияти ойина ҳайронӣ бас аст!
Эй ҳиҷоб, аҷзои мавҷи созат аз худ рафтанист,
Як тааммулвор агар бо худ фурӯ монӣ, бас аст!
Бар хати таслим рав Бедил, ки монанди ҳилол,
Пойсайри осмонат нақши пешонӣ бас аст![2]

Ва ин балои саркаш, ки муҷиби "инқилоб"-и руҳонӣ ва бар "эътибори фонӣ" шудан аст, ошиқро дар пои

---

[1] Туѓрали Ањрорї. Девони ашъор (тасњењ ва тањияи Мирзо Шукурзод). Нашри Пажўњишгоњи фарњанги форсї-тољикии Сафорати Љумњурии Исломии Эрон, Душанбе-2011, с. 150.
[2] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўѓї", Тењрон-1366, с. 290.

маъзурӣ мекашонад ва бар уммедвории "тӯфон"-е, ки бар таваккул хоҳад расид, менишонад ва ойинаи "руҳ"-ро, ки муҷалло бар нури яқин аст ва бар "обу гил" имтиёзе надорад, бар унсури "ҳайрат" меҷӯшонад ва ҳиҷоби танро, ки оқибаташ бар ҷудоист, бар ҳоли хеш вобастаи ихтиёр мегузорад ва дар "хати таслим"-у тан додан бар "нақши пешонӣ", ки мукофоти амал аз сайронгоҳи ҷаҳду ҷадал ва эҳдоиву додаи сарнавишту тақдир аст, "пойсайри осмон", ки рамзперои расми бехудиву бодбарсар будан ва ҳадди "таваккул" аст, меорояд ва "сукр"-и худро оби "шукр" мечашонад ва эҳдоиву тақдири сарнавиштии хешро бо сипос, ки доди "таваккул" аст, бо ризоят истиқбол мекунад.

Моҳияти аслии "таваккул" ҳамбастагии ногусастание бо каломи "Бисмиллоҳ" дорад ва ин номи истисноӣ ғояти ҳама бароpу ривоҷу муваффақият бар кору иқдоми инсони солик аст. Месазад дар айни ҳол ба фармудаи Аттори Нишопурӣ таваҷҷуҳ дошта бошем. Шайхи Аттор дар ҳар мавриду ҳолат дар кори хеш ба номи "Яқин" эътимод мебандад ва бо баракати ин "ном", ки шарҳи бесобиқа бар фаҳми "таваккул"-ро дар худ нуҳуфтааст, ҳастии хешро ба сароҳат мешиносад ва чунон ки дар абёти шукромези зер аз ӯ мехонем:

Бар номи ту дар миёни хушкӣ,
Киштии равон, равон биронам!
З-ин дарёҳо, ки беш дорам,
Сад сел зи дидагон биронам!
Аз номи ту киштие бисозам,
В-он киштиро чунон биронам![1]

-ба ин "ном" азми таваккул дорад ва фаротар аз дарёву муҳиту баҳр, ки киштиро нисбате додаанд, ба корбурди сунъҳои бадеии рамзу мушобеҳа мегирояд ва "киштӣ"-и

[1] Аттори Нишопурї. Девон. Тењрон, нашриёти "Паймон"-1381, с. 315.

“равон” (рух̣) равон бар “хушкӣ” (вуҷуд, тан) ба шино меронад ва муфтахар аст, ки дар ин хушксори тан, ки “дарёҳои беш” дорад, ҳамаро ба ҳам меорад ва “сел”-и сиришк, ки боридаи раҳмат аст, аз дидагон мебораду мешорад, то пушти ин киштиро дар об “пушт” ва пуштибон орояд ва аз сирояти гили зангорнишон раҳояш бахшояд.

Чунон ки ба сароҳат аён аст, “об” аст, ки ҳам ба мувозинат нигаҳдорандаи “киштӣ”-ст ва ҳам дар мавриди дигар, об пуштвонаи киштист, чун манзари манзурро метавон дар ин байти Мавлоно ба маънӣ дарёфт. Ин, ки айни матлабро дар боби “Боз тарҷеҳ ниҳодани Шер ҷаҳдро бар таваккул ва фавоиди ҷаҳдро баён кардан”, аз “Маснавии маънавӣ” мехонем:

Об дар киштӣ ҳалоки киштӣ аст,
Об андар зери киштӣ, пуштӣ аст![1]

Ба манзури Мавлоно қасд бар тавзеҳ додани “Об дар киштӣ”-ст ва ба тафсир дар маънии “ҳирс” расидааст, ки киштии вуҷудро дар ҳоли ноқис гардонидани он бо далели “нафс” ғарқ ва офияти руҳонии одамро мубталои офат гардонад.

Дар манзари дигар, “об” - рамзи чашмаи ҳаёт аст ва сафову нуру зиёро аз зулматкадае бор оварад, ки дар ҷустуҷӯи он Зулқарнайну Хизру дигар пайгирон саргардонанд. Ва агар пайгирони ин роҳ, ки бар таваккул” рафтаанд, дар моварои зулматкада ба мақсуд намерасанд, қатаротеро монанд, ки дар расидан ба айни об маҳв гарданд ва дар муҳити орзу ҳулул ёбанд.

Об - дар маонии ирфонии хеш далолат бар маърифату зиё ва нуру сафост ва иртиботе дорад бар ҳаёт,

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї. Маснавии маънавї (бо њуруфи кириллї). Нашри Замон, Тењрон-2001, с. 41.

ки низ далолат бар зиёву маърифат ва ҳам файзу баракот мекунад.

Аммо дар ҳоле, ки ба таъбири Мавлоно назар меафганем, ба дарёфти ҳақиқате ноил мегардем, ки дар асл вуҷуди айни "киштӣ" бе мавҷудияти "об" аз аҳаммияте наметавонад бархурдор бошад ва, агар об аз роҳе ё сӯрохе вориди киштӣ гардад, киштиро мувоҷеҳ бар ғарқу "ҳалок" мегардонад, вале агар киштӣ ба дурустӣ мараммат шуда бошад, ҳаммонанд бар саломати киштии тани инсон, оби зери киштӣ моҳияти ҳаракат ва офияти киштиро таъмин гардонад ва дар амри дигар оби зери киштӣ, сифати пуштибону ҳомии киштӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ҳар сурат, ки назар кардем, ба манзар ҳадди таваккул нахуст манзур омад ва инсонро, ки муътақиди ҳаволат гаштааст, ин ҳаловати ботинро низ, ки бар таваккул нигаронида шудааст, дар хеш истиқбол мекунад ва ин "равон"-и қави-"урода"-ро, ки нояти "Мутлақ аст, ҳамчун сифати тақдисӣ пос медорад. Ва дар маврид ишорати Бедили Деҳлавӣ низ бар ин қавл аст, ки қавволони аҳдро мутмаин бар маҳзар медорад:

Ту сокиниву равонат иродаи мутлақ,
Ба ҳар канор, ки киштӣ равад, қадам дарёст![1]

Дар ин изҳор, зоҳир мазҳари вуҷуд аст, ки дар шахси "Ту" ва маънибари "ҷисм" - ифодагари сифати киштӣ расидааст, ки сукунатдори дарёст ва "равон", "руҳ" - иродатманд бар нафҳаи Ҳақ ва таваккулӣ бар Ҳақ аст, ки равонаву пӯёи ин дарёст ва дар паймудани ин моварои пурамвоҷ онро иродаи қавӣ ва муътамад мебояд ва ин ирода танҳо бар ҳоли бехудиву бедастyпоии солик ва ошиқи мавҷпаймо ва тӯфоннаварди сарсупурдаву қавволи дилниҳода бар қавл метавонад муяссар гардад, ки

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўғї", Теҳрон-1366, с. 348.

шинохту таййи мароҳили дарё ва муҳити беҳудуди ишқро аз иқдоме, ки дар ҳисоб намеояд, ба шумор намегирад.

Ва амри дигар низ бар ҳолест, ки соликро ба хотири ба саломат расидани "киштии руҳонӣ" дуохону саногӯ ва дар маврид забони зикрперои ӯро ба ташаккуру тазкор боз кардааст, то ин ҳолати ба сар овардаро тафсиру маънӣ карда тавонад. Ин гуна, ки Ҳакими Ғазна дар байти хеш овардааст:

Зи дарёи муҳити ақл Ҷайҳуни маониро,
Сӯи киштии руҳонӣ забони ман равон дорад![1]

Ва "Ҷайҳуни маъонӣ" дуои сифатсози вирду зикри инсони ғариқи "дарёи муҳити ақл" ва"киштии руҳонӣ", ки сифати "таваккул" ба номи Ҳақ аст, нуқтаи уммеди солики шокир аст, ки забон ба ситоишу тазарруъ кушодааст, то ӯро ба саломат ба соҳили мурод расонад. Дар амри дигар "киштии руҳонӣ" нафҳаи Ҳақ аст, ки солик бо доштани он эътимод бар сиҳат ва умеди саломат дорад ва аз ин лиҳоз шукр ва зикри пайвастаро бо номи Ҳақ бар забон меронад.

Дар ҳар маврид "забон" моҳияти зикру мадҳу ситоишу шукр гуфтан бар сифати "таваккул"-ро дорад, ки дар ҳар ҳолат бо арзи тазарруъ бар имдод ба сӯи Офаридгор кушода мешавад ва шарҳи хостаашро баён мекунад ва ин хоста пеши Ӯ ба ҷуз талаби имдод ва сипосу ниёиш ҳарфи зиёдат бар намеорад. Ба ин маънӣ, чунон ки Абулфараҷи Рунӣ дар байти ин қасидаи мадҳияи хеш овардааст:

Чи гӯям, ки ба дарёи мадҳи ту,
Ҳаме ғарқа шавад киштии калом.

---

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, "Саної"- 1362, с. 116.

Ва “калом” дар афкори суфия ба истилоҳ таҷаллии ҳосили иродаро гӯянд, ки барои изҳори назар ва фикри ғайб ба кор рафтааст. Ва, ҳамчунон, калом рӯидаи нури тақдисист, ки чун аз аъмоқи назар ва ба сифати шуоъ аз ботин ба садо меояд ва ба ҳарфу ҳиҷо мубаддал мешавад, низ ба сувар ифшогари роз аст. Ва “дарёи мадҳ” ба сифат манзари гардиши калом дар муҳити ситоишу ниёиш бар “шукр”-и таваккул аст ва солик уммедвор аст, чун “киштии калом”-и хешро ба дарёи зикри Ҳақ равона кардааст, ҳам бар ин бовар аст, ки Ҳақ ягона такягоҳу исботи саломати ӯст.

Ва “таваккул” моҳияти ҳар ҳарфу ҳиҷост ва ҳам исботи эътимод дар хавфу риҷост, чунон ки дар маврид Мавлоно Бедили Деҳлавӣ низ бар ин иддаост:

Гавҳари уммеди мо қаъри таваккул карда соз,
Киштии тадбир дар мавҷи ризо афтодааст!
Ҷодаи сарманзили ушшоқ саъйи норасост,
Ё зи дасти Хизри ин водӣ асо афтодааст!
Пайкарам хун гаштааст аз заъфу дил хун мехурад,
Бори ин киштӣ ба дӯши нохудо афтодааст![1]

“Гавҳари уммед” - сармояи орзуҳои мағрук аст, ки ба мурод раҳоӣ мехоҳад ва чашм ба “Қаъри таваккул” - ки мақоми ноҷӣ дар “муҳити аъзам” аст, дӯхта ва аз ин мақом “тадбир”-у чора меҷӯяд, аммо илоҷ низ ба гирифториву вобастагии “мавҷи ризо” андар монда ва бо амри “таваккул” умед бар имдоди наҷотбахши хеш, ки Ҳақ аст, бастааст.

Ва “ҷода” - ҳаддест, ки сипарда мешавад ва “сарманзили ушшоқ”, ки мақоми “Ишқ” аст, низ баиду дур аст, аммо дар нуқтаву мақоми уммедворкунанда қарор дорад, ҳарчанд ушшоқро расидан бар ин маъво,

---

[1] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти “Фурўѓї”, Тењрон-1366, с. 163.

яъне ҷойгоҳи ишқ, ҳолест гумонофар ва ба тардидоваранда, шакку бими хавфу бокафзоянда ва нигаронкунанда.

Чунон аст, ки оё ошиқи орзуманд метавонад “худ”-ро ба ин манзил, ки манзари висол ва боргоҳи иттисол бо “Худо”-ст, расонад? Ва, албатта, ин орзуи холис аст, ба хотири ҳулул ёфтану восил гардидани ошиқ бар ишқ!

Аммо ҳам Бедил фармудааст, ки: “Замин фалак шаваду одамӣ Худо нашавад!” ва ҳадди ин иддаоро, ки бар ғояти ишқ аст, дар “Аналҳақ”-и Ҳаллоҷ ва “Ман Худоям!” гуфтанҳои Боязид низ шунидаем. Вале дар амри дигар нохудо низ муваззаф аст, ки бори ин киштиро ба саломат ба соҳил расонад ва дар ин манзар ӯ низ, ки инсон аст, бар таваккул эътимод бастааст.

Дар ин радиф “баҳона”-ҳои маънитирозу манзарсозу назарбоз дар сувару намои гуногун, чи дар сози хавф ва чи дар нози риҷо, соликро пеши дидаву хаёл муҷассам мегарданд ва “Асои Хизр” - сармояи уммедворист, ки бо амри Ҳақ муъҷизаофар мегардад, ки ҳар эъҷози он бо амри Илоҳӣ ба бор меоянд, то ин фармонбари Ҳақ ва сарсупурдаи “таваккул”-ро муваффақ дошта бошанд. Айни чунин муъҷизаофариву тавофуқи рисолатро дар сирри баҳонаҳое дар “асои Мӯсо” низ, бар асари кибру мании Фиръавн, ба мушоҳида гирифтаем.

Ва ҳам Имом Ғаззолӣ бар ҳоли таълими одам дар боби “Аркони муомилати мусалмонӣ”, дар бобати “Одоби зовия гирифтан ва аз халқ узлат кардан”, бахусус дар бахши “фавоиди узлат” бо дарназардошти ҳоҷоти нафсонии инсон ва канор гирифтан аз халқ ба сӯи Халлоқ бар масали Мӯсо (а) ва киштиро сӯрох кардани Хизр (а) овардааст:

“Хизр киштиро сӯрох кард ва Мӯсо инкор кард” дар Қуръон барои ин овардаанд, пас узлат ва зовия гирифтан

авлотар, бештар халқро”[1] бар ин мақсуд аст, ки халқ ба зиёдат ба ёду зикрати шукрони Халлоқ ҷазб гирад, чунон ки дар айни ҳиҷрату фироқ иштиёқу шавқ барои васила ва қарина ҷустан ба маротиб пеш ояд.

Айни қиссаро, ки бар амри “таваккул”, яъне дар зикри “Бошад, ки Ҳақ диҳад ёрӣ!..” ва “Худост шоҳиди ҳол!..” барои дарку фаҳми бештар, ки дар шинохти маънии рисолати Хизр (а) ва Мӯсо (а) нигаронида шудааст, дар “Валаднома”-и Султон Валад, дар бахши “Ҷавоб ҳазрати Мӯсоро алайҳисалом, ки: -Чун мулоқоти ман мақдури ту шуд, акнун бозгард ва пеши уммати худ рав!..” -ба илтифоте, ки дорад, мехонем:

Гуфт: -Эй Мӯсии Калим, бидон,
Ки ба ман кард ҳамраҳӣ натвон!
Ки занам наъл божгуна басе,
Нуктаамро накард фаҳм касе!
Суҳбатам мушкилу қавӣ саъб[2] аст,
Оби дарём то ҳади каъб[3] аст!
Пои ҳамроҳиам куҷо дорӣ
Чун ту бе ман раҳе ҷудо дорӣ?
Гуфт: -Бошад, ки Ҳақ диҳад ёрӣ,
Бахшадам ақлу фаҳму ҳушёрӣ!
Аз чунин хоби ғафлату торӣ,
Расадам аз Худой бедорӣ!..
Чун варо дид роғибу содиқ,
Масти ӯ шуду волаву ошиқ!
Кардаш аз дил қабул дар суҳбат,
Ки бувад бас ҳамул[4] дар суҳбат!
Нарамад аз ҳар он чи з-ӯ бинад,

---

[1] Имом Муњаммади Ѓаззолї. Кимиёи саъодат. Тењрон, “Паймон”-1382, с. 374.
[2] Саъб - душвор.
[3] Каъб - банди пой.
[4] Њамул - ботањаммул

Неку бадро ҳама накӯ бинад!
Куфрҳои варо шуморад дин,
Нашавад аз ҷафои ӯ ғамгин!
Заҳрро аз кафаш чу шаҳд х(в)арад,
Санги ӯро ба ҷои лаъл харад!
Чун ба ҳам дар сафар рафиқ шуданд,
Ҳамдигарро зи ҷон шафиқ шуданд!
Ҳар тараф чун басе бигардиданд,
Бар лаби баҳр киштие диданд!
Ки набуд дар ҷаҳон чунин киштӣ,
Халқро буд бистару пуштӣ![1]
Ҳамчу шаҳре фарох буду бузург,
Бодбоне бар ӯ баланду сутург![2]
Ногаҳон Хизр сӯи киштӣ рафт,
Табаре дар кафаш ба сурат зафт!
Зад бар он бодбону киштии ӯ,
Аз пайи хидмат он гузидаи Ҳу![3]
Даршикаст он дуруст киштиро,
То кунад дафъ зулму зиштиро!
Шуд муаттал[4] зи кор он киштӣ,
Монд бе рахту бор он киштӣ!
Гуфт бо вай Калим: -Ин чун аст?
Ин зи ақлу зи шаръ берун аст!
Муъминонро бад-ин паноҳи ҳасин,[5]
Аз чи рӯ кардиаш хароб чунин?
Ҳеч инро раво надорад Ҳақ,
Андар ин кор бар ту гирад дақ!
Гуфт ӯро: -Нагуфтамат пешин,
Ки туро сабр набваду тамкин?!
Ман нагуфтам туро зи аввали кор,

---

[1] Пуштї - «љомаи кўтоњ», пуштибон, њимоятгар омадааст.
[2] Сутург - бузург, ќавї, нирўманд, бо њайбат.
[3] Њу - Худо.
[4] Муаттал - аз кор монда.
[5] Њасин - устувор, мустањкам, дастнорас.

Ки надорӣ ту пои ман, ҳуш дор?!
Кори ман баднамо, вале некӯст,
Ҳамчу он зиштрӯ, ки некӯхӯст!
Ман бар оташ агарчи биншинам,
Ҳар дам аз вай гулу суман чинам!
Ман зи мурда бурун кунам зинда,
Кунам аз айни гиря сад ханда!
Орам Иблисро зи арш ба фарш,
Барам Идрисро зи фарш ба арш!..
Гуфт: -Эй шоҳ, ман хато кардам,
Ин зи нисён,[1] на аз ризо кардам!
Гузарон аз ман ин яке каррат,
Афв фармо зи лутф ин заллат![2]
Гуфт: -Медон, к-аз ин нахоҳӣ гашт,
Хок, хок аст, гар ба об оғашт!
Лек ин ҳол бар ту пӯшидаст,
Сарат аз банди ман бигардидаст!
Ҳам шавад охират яқин пайдо,
К-он чи гуфтам, набуд саҳву хато!
Ин-т гуфтам: -Худост шоҳиди ҳол!
Ҳар кӣ каж гирадаш, бувад ӯ золл!..[3]
Чун шунид аз Хизр, Калим, инро,
Пеш овард он замон линро![4]
Кард зориву гуфт: -Баҳри Худо,
Лобаамро пазиру бахш хато!..[5]

Ва, албатта, ин ҷо мақсуд бар шинохти Ҳақ ва дар ҳадди таваккул дил ниҳодан бар Ҳақ аст, ки ҳодиву ҷодаву нозири тариқат ҳама ӯст ва ҳамчунон ки Султон Валад дар

---

[1] Нисён - фаромўшї, аз ёд бурдан.
[2] Заллат - лаѓзиш, хато, сањв, гуноњ.
[3] Золл - ба залолат афтода, гумроњ.
[4] Лин - нармиву мулоиматї.
[5] Султон Валад. Валаднома. Тењрон, муассисаи нашри “Њумо”-1367, с. 19.

кушоиши "Валаднома" овардааст: "Ҳақтаолло аз ҳама махлуқот ва мавҷудот зоҳиртар аст ва аз ғойиб пайдои пинҳон аст, ки хафо лишиддати зуҳуриҳӣ..." ва ҳам дар ин байт зам намудааст, ки:

Ҳар кӣ бар ҳастии Ҳақ ҷӯяд далел,
Ӯ зиёнманд асту аъмову залил![1]

Чун маънии вожаи "хафӣ" аз забони арабӣ ба маънои "пӯшида"-ву "пинҳон" аст ва дар вожагони ирфонӣ ба сифати мармуз ворид шудааст, ки, албатта, маънии он шарҳ мехоҳад. Ва ба ин маънист, ки Алиакбари Деҳхудо дар луғатномаи хеш бар таърифоти Ҷурҷонӣ овардааст: -Хафо - дар назди сӯфиён латифаи (лутфкарда)-и Илоҳист, ки билқувва дар руҳ ба вадиат (амонат) гузошта шудааст ва он ҳусули билфеъл (ба ҳақиқат) пайдо намекунад, магар баъд аз ғалабаи воридоти Илоҳӣ (яъне аз вуҷуди худ дарак додани Илоҳӣ). Ва чун чунин шавад, пас он воситае байни ҳазрати Ҳақ ва руҳ дар қабули маҳалли сифоти Илоҳӣ ва ифозаи (расидани) файзи Ҳақ бар руҳ мешавад.

Ба ҳар ҳол, назари мо бар ин маънӣ дар гуфтаи дар фавқ зикрнамудаи Абулмаонии Бедил нигаронӣ мекашад, ки аз назари ӯ "Хун гаштани пайкар" ва "хун хӯрдани дил" амри воҷиб бар ҳоли ғариқ аст, ки бар талвосаи раҳоӣ аз банди балои амвоҷ ба сар бурдааст. Ва дар маврид бояд ҳам шарҳи "Бори киштӣ"-ро ба тавзеҳ шинохт, ки ба маънӣ - хоки вуҷуди инсон аст ва бо оби ишқ тахмир шуда ва то ҳадде, ки дар ҳоли нотавонӣ қарор дорад ва ҳаволат бар "нохудо" шудааст, ин лаҳзаи навмедиву яъсро бо доштани "гавҳари уммед" дар "баҳри таваккул" таҳаммул медорад ва ин ҳолат фаротар аз ҳоҷату миннату дастнигарӣ бар касе, бештар дар ҳадди "таваккул"

---

[1] Њамон љо, с. 3.

уммедворкунанда аст, ки ӯро бо андешаи расидан ба мақсуд мадору тавон мебахшад.

Ифодаи "шукр" бар таъбири "таваккул" дар ҳар маврид воҷиб аст ва "амри таваккул" ҷозиб аст, ки фидоиёни хешро бар худ мекашад ва соликони тариқат, ки дарёсипорони бебоканд, бар ҳар даъвати ин "амр" омодагонанд ва бар адои ин "амр" адошудагонанд, ки бо ин "ном" мухлисони холисанд ва аз қавли Ҳаким Саноӣ, ки фармудааст, барои "иҷро"-и айни "амр", ки бар таваккул аст, бояд омода буд:

Ту дар киштӣ фикан худро, мапой аз баҳри тасбеҳе!
Ки худ Руҳулқудус гӯяд, ки: "Бисмиллоҳи муҷриҳо![1]

Ва ишқ мухотаб аст, ки мефармояд: "...дар киштӣ фикан худро!.." ва ин амр бар зикратест, ки афзудан бар "таваккул" кардан аст ва дар ҳоли хавфи роҳиёни тариқат ва дарёпаймоёни гирифтори ҳайрату ваҳм, ки ба зикру ёди номи Ҳақ ва "субҳоналлоҳ" андармон шудаанд, нидо дармедиҳад, ки бояд дар амри таваккул ба ҳадди "дар киштӣ фикандани худ", ки номаи аҳд бар таваккул аст, рафт ва "дар киштӣ" бояд "худро фиканд", зеро дар ин таваккул ҳам ном ва ҳам зикру ёди "Руҳулқудус" дар "бисмиллоҳ" собит шудааст ва ӯ худ ноҷии ҳидоягару барандаи роҳ аст ва ҳам муҷрӣ, яъне иҷрокунандаву анҷомдиҳанда, ки "киштӣ"-ро аз ин дарёи пуртуғён ба саломат гузор медиҳад?

Аммо, агар бо таваҷҷуҳ ба равобити вожагони василаҷӯи байти мазкур, ки иртиботи қавӣ бар "киштӣ" аз мисраи аввал дорад, мутаваҷҷеҳ гардем, назари мо бештар бо ин пайванд, бахусус ба вожаи "Руҳулқудус" ва ибораи "бисмиллоҳи муҷриҳо", аз мисраи дуввум, бештар моил мешавад ва бо мақсади амиқтар рафтан ба фаҳм дар

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, "Саної"- 1362, с. 53.

дурустии он, ки шояд “бисмиллоҳи маҷроҳо” бошад, метавонем ба ҷараёнгоҳи дарё, ки “киштӣ”-ро аз вартагоҳи сели муталотум “маҷро” ва убур медиҳад, низ ба тафсиру ташреҳ ҷаҳде дошта бошем.

Дар ин маврид ёд овардани ояти каримаи 41, аз сураи “Ҳуд” ҷоиз аст, ки ҳазрати Нӯҳ (а) фармуд: “Ва қола иркабӯ фиҳо бисмиллоҳи маҷроҳо ва марсоҳо, инна раббӣ лағафурур раҳим” (Бар он (киштӣ) савор шавед, ки ба номи Худо ба роҳ афтад ва ба номи Худо биистад. Зеро Парвардгори ман омурзандаву меҳрубон аст!)[1] Ва мақсуд бо овардани ин оят, эътимод доштан ба “Бисмиллоҳ” аст, ки ҳам дар “иҷро”-и фармуда бар саворагони “киштӣ” дар таййи тариқу мароҳил ва ҳам барои убури “киштӣ” аз “маҷро”-и об ва расондани он ба соҳил муносиб ва мусоид аст.

“Бисмиллоҳ” - исми “истисно” ва сароғози майлу саъйи гироиш бар таваккул аст, ки барои роҳиёни тариқат ва дар маҷмуъ нахустин зикри тариқапаймоён дар водигоҳи ҳақиқат ба сифати ҳидояти ботин ба забон меояд ва ин тазкор ҳамеша уммедворкунанда буд барои расидан ба кӯи мурод ва мақсуд, ки бо номи Худо сифат шудааст. Аз ин ҷост, ки “киштӣ”-ро бо ин “исм”, ки ғояти меҳварии “уммед” аст, бар “таваккул” “бодбон” афрохтан, яъне ба ихтиёри боди “шурта” ниҳодани он аст, ки дар бенишониву бекаронии “мавҷи муҳит” дар дарёи беҳудуд бар ин бод ҳидоят мегирад ва чун ҳидоят бар исми “таваккул” ёфт, оқибатро дар “амн” хоҳад дид ва аз бедоди “ғам” низ хоҳад раҳид.

Ин нуктаро ба маънӣ метавонем ба сифати намунае бар шарҳи байти зерини Туғрали Аҳрорӣ ба таносуб дарёбем, ки фармуда:

---

[1] Ќуръони карим. Тарљумаи Абдулмуњаммади Оятї (ба форсї). Ба њуруфи кириллї баргардони Мирзо Муллоањмад. Тењрон, нашри Замон-2006, с. 227.

Аз таваккул бодбони киштии уммед кун,
Баски пайдо нест дар мавҷи муҳити ғам канор![1]

Агар, ҳатто дар маврид дарёи ҳаёти инсон, ки саршор аз амвоҷи ранҷзост ва огоҳ аст, ки ин дарёи "ғам"-ро карон нахоҳад буд, ҳамоно бар "таваккул" уммед бастааст, зеро кушоиши уқдаву гиреҳ ва илоҷу чораи саломати киштии уммедро бар дасти "таваккул эҳсос кардааст.

Дар ҳоли дигар, вақте киштӣ амн аст, инсон ва савораи он амн аст, аммо агар асос ва манзари умедворӣ бар амният аст, чи ҷои нигаронист, чу киштӣ осеб бар шикаст бинад ва ин ҳолат муҷиби хатар бар ҳалоки киштинишастагон мегардад ва барои раҳоии он нохудо наметавонад, ки Худо бошад. Вале агар ҳам ба фарзе бинем, ки киштӣ шикаст, дар маврид танҳо умедворӣ бар тахтаҳои киштӣ метавонад бовари саломатро эҳдо диҳад ва дар ҳоле, ки амри "таваккул" рафта бошад.

Аз ин ҷост, чун таъкид бар он рафтааст, ки таваккул бар Худо, сифати дил ниҳодан ба уммеди яқин аст ва дар маврид бар ин назар ҳам ин ҷо ба мувофиқат мехонем:

Киштии худ бо Худо биспор, к-аз тӯфони яъс,
Оламе шуд ғарқу дасти нохудое барнахост![2]

"Киштии худ бо Худо биспор!" -гуфтани шоири ориф, ишорат бар амри таваккул аст ва муҷибу манзари "таваккул" танҳо Худост, ки ҳодии ҳар водиву тариқ Ӯст. Моҷаро нест, ки дар ин моваро Бедил шикасти амвоҷро бо ба сар овардани балои "яъс"-у навмедӣ бар сари

---

[1] Туѓрали Ањрорї. Девони ашъор (тасњењ ва тањияи Мирзо Шукурзод). Нашри Пажўњишгоњи фарњанги форсї-тољикии Сафорати Љумњурии Исломии Эрон, Душанбе-2011, с. 209.

[2] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўѓї", Тењрон-1366, с. 286.

шиноварӣ дарё таҳаммул кардааст ва ӯро ба амри таваккул, яъне бар "Худо" ҳаволат мекунад ва роҳ менамояд, ки бояд умед бар Худо баст ва худро бар Худо биспурд, зеро дар паймудани баҳри муталотум ва исёние, ки Худо ҳодист, нохудоро коре набошад.

Ин муҳити аъзам, ки муталотуми амвоҷи ишқ аст, ғариқе чун Амир Хусрави Деҳлавиро низ мубталои хеш гардонидааст, ки бар таваккул рӯ овардааст ва то бо Худо эътиқоду эътимод дорад ва ба иззат "Худо"-ро мешиносад, бо "нохудо"-ву "халқ" сару коре надорад ва мегӯяд:

Кофари ишқам, мусалмонӣ маро даркор нест,
Ҳар раги ман тор гашта, ҳоҷати зуннор нест!
Аз сари болини ман бархез, эй нодон табиб,
Дардманди ишқро дору ба ҷуз дидор нест!
Нохудо дар киштии мо гар набошад, гӯ, мабош!
Мо Худо дорем, моро нохудо даркор нест!
Халқ мегӯяд, ки Хусрав бутпарастӣ мекунад,
Оре, оре, мекунам, бо халқ моро кор нест!

Ва айни миннатро, ки бар ҳоли "нохудо" бор овардааст, Бедил ҳам намепазирад, зеро ӯ низ орзуманди муҷиботи тавассул бар "Худо"-и хеш аст ва ошиқи фанопазир ва ҷоннисорест, ки раҳмати хотир бар ҳоли "бедаступоӣ"-ро, ки бояд таҷассуми симои ошиқи асил бошад, чун сарномаи сарнавишт ва доди таваккул қабул дорад.

Ва "киштинишастагон"-и роҳии сафар, ки дил бар Худо ниҳодаанд, доғи миннат бар таъну маломати нохудоро қобили қабул намешуморанд ва фаротар аз ин бори нангини уммедвориро, ки бар боли таваккул баста шудааст, беш аз ҳар назаре авло мешуморанд:

Ку димоғи он, ки мо аз нохудо миннат кашем?

Киштии бедаступоиҳо канори раҳмат аст![1]

Албатта, дар баҳри тӯфонии ишқ кори нохудо сангин аст ва иродате, ки метавонад бар офияти киштӣ, киштибон ва бори киштӣ муносибу созгор бошад, марҳамату лутфи Худованд аст, зеро ин илтифот сармояи асили комбахшо бар уммедвориҳост.

Сухани оғози мо дар ин радиф, ки бар шарҳи ҳоли "Дил" асос ёфт, ки аз ҳеч касе миннат намепазирад ва месазад бо сидқ бар ин дил ба муомилат рафт, ки агар дар манзар ба сифат рамзи "Каъбатулмаъво" ва ё "Хонаи Худо"-ст, пас ин хонаро нигаҳбоне чу Хонахудо ва ё соҳиби ин даргоҳ худи Офаридгор метавонад бошад ва дар амри дигар айни киштӣ, ки "дил" аст, дар он ҷойгоҳ "Худо" маъво дорад ва ҷойгоҳи "Ӯ" ба азимат, ки дар "дарёи маърифат" аст, мебояд, ки амн ва муназзаҳ бошад ва, албатта, дар ин маврид бар ҳоли амният "илтифоти Ҳақ" шояд нохудо гардад, ки тӯфони балову ҳаводисро биншонад ва киштиро ба соҳили мурод кашонад. Ба тарвиҷ ин аст, ки мехонем:

*Дил киштии Худост ба дарёи маърифат,*
*Лутфи Худо сазад, ки бувад нохудои дил!*[2]

Ва, ҳам ҳидояту башорат низ бар асари ин "лутфи Ҳақ" муяссар мегардад, агар марди тариқ аз садоқат бархурдор бошад

Мавриди дигар тасвири "баҳона" бар баҳоест, ки дар кори ҷазбу каши зоҳирбинӣ ҷониби "сароб" рух додааст ва он ба сифати озмоишгоҳу имтиҳонгоҳи ёрони тариқ ораста шуда ва барои ҳушмандиву ба эътимод расидани солики тариқат ба намо расида ва бар ҳоли инсон руъёи

---

[1] Њамон љо, с. 171.
[2] Шоњ Неъматуллоњи Валї. Девони комил. Интишороти Хадамоти фарњангии Кирмон-1380, с.523.

“хастагӣ”-ро нақш бастааст ва чунон ки бар тамоми сарчашмоҳо манзур омадааст, ин рамз, яъне намои “сароб” дар адабиёти ирфонӣ мазҳари дому фанду фитнаи ҷазбдиҳанда, аммо азроҳбарандоз аст ва метавонад ин манзар дар маъвову варои муҳлик ҷойгир бошад, ки сароғоз уммедро барбод хоҳад дод ва айни ҳолати ноумедии инсон бар ғояти ба шикаст мувоҷеҳ гардидани он оварда мерасонад.

Аз ин нукта бармеояд, ки “навмедӣ” оғози ҳама нокомиву бебарории инсони ошиқ дар тариқати ишқ аст. Ва чунон ки аз фармудаи Калими Кошонӣ бар ин асос бар медиҳад, худи вожаи “сароб” бо “навмедӣ” пайванд ҷустааст ва нуқтаи назари ирфону сӯфиён ба ибораи “сароби навмедӣ” тавзеҳ шудааст:

Он чи аввал ғарқ гардад, киштии уммеди мост,
Гар сароби ноумедиро фалак дарё кунад![1]

Новобаста бар ин, Калими Кошонӣ аз ин “сароби навмедӣ” ҳарос надорад, зеро умед бар Худо бастааст ва, ҳатто, агар ин “сароб” дар варои сайронии ӯ ба “дарё”-и муталотум бадал гардад, чун бо Худост, биму боки дому банду фанди роҳ надорад.

Мавриди дигар бар шунидани ҳикояту шикояту ривояти инсон рӯнамо мегардад, ки аз ҳоли шикасти хеш шокист ва Калим бар шинохти ин вазъ ва ҳолати ноҷуриву фаро рафтани инсон аз “шукргузорӣ” ва мубтало гардидани он ба руҳафтодагиву “ба гузашта салавот” нагуфтанаш сабаб меҷӯяд ва дар ин амр ба носеҳу раҳнамое табдил мегардад ва инсонро то ҳадде, ки бо “риштаҳо”-ву торҳои садоқат ва дилбастагиҳое, ки бар ғояти аслии муҳаббат дорад, ба шукру зикр гуфтан бар уммедворӣ ва бовару эътимод раҳнамун мегардад:

---

[1] Калими Кошонї. Гули хуршед. Душанбе, “Ирфон”-1985, с. 161.

Аз шикаста киштии мо то даме ёд оварад,
Риштаҳои мавҷ бар ангушти тӯфон бастаем![1]

Ин риштаҳо ноқили ҷаззоби муҳаббатанд, ки аз калобаи сарпечидаву гираҳхӯрдаи сарсонӣ бо "ангушти тӯфон" басту гусаст меёбанд ва ҳам мавҷ сарриштаи уммедворист, ки бо шӯри "тӯфон" киштиро таҳрик медиҳад ва онро аз "ист"-у "лангар"-у "қарор" ба роҳпӯиву манзилҷӯиву шино ба сӯи кӯи мурод раҳсипор медорад.

Вазъи дигар ба ҳолати сабуриву тоқат ва қаноати соликони паҳнаи ишқ иртибот дорад, ки эшонро тамкин ва фурӯмоягии кӯҳ эъто кардааст ва айни чунин тобу тавон дар истодагариву матонати ошиқ ва "сангин"-у гаронбор доштани лангари вуҷудаш дар дарёи ҳаёт киштии уммеди ӯро ком бахшидааст. Ин ҷо мисол бар насоеҳи Мавлоно Ҷомӣ метавонем асос гирем, ки ба сурати "Пири тариқат" омадааст ва дар "Сабҳат-ул-аброр" бо ишорат бар сабуриву тоқати мардони ҷодапаймо бо дарназардошти пандомӯз будани сарнавишти Нӯҳ (а), киштии Нӯҳ (а) ва сабақомӯз будани хулқу хӯи ӯ дар сабуриву матонат бар тақдири қавми ӯ, ки дар ҳоли носабуриву нобоварӣ бори ғамашро гаронтар аз бори киштӣ гардонда буданд, бар доди қазову қадар панд медиҳад, ки:

Ҳар дам аз ҷо чи равӣ киштивор,
Кӯҳ шав, лангари худ сангин дор!..
Нӯҳ аз мавҷи ғами қавм нараст,
То ба киштии сабурӣ нанишаст![2]

Ва, ин "киштии сабурӣ" амри эътимод бар таваккул аст ва сабуриву матонат амали ҷавонмардонаву иқдоми

---

[1] Њамон љо, с. 191.

[2] Абдуррањмони Љомї. Осор, љ. 4. Сабњат-ул-аброр. Душанбе, "Адиб"-1988, с. 60.

аҳли футуввату шеркӯҳоҳанмардон аст, ки бо сабри комилон ва сахову ҷуду караму қаноат ва матонату далериву шуҷоат сангиниву бори гарони тариқатро таҳаммул мекунанд ва дар ин тариқ ончи гаронтар аз ишқ нест, ғурури онро бар дӯш доранд ва сарнавишт ин ёрони ҳақиқат ва соликони тариқатро бо боди ҷунун бар сар аз баҳру бар ҳидоят кардааст.

Дар ин робита ба манзалати шинохти ин баҳри фарогири муҳити аъзам Туғрали Аҳрор фармудааст, ки:

Эй нохудо, ту лангари киштӣ зи сабр кун,
Баҳри муҳити ишқ аҷаб бекарона аст![1]

Ва дар ин амр мақсуд бар "лангар"-дорӣ дар айни "киштӣ" равона шудааст, ки дар асл худи вожаи "лангар" ба маънӣ моҳияти "сабр"-ро дорад, чунон ки дар ин баҳри беканор ба таваққуф ва лаҳзаи "ист"-и киштӣ тавофуқ мекунад ва дар ин аҳд ёд овардани киштии Нӯҳ (а) ва "сабри Нӯҳ" бар вазъи бaбopомада бар сарнавишти ӯ ва қавмаш ҷоиз аст, зеро ин сабр бори таҳаммул ва қаноату матонат бар тамкину фурӯмоягист ва ҳам "бор"-и дигар дар баробари "бор"-и гунҷодода дар киштии Нӯҳ аст, ки эътои Илоҳӣ ба шумор меравад.

Дар ин аҳд "киштӣ"-еро, ки инсони бо фаросати ақл соҳиби киштии вуҷуд ва дар амри дигар нохудост, бар соҳили амни мурод расонад, метавонанд боровардҳои хулқухӯии инсон бар асари аносири хисолии ӯ бошанд, ки бар тахтаҳои ҳалимиву хоксориву фурӯтанӣ дар баробари матонат мараммат шуда ва то дар муқобили тундбоду тӯфони кибру ғуруру ғазаб истодагару мутобиқ бар пойдорӣ бимонад. Ва, агар дар ҳоли соҳибият бар зӯри тӯфонии баҳр ғолиб наомад, яъне дар кори сабру

[1] Туѓрали Аҳрорї. Девони ашъор (тасҳеҳ ва таҳияи Мирзо Шукурзод). Нашри Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсї-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, Душанбе-2011, с. 120.

таҳаммул истодагарӣ карданро комёб нашуд ва гирифтори ҳавову боди "ғазаб" гардид ва худро дар боровардҳои пурмоҷарои хулқухӯии муҳити ҳаёт идора карда натавонист, бар ин тӯфон, бо дасти қаҳру ғазаби балоофар шикаста шавад ва бар доми амвоҷи ҳоил ва пурпечу балоафзои хисол ва нафсонӣ афтад ва ба ҳалокат расад:

Ҳилм киштиву ғазаб тӯфон аст,
Соҳиби ҳилм чу киштибон аст!
Зӯри тӯфон-ш чу киштӣ шиканад,
Мавҷи тӯфон ба ҳалокаш фиканад![1]

Ба ҳар ҳол дар фаҳми ин маънии бикр, ки аз ҳақиқат ба маҷоз кашида ва дар кори таҳқиқ аз маҷоз ба ноз кашида ва фикрро дар пои ниёз кашида, бар кушоиш аз манзур назару андешаи фарогир ва қаноату тамкину хулқи собир мехоҳад, то ба умқи ин фоҷиа, ки бар кори ишқ ва орзуи расидан ба асл бор овардааст, комёб шуда тавонад.

Бо ин назар рӯ бар ғазали зерини Мавлоно кардан ҷоиз аст, ки "ҳама умр"-и хешро дар ҳоли "дил ниҳодан" "ба он яке" гузордааст ва ҳолати басарбурдаашро дар сувари манзари мунаққаши сарнавишту саргузашт бар маърази тамошову диди аҳли фаҳм ниҳодааст. Чунон ки дар маврид «ҳуҷраи хайёт»-ро коргоҳи «ишқ» медонад ва «дил»-ро, ки муҷиби ин коргоҳ дар дасти Офаридгор ва хайёти азал аст, ҳамчунон тахтаву киштии амниятбахши ин ишқ медонад, ба исрору иқрор мегӯяд:

Равам ба ҳуҷраи хайёти ошиқон фардо,
Мани дарозқабо бо ҳазор газ савдо!..
Бад-он якет бидӯзад, ки дил ниҳӣ ҳама умр,

[1] Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор, ҷ. 4. Сабҳат-ул-аброр. Душанбе, "Адиб"-1988, с. 106.

Зиҳӣ бирешиму бахя, зиҳӣ яди байзо!
Чу дил тамом ниҳодӣ, зи ҳаҷр бишкофад,
Ба захми нодирамиқрози «иҳбиту минҳо!»
Дил аст тахтаи пурхок, Ӯ муҳандиси дил,
Зиҳӣ русуму руқуму ҳақоиқу асмо!..
Туро чу дар дигаре зарб кард ҳамчу адад,
Зи зарби худ чи натиҷа ҳамекунад пайдо?
Чу зарб дидӣ, акнун биёву қисмат бин,
Ки қатраеро чун бахш кард дар дарё!
Ба ҷабр ҷумлаи аздодро муқобала кард,
Хамуш, фикр даришкаст з-ин аҷоибҳо![1]

Аммо, асли қисса дар ин ғазал иртибот бар сарнавишти гунаҳбори Одам (а) дорад, ки мехоҳад ба хотири дарёфти васила пеши хайёти ишқ - Худо, боз ояд ва ба қиссаи дарозои ишқ, бо ҳазор газ савдо (савдои матои ишқ дар бозори ҷунун), бо яди байзоӣ - бо дастони нуронии Ҳақ дарозқабо, ки ҳар тору пудаш бо риштаҳои ба дастони ин хайёт сиришта зевар ёфтаанд, бидӯзад ва дар ҳар тори ба нақш кашидааш ёдовари сувари рӯзгори азал бошад ва ин рӯзгори маҳҷуриву фироқи инҷаҳониро ба миқрози "Иҳбиту минҳо"[2] бишкофад ва киштии ҳастиву вуҷудро, ки тахтааш бар хоки одам олуда аст ва ин тахта Дил аст ва бо дастони Илоҳӣ мараммат шудааст ва Одам (а)-ро, ки бо аҳли малоик ба теъдод шумор дода буд, бо расму шумор бар ҳақоиқи куллияи асомӣ бишморад ва дар худ биафзояд ва чун бо худ биафзояд, шумори одам дар "Ӯ" ҳулул ёбад ва дар айни ин омезишу маҳву ҳулул дар шумор аз Одами савдоии ишқ, ки бо "ду"-иву "ту"-иву "ӯ"-ӣ бар мекашид, чизе бар мазод боқӣ намонад, зеро чун дар "Як"-ӣ ояд, чунон ки қатра дар дарё, ки дарё шавад ва

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 129.
[2] "Ињбиту минњо!" - Фурўд оед! Хитобаи амр бар Одаму Њаввову Иблис, ки аз љаннат фуруд оянд.

аз қатра буданаш дар ёд чизе боқӣ намонад ва ҳамчунон ки аз қисмати тахтапораҳои киштӣ ба тазодд чизе боқӣ намонад.

Ва дар хулосати ин вазъ, “Хамуш” - ба ихлос тахаллуси Мавлоност, ки бо бесадоиву беовоиву ниҳону хамӯш будан, сифати “ишқ”-ро инъикос мекунад ва бар асари ин аҷобату ҳайратгуворӣ “фикр”-и хешро, ки дар ирфон моил ба саъйи худошиносӣ ва дар аҳди дигар киштии барандаи баҳри афкор аст, мешиканад, то мағруқи дарёи ҳақиқат бошад.

Аммо, чунон ки ҷабҳае паймуда шуд, ба назар аён гардид, ки ҷодае бе “хавф”-у балое нест ва, дар ин манзари бекарон, ҳайф аст гар аз “риҷо” савту салое нест. Ва Ҳаким Низории Кӯҳистонӣ дар ин байти ғазали хеш бо таваҷҷуҳ ба “маърифати марди содиқ” бар аҳду қавли “таваккул” бамаврид мегӯяд, ки:

Нишони маърифати марди содиқ он бошад,
Ки иқтидо ба таваккул кунад ба хавфу риҷо!..

## АГАР АЗ ХАВФУ РИҶО ОЯД…
## ШАРҲ ДАР ҲАРФУ ҲИҶО БОЯД!

“Хавф” - аз вожагони арабист, ки дар форсии тоҷикӣ ҳамчун тарсу бим аз хатари бало маънӣ шавад ва дар ирфон, бим - барангезандаи дил аст, ки бар асари қаҳру ғазаби азалӣ ба бор меояд ва ҳаргиз касеро амн намегузорад ва дар ҳар лаҳзаи ғафлатнизорӣ метавонад ба вуқуъ расад. Ва ҳам рӯидаи оромбарандози имониву ғайбист, ки бар ҳоли амният барои таълими одам бар огоҳу эҳтиёт ба ҳадди тазкия бар рухдодҳои ботин ва фикри оқибат ва агар бар асбоби гуноҳ бошад, ба тавбапазирӣ восита мешавад, ки ин боиси покиву сидқу сафои ботину зоҳир, ҳам таассурот дар ахлоқ ва хӯи инсон мегардад.

Шарҳи истилоҳи “хавф” - дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои тарсу биму воҳима ба кор рафтааст ва дар Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонии Саидҷаъфари Саҷҷодӣ бар нақли сухани Азалуддини Кошонӣ омадааст, ки: “Аз ҷумлаи манозил ва мақомоти тариқи охират, яке хавф аст.”[1]

Ва, ҳам “хавф” дар ирфон бар ин аст, ки инсонро бо эҳтиёт бар нафси хеш ғолиб медорад.

Дар Фарҳанги форсии Муҳаммади Муин, хавф ба маънои тарсу биму бимнок гаштан ва ҳам инзиоҷ (беоромиву барангехта шудан)-и қалб ба кор рафтааст ва ҳам дар Фарҳанги форсии Амид ба маънои бимноку тарснок шудан омадааст. Ва, чун уммеди мо нахуст бар ҳарфи асл аз назари муҳаққақи Ҳофиз аст, мебинем, ки дар маврид чи мегӯяд:

---

[1] Саидљаъфари Саљљодї. Фарњанги истилоњот ва таъбироти ирфонї. Тењрон, “Тањурї”-1370, с. 375.

Зи хавфи ҳаҷрам эмин кун, агар уммеди он дорӣ,
Ки аз чашми бадандешон, Худоят дар амон дорад![1]

Ва мавридест, ки *Лисонулғайб* бо тазарруъ аз Худои хеш бо риҷову уммедворӣ бар огоҳӣ ба оқибати хавфи фироқу ҳиҷронро талаб кардааст ва бар ин бовар аст, ки аз "чашми бадандешон" ва уқубати роҳи сафар танҳо Худованд аст, ки солики тариқро дар "амон" нигоҳ медорад.

Ва ҳам дар мавриди уммедвориҳост, ки вожаи ирфонишудаи "Риҷо" бештар ба кор рафтааст ва "Риҷо" - низ муарраб аст ва дар форсии тоҷикӣ уммеду орзу ва чашмдошт, аммо дар ирфон ин чашмдошт ба сифати мояи интизори уммедворон бар имдоди Ҳақ аст, зеро уммедворон ёрони фурқатнизор, риҷоулғайб ва ба ғурбати фақру ано афтода ва аз аҳли тариқатанд, ки бо орзуи бозгаштан ба маъвои азалӣ, бо ҷоннисорӣ ва фидоӣ будан, ки дилҳоро дар ин аҳд тасфия додаанд, бо чашмдошт бар уммеди имдоди Ҳақ мунтазирони нигаронанд.

Дар ин фурсат Ҳофиз ба маврид шарҳи қиссаи ҳол мегӯяд ва дар мавқеъ истифодаи каломи "умед"-ро авло донистааст ва дар ҳоли "ба гирдоби ғам" афтоданашро чораву илоҷу "тадбир" низ бар ҳамин "уммеди соҳил" муносиб дидааст ва ин уммедворӣ бар таваккули ӯ асос ёфтааст. Ин аст, ки мегӯяд:

Ба гирдобе чу меафтодам аз ғам,
Ба тадбираш умеди соҳиле буд![2]

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 252.

[2] Њамон љо, с. 350.

Ва, албатта, уммедворӣ ҳамеша бар назари Худо ва раҳмату карами Худо таносуб меҷӯяд, ки ҳоли уммедворонро ба фардои дурахшону тавфиқдиҳандае нигарон доштааст. Ин аст, ки ҳам Саъдӣ дар ин байти ғазали маъруфи хеш бо орзуи комёбии "умедворон" ва бо шарҳи ҳоли касони захри фироқу ғурбат чашида, ки ба манзур ҳама ёрони тариқатанд, бо ишорати воҷиб қайд кардааст:

Ҳар, к-ӯ шароби фурқат, рӯзе чашида бошад,
Донад, ки сахт бошад, қатъи умедворон!..[1]

Ва ҳам боиси тазаккур аст, ки Шайх Саъдӣ дар осори хеш бар мизони "хавф"-у "риҷо" ва истифодаи барҷои ин ду вожа ба фаровонӣ таваҷҷуҳ кардааст, ки аз ҷумла дар қасоид, ғазалиёт ва осори мансури ӯ метавон бар ин манзур зиёд дучор омад ва кифоят аст, ки ин ҷо байти матлаъ ва маъмули зерин аз ғазали ӯро мисол дошта бошем:

Сари ҷонон надорад ҳар кӣ ӯро хавфи ҷон бошад,
Ба ҷон гар суҳбати ҷонон барояд, ройгон бошад![2]

Ва бо ин иддао ҷоннисори тариқатро ба шуҷоат мехонад ва таъкид бар он дорад, ки фидоӣ будан ба маънии аз сари "ҷон" гузаштан аст, зеро фидо шудан танҳо дар ин қавл бояд ба хотири "ҷонон" бошад ва, агар аҳд ин бошад, пас, тариқат бар Ҳақ аст ва ҳосили аҳд муфти Аҳад аст, ки ба манзур комёбист.

Ва инсони тариқат ва ҷӯёи ҳақиқатро дар ҳар қадам, аз ҳаст то адам кор бо сармояи уммедвориҳост, вале дастёбӣ ва муваффақ шудан бар доди Худо низ ранҷу заҳмату душвори роҳро тақозо мекунад, ки ӯро барои

---

[1] Куллиёти Саъдї. Ѓазалиёт. Интишороти Бењзод, Тењрон-1382, с. 475.
[2] Њамон љо, с. 381.

дарёфтии худи худ то рӯзи қиёмат осуда намегузорад. Бар асари бимофарии ин хавфи пешомад, Бедил арзи назар кардааст, ки:

Дар адам бекории мо шуғли ҳастӣ пеш бурд,
Санъати авҳом киштӣ ронд дар мавҷи сароб![1]

Маънии "адам" бар дақиқнигории манобеи ирфонӣ - "нестӣ"-ст, ки дар коргоҳи хеш "ҳастӣ" меофарад ва ин бар он маънист, ки фидоиёни тариқатро бар хеш мехонад, чун умеди фардову қиёмат ва фикри ҷамъоройӣ дар арасоти маҳшар бо умеди дидори Ҳақ ҳанӯз барҷост, чунон ки боз ҳам Бедил қайд кардааст:

Мурда ҳам фикри қиёмат дорад,
Орамидан чи қадар душвор аст![2]

Аммо, ҳоло ки то расидан бар ин манзар мушкил аст ва ҷодаву тариқ хавфборанд, соликро мебояд бар балоҳое, ки аз ҳар мавҷи гирдоб сар мебароранд ва умедҳоро аз пой медароранд ва бар ҳар гоми ёрони роҳ саддеву бар қадам-қадам доми ҷаҳолат мегузоранд, огоҳ дошта бошанд ва ҳангоми пайсипорӣ бе ҳангмаҳои гумонофар худро дар он маъво, дар тахтгоҳи тахайюлоти уммедворкунанда маъмур бигморанд.

Ҳоло вазъе, ки дар ин назарперойӣ моро ба андешаи ин сайронгоҳи маънавӣ ва гироишҳо бар сарнавишти пурпечу таҳлукабору фиребандаву пурпечу пурмоҷарои ин ёрони тариқат андармон доштааст, новобаста бар ин хаёлситезиҳо, ба ҳадиси ҳоли ин ҷодапӯён низ нигарон кардааст, ки хавф дар ин манзар бар солик чира шудааст ва ӯро ҷониби сароб ҷазб медиҳад, вале, сароб, ки

---

[1] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўѓї", Тењрон-1366, с. 143.
[2] Њамон љо, с. 283.

назаргоҳи фитнабори хаёливу рӯъёиву ҳамон ҷазбдиҳанда аст, низ бар бовар умедбахш аст, чунон ки ҳанӯз соликро барои расидан аз баҳр ба наҷд ва аз наҷд ба маҷд, бар назаргоҳи ваҷд таҳрик медиҳад.

Ошиноӣ дар ин баҳр бар ҳоли шиноваре раво гардад, ки бо кори хавфу хатар ошно бошад ва дар назаргоҳи дарёнавардони ин тариқат намунаи ибрат бошад ва дил аз тарсу биму хавфи хатар эмин дошта бошад ва киштиеро, ки дар он биншаст, дар сурати хавф пазиро бошад, чун пазиро будан аз хавф, ғолибияти ӯ бар огоҳи ӯро таъмин намояд ва дар маврид ӯ дигар биму боке бар шикасти киштии хеш аз биму боки дигарон надорад. Дар шинохти ин вазъ Мавлоно Ҷомӣ бар ҳадди таълим дар ҷасорату карон омадан аз тарсу бими хавф бар ин шиноварони фарорафта дар об, ки дар киштии ворафтаи сарнавишт ба аҳди сароб нишастаанд, мефармояд, ки:

Нест коре зи худотарсӣ беҳ,
Ҷаҳд кун, доди худотарсе деҳ!
Ҳар кӣ дар киштии ин тарс нишаст,
Тарси кас киштии ӯро нашикаст![1]

Ва дар ҳоле, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ инсони ошинои ин баҳри беҳудудро ба “худотарсӣ” даъват мекунад, албатта манзури ӯ бар худошиносии инсон аст, ки қадру манзалати хешро бар ин ваҷҳ хоҳад шинохт ва “худотарсӣ” - муайянкунандаи ҳадди қадршиносии инсон ва эҳтиром гузоштани ӯ бар Худост, ки “Якто”-ву “Беҳамто”-ву “Бечун” ва бар ҳадди камол “Нозир” аст ва баҳру барр манзари назаргоҳи “Ӯ”-янд.

[1] Ин чаҳор мисраъ аз “Иқди понздаҳум дар хавф...” ва назми “Иқди шонздаҳум...” ба пуррагӣ, мутаассифона бо сабабҳои номаълум (аммо маълум!!!) аз осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, дар ҷилди 4 (Сабҳат-ул-аброр), ки дар нашриёти “Адиб” соли 1988 дар шаҳри Душанбе ба табъ расидааст, берун карда шудаанд.

Ва, айни "худотарсӣ" нишони дараҷаи камоли инсонист, ки ӯро дар бардоштҳои таълимдиҳанда бар далериву шуҷоат намунаи ибрат гардонидааст ва Мавлоно Ҷомӣ ба гирифторӣ дар ин баҳри пурбалои хавфзо бо таъкид бар ин таълим, даъват бар сахову ҷуду карам доштани инсонро талқингар аст, ки инсонро дар ҳадди намунаи ибрат будан, ки на бими хавфу бало, балки бим аз Худо дорад ва бо зикри "Бисмиллоҳ" тариқ мепаймояд, ҳамеша бартару болотар, бешикаст ва амнтар бар хатароти пешомад ҳифз медорад.

Ва ин мардони тариқати пурмаънии баҳру дарё далеронанд, ки бар манзар аз гароноҳансанги сабру тобу тоқату тамкин лангар бастаанд ва ин лангар бар вазни риҷову уммедвориҳост, ки амнияти "киштӣ" ва ҳам "киштинишастагон"-ро бо назари "ҳифз" пос медорад. Ва орзуву тақозои фаҳм бар ин маънии амиқ киштии ин ёрони Худоро ба вартагоҳе мекашонад, ки то дар ин хавфгоҳ бар огоҳи хеш панде ба амонат гиранд. Ва дар маврид ҳарфи ҳидоятгаронаи риҷоулғайб Наҷмуддини Ироқӣ бамавқеъ афтодааст, ки онро мехоҳад ба хотири ҳуш будани инсон дар гӯш биншонад ва ин аст, ки мегӯяд:

В-он ҷо, ки баҳри маънӣ мавҷи бақо барорад,
Бар киштии далерон лангар чи кор дорад?[1]

Мақсуд аз гуфтаҳои фавқ дар ибораи "баҳри маънӣ", ки бар дунёи бекаронаи фаҳму завқу зеҳн таносуб овардааст, бор мегирад ва мавҷ овардаи баҳр аст, ки ҳамеша бар шӯру исёну туғён моил аст, аммо "маънӣ" зояндаву бахшояндаи "бақо"-ст, ки дар амри кӯшо ва ҷӯшо будани солики ошиқ дар ин баҳр ба хотири бақову саломат мондани ӯст ва ин амр тазоддест, ки ишорате бар саъйу талош барои раҳоӣ аз вартаи ҳалокро тарҳ

[1] Шайх Фахруддини Ироќї. Девон. Тењрон, интишороти "Паймон"-1381, с. 65.

мегузорад ва ушшоқи ҷонбозу огаҳ бар ҳавфу хатар ва уммедвориву риҷоъро ба шуҷоату “далер”-ӣ ва эътимоду бовар бар тавонмандӣ даъват мекунад, зеро “киштӣ”-и ин “далерон”, ки аз оҳани сабру тоқату таҳаммул мараммат шудааст, ба “лангар” ниёз надорад.

Аммо, дар коргоҳи ирфон ҳаддеро бештар гиромӣ медоранд, ки солики ошиқ то Худо дорад, ба ҷуз худогоҳӣ бар “лангар”-у “нохудо”-ву “маъбар” ниёз надорад ва айни “риҷо”-ро ба эътимод бар Худо қадр кардааст, ки парвои хавфу хатару оз надорад, зеро ҷуз бар Худо умеди ниёз надорад. Дар ин амр аст, ки орзуяшро чун бар “таваккул” бор овардааст, инсони мубтало аз ҳеҷ балову хавф биму бок надорад, зеро Хизри роҳу оби ҳаёташ аз ҳидоят то бидоят ва аз бидоят то ниҳояти ӯ бар айни таваккул бар Худо умеди ӯро дар ин тариқ эътимод бахшидаанд ва чунон ки аз Мавлоно бар ин тавсифу таъкид мехонем:

Хизре ба миёни сина дорӣ,
Дар оби ҳаёту сабзазорӣ!
Хизр оби ҳаётро напояд,
Гар бӯй барад, ки ту чӣ дорӣ!
Дар киштии Нӯҳ ҳамчу руҳӣ,
Дар гулшани руҳ навбаҳорӣ!..
Аз нест ту хеш ҳаст кардӣ,
В-ин гардани худ ту мефишорӣ!
З-ин тарси ту ҳуҷҷат аст бар ту,
К-аз ғайри туст тарсгорӣ!
Аз хеш дили касе натарсад,
Аз хеш касе наҷуст ёрӣ!
Пас хавфу риҷои ту гувоҳанд,
Бар мулкати шоҳу комгорӣ!
В-аз хавфу риҷо чу бартар ойӣ,
Эман чу сифоти Кирдгорӣ!
Киштӣ тарсад зи баҳр, не баҳр,
Ту киштии баҳри беканорӣ!

Киштии “туӣ”-и ту чу бишкаст,
Хомӯш кун аз сухангузорӣ!
Киштии шикастаро кӣ ронад,
Ҷуз об ба мавҷи беқарорӣ?
Киштибони шикастагон аст,
Он баҳри карам ба бурдборӣ![1]

Ва дар айни мухотабе, ки бар ҳоли одам рафтааст, гувоҳ бар ин таъкид борвар гардидааст, ки: -Одамо!.. Хоки нафҳабурда бар нафаси “Ӯ”-ӣ, ки киштии Нӯҳ аз ту руҳбор ва руҳ аз ту мушкбор аст ва аз “адам” ба “ҳаст” расидани хешро мояи ифтихор гирифтаӣ, ки мусаббаби вуҷуду ҳастиат низ “Ӯ”-ст ва бими ту бар хавфи ту санадеву ҳуҷҷатест, ки тарсу боки ту аз “ғайр”-и ту бар ту расидааст ва огоҳат бод, ки ҳеҷ касеро бар ҳоли худ биму боке нест ва ҳам касе аз ёрии худ бар худ ба эътимод набошад, ҷуз ба ёриву имдоди “Ӯ” ва “хавфу риҷо”-и ту низ шаҳодату гувоҳ бар бахшиши дурди комгорӣ аз даргоҳи караму раҳмати “Ӯ” туррост ва агар аз фикрату гумонҳои пурдиранги “ду”-рангидиҳандаи хавф ба сифоти Худо ойӣ, чун “Ӯ” дар сояи раҳмати “Ӯ” салиму эмину амну баофият хоҳӣ буд ва огоҳат бод, ки ту худ киштии ин баҳр дар муҳити аъзамӣ ва киштии ту бояд бими ин баҳри аъзам дошта бошад, на, ки баҳри аъзам, ки сифати “Ӯ”-ст бими шикасти ту, чун “Ӯ” бешикасти абадист ва инак, киштии дирангу занну гумону тардиди ту, ки бартар аз “ту”-ӣ ва “ду”-ӣ бар “Ӯ” бишнохт, бишкаст, ҳама хомӯш бош ва ҳоло, ки қатравор ғариқи муҳити аъзам шудӣ, уммед бар ӯ бояд баст, ки “Ӯ”-ст, ки обро майли рондани ин “киштии шикаста” додааст ва худ, Худои бахшояндаву меҳрубон, бар сабру тоқату таҳаммули “шикастагон”, ғариқони “баҳри карам”, “Киштибон”-и бешикаст аст ва бар каромоти ӯ бояд меҳр, дил ва умед баст.

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 1020.

Дар ҳоли раҳоӣ ва ғолибият бар хавф, қасди дигар эътимод бастан ва такя доштани "киштинишастагон" ҳамеша бар Ҳақ нигаронида шудааст ва дар ҳар маврид ишороте бар сарнавишти Нӯҳ (а) ва киштии Нӯҳ (а), ки муҷрии амри Илоҳӣ буд, дар сарчашмаҳо мисолҳои фаровоне рафтааст ва низ ҳама орифин сабру тамкини Нӯҳ (а)-ро дар осори хеш чун намунаи ибрат мавриди мисол қарор медиҳанд, то дар ҳолати "хавф" бошад ё ҳоҷати "риҷо" бошад, ки ба сифати панд чорагар ва созгор бар ҳарфу ҳиҷо бошад.

Айни дигари дидани ин манзар болопазирии руҳ ва тӯфонситезии ақл бар ҳолати ишқ ва ҳоли бедаступоии ошиқ аст, ки мехоҳад аз хеш фарорафтаву бехуд бошад ва дар айни манзари бехудӣ майлу таваҷҷуҳи ворафтан ба сӯи Худои худро ба намо бигзорад, аммо "Киштии Нӯҳ", ки рамзи сабру матонат аст, Мавлоноро боз ҳам ба ишорате нигарон медорад, ҳарчанд орзуи бозгашти ӯро ба сӯи "асл" бо мақсади "боз ҳам дар худ тамошо" рафтан ва ворасидан ба "бозҷӯӣ"-и "рӯзгори васли хеш" ба майлу иштиёқи ошиқона ва саркашиҳои маввоҷона маҷзубият мебахшояд:

Киштии Нӯҳем, дар тӯфони руҳ,
Лоҷарам, бедасту бепо меравем!
Ҳамчу мавҷ аз худ баровардем сар,
Боз ҳам дар худ тамошо меравем![1]

Чунон ки Ҳаким Саноӣ низ бо таваҷҷуҳ ба сабру матонату таваккул бар Худо доштани Нӯҳ (а) ишоратҳои фаровон дорад, ки баҳри ҳаётро дар сувари башарият саршор аз киштиҳо мебинад, аммо чун дар айни фазиҳату расвоӣ ва пургуноҳиву ғофилхабарӣ ба сар мебаранд, ҳама

---

[1] Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 633.

гирифтори балоҳои гирдоби пурхавфу хатар тасвир шудаанд, ва орифи нуктагир роҳи раҳо ва ба гузаргоҳи амну асл расидани ин ёрони тариқатро ҷуз таҳаммул бар айни сабр ва эътимод бар Худо намебинад ва таъкид мекунад, ки:

Баҳр пуркиштист, лекин ҷумла дар гирдоби хавф,
Бе сафина, Нӯҳ натвон чашми маъбар доштан![1]

Ва ин "сафина" киштии сабру тавон бар тоқат аст, ки дар ҳоли интизор чашми умед ба гузаргоҳи киштии вуҷуд бар дарёи умр бастааст, аммо манзари дигар дар ин дарё гирдоби ҳоилу хавфбор аст, ки бар "маъбар" гузор додани киштӣ ва наҷоти киштиро дар эътикофу муътакиф будану тоату сафо овардан бар дил ва умед барбастан бар таваккул, яъне бар Худо мебинад.

Ва ин манзар шаҳодат бар шарҳи бардавому нотамом аст, ки қиссаи ҳамли наъши Одаму Ҳаво дар "киштии Нӯҳ"-ро, бо мақсади овардани он ба Байтулмуқаддас ба ёд меоварад, ки Офаридгор ба хотири амн мондан аз тӯфони балохез ба Нӯҳ ваҳй фиристод, то қолаби Одаму Ҳаворо аз гӯр бардорад ва дар киштӣ ниҳад. Ва ғояти фикр бар ин уммедвориву риҷо афзун рафтааст, ки дар маврид боз ҳам Ҳофизро ба шарҳи ин қисса водор кардааст:

Эй дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро Нӯҳ аст киштибон, зи тӯфон ғам махур.[2]

---

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, "Саної"- 1362, с. 468.
[2] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 389.

Ва дар ин амр низ “киштибонӣ”-и Нӯҳ (а), уммедворӣ бар назару раҳмати Худоро интизор дорад.

Дар ҳоле, ки Ҳофиз бо мурочиат ва хитоб бар «дил» дар робита бар асароти “сели фано” рӯ меоварад, маълум аст, ки ин ибора марбут ба пешомади маргу мир аст ва “фано” оқибати поёнпазирии ҳаёту ҳастист, аммо аз қавли аҳли ирфону маърифат “фано” оғози умри дубора, ҳаёти боқӣ ва бақои инсон дар уқбост ва дар ҳадди дигар боиси растагорӣ аз ин дунёи бебақост ва пайвандгари умри инсон ба абадияту сармадият.

Модом, ки сухан аз “амри Илоҳӣ” меравад, сароғоз мақсуд низ бар шарҳи “хоки Одам” бояд бошад, ки ҳамл бар ин қолаб аст, амонатест, ки борвар бар нафаҳоти Илоҳист ва бо амри таваккул дар ин киштӣ ҷой дода шудааст, бо боди таваккул, ки муроди мурод аст, бояд ба саломат бар боргоҳи манзури Илоҳӣ баргардонида шавад. Дар амри дигар ишорат бар ин аст, ки ҳазрати Нӯҳ (а) ҷасади ҳазрати Одам (а)-ро барои табаррук ва ба хотири он, ки туфон ба киштӣ зиён нарасонад ва бо баҳонаи яқин, ки бо будани амонати хеш киштиро ба саломат ҳофиз бошад, дар киштӣ бинҳода буд.

Ҳофиз бо сурудани ин ғазал ва бавижа ин байт, ки сарнавишти “киштинишастагон” ва “киштишикастагон”-ро ба баҳси тафсир вогузор кардааст, қасди мутаваҷҷеҳ доштани инсон ба эътимоду имон ва дарку ҳисси бовар бар худошиносии онро талқингар аст. Чунон ки айни сарнавиштро ба тақдири Нӯҳ (а), ки бо амри қазо қиссаи ибратгиреро бо намоиш додани тасвири ҳаводиси куҳан ва рӯнамоии ҳақиқат дар устура манзур мегардонад, ки назири онро дар ривоёту афсонаҳо ва осори ғаноманди адабиёти бадеӣ ба фаровонӣ дучор меоем.

Ошноӣ бо ин осор ва, бахусус вуруд бо раҳнамоии Ҳофиз ба сарзамини асотир, ки моро барои бардоштҳои маърифативу маънавии бештар дар доираи мавзуи дахил дар доираи эҷодиёти худи ӯ ва дарёфти самтҳои тозатару

номакшуфи таҳлиливу таҳқиқӣ бар замонати сабру таҳаммул ва тақводориву эътимод бар ҳақиқат дар ин ашъори писандидаву маънибор аз ҳар нигоҳ бо маҷзубият водор мекунанд, ҳамчунон, ба ин тариқ моро барои таълими хулқи ба манзур ворафта аз сабру таҳаммул ва «нафс»-гароямон канор мекашад ва ба тарбияи ҳавосиву мадракии хеш устувор медоранд. Бар ин эътимод аст, ки ҳамчунон таъкид мекунад, ки:

Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии Нӯҳ,
Хаст хоке, ки ба обе нахарад тӯфонро![1]

Чунон ки дар байти фавқ аён мегардад, Ҳофиз барои нишон додани саломати киштии Нӯҳ (а) умеди амнияту комёбиро аз Худо ва амри Худованд бар ҳоли бешикастии "киштӣ" ва саломати "киштинишастагон" талаб мекунад, ки ин ёрони тариқат бар боду тӯфону амвоҷи балогири ин дарё ҳавос баста ва бар огоҳӣ ҷаҳд кардаанд, зеро бар ҳавос меёбанд, ки дар иксири ин "об"-у "хок", "оташ"-ҳову "бод"-ҳое нуҳуфтаанд, ки тӯфонҳову вулқонҳоеро дар пай доранд ва айни чаҳор унсури азал ҳамвора дар табиати инсон низ дар ҳоли кимиёиву иксир гардишҳоеро бор меоваранд ва оқибати ин, албатта, ба нигароние мувоҷеҳ хоҳанд кард.

Ба таъбири Ҳофиз, "мардони Худо" касоне ҳастанд, ки дар кору фикру рафтору гуфтор хамбастагии ногусастание бо Худованд доранд ва мардони таваккул дар қавлу ородаанд ва талқингари "ёр"-и мардони Худо будан аз ҷониби ин орифи ринду муфтахар бар номи инсон бар он аст, ки башарият бояд ҳамеша бо растагории хеш аз қайди худбинӣ, барои ваҳдату ҳамбастагӣ талош варзад, чунон ки "мардони Худо" бар бовари "Ҳақ"-анд ва ба тақдир дар амри итоат бар эътимод доштан ба бовари Ӯ саворагони киштии Нӯҳ гаштаанд.

---

[1] Њамон љо, с. 136.

Дар ҳар маврид бар ин манзар, мақсуди Ҳофиз бар ситоиши хоки Одам (а) аст, ки назаркардаи Офаридгор аст ва рӯҳи ӯ бар нафҳаи Илоҳӣ орастааст ва ифтихори ин хок, ки "ба обе нахарад тӯфонро", низ бар асари нозест, ки ниёзеро ба миннат намепазирад, зеро нозбардоре дар сифату симои Худо дорад ва дар сояи лутфи Эзад ҳифзу амн аст.

Чунон ки аз айни манзар ва пешомади манзур ба сароҳат бармеояд, бар ин хок аз ҷониби Офаридгор илтифоти фаровоне рафтааст ва Ҳофиз аз ҳар зовияву дидгоҳе, ки ба ин офаридаи Ҳақ менигарад, ҳамоно бо бардоштҳои маънавӣ бар лутфи Эзадӣ ва навозишҳову илтифоти самовотии Қуръонӣ дар ӯ назар дорад ва бо ифтихор бар ин насл иқдом бар васфу тамҳиди Асл мекунад ва бо замонати шукргузорӣ огоҳ медиҳад, ки Ҳақтаъолло аз хавфи боду биму боки тӯфон ӯро муҳофиз бошад:

Зарраи хокаму дар кӯи туам вақт хуш аст,
Тарсам, эй дӯст, ки боде бубарад ногоҳам.[1]

Ва, "нишастан" дар "киштии Нӯҳ" ва ҳамсафу ҳамсафару "ёри мардони Худо" будан дар ин киштӣ, ки бо орзуи Ҳофиз ва умеди башарият, Худо аз "шикаст"-аш нигоҳ дорад, танҳо ба сарсупурдагони роҳи ҳақиқат ва тариқи худошиносӣ муяссар мегардад, ки Ҳофиз худро дар ин сафина дар сафи аввал дидааст ва барои саломати он аз балоҳои маввоҷу ҳаводиси тӯфонии қиёматофари аносиртабиӣ дар тариқи сафар ва сайронгоҳи ирфониву имонӣ бо ибодати сафобахшандаи ботин аз Худои хеш имдод металабад, чун мегӯяд:

Ҳофиз, аз даст мадеҳ суҳбати ин киштии Нӯҳ,
Варна тӯфони ҳаводис бубарад бунёдат.[1]

---

[1] Њамон љо, с. 493.

Ҳофиз дар ҳар сурат барои роҳиёни ин сафари тӯлонӣ ва уммедворкунанда ба расидан бар сарманзил, ки ғамхоре чун Нӯҳи набӣ ва ёре чун Яздони пок доранд, сабру тоқату таҳаммул орзу мекунад, зеро ба яқин эътимод дорад, ки ҳар кӣ умед бар даргоҳи Ҳақ дошта бошад, бар ҳама хавфу балоҳои пешомад ғолиб оянд ва равзанаҳои тариқат ва дарҳои ҳақиқат бар рӯяшон кушода аст ва дар орзумандиҳои хеш комгору муваффақ хоҳанд гардид:

Гарат чу Нӯҳи набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд![2]

Дар ин байт, ҳамчунон бо таваҷҷуҳ бар оёти 14 ва 15 сураи "Анкабут" бояд баҳравар гардид, ки ҳазрати Нӯҳ (а) бо амри Илоҳӣ ба рисолат бар сӯи қавмаш фиристода мешавад ва бо наҷоти хеш дар он киштӣ пойдор мемонад.

Чунон ки аз таҳлилҳо дар ин бахши баҳс ба хулоса расидем, мақсуди инсони солик аз назаргоҳи Ҳофиз ва дигар орифин, ба саломат ва беосеб аз хавфу хатар берун рафтан ва расидан бар манзили мурод аст ва ин роҳии тариқати ишқ аст, ки аз пои ин саъйу талошҳои ҷаҳддиҳанда ҳамеша кӯшидааст, ки бечорагии худро дар сояи чорагаре тавонгар ва боварҳои худро дар зимни иқдомот бар водигоҳи муҳаббат баэътимод дарёбад ва мутмаин гаштааст, ки, албатта, чорагару имдодгаре дар исму симои Ҳақ дорад ва чун бар ин бовар аст, кору иқдому илҳоми борвару боривоҷ ва бо равнақ дорад.

Аммо, новобаста бар ин, марди раҳпӯи сӯву кӯи муродро ҳамеша гӯшу ҳуш бар нағмаву навову нафири муҷаззибест, ки ӯро омодаи идомаи сафар доштааст ва чун матлаб ғояти висол аст ва агар мақсуд дар паймудан саъйи

---

[1] Њамон љо, с. 147.
[2] Њамон љо, с. 369.

расидан бар манзили уммед аст, пас бояд инсони ориф ва омодаи сафар аз маънии "фарёди ҷарас" бархурдор, аз "амният" баҳраманд, аз "айш" канораҷӯ ва аз мушкилоти роҳ огоҳ дошта бошад, зеро, чунон ки мегӯяд:

Маро дар манзили ҷонон чӣ амну айш, чун ҳар дам,
Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо!..
Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукбормони соҳилҳо?[1]

Зеро ки роҳи солики ориф бар зулмот аст ва оқибати ҷонфидоиву нисорҳо, ки ӯро мувоҷеҳ бар хавфу хатарҳои амвоҷ ва гирдобҳои ҳалокатовар мегардонанд, ҳам бар чунин шукру шикоят водор кардаанд, то ба ҳадди сабақ ва дарси ибрати роҳ барои пасовандон ва ё "сабукборони соҳилҳо", яъне беғамони хотирҷамъу бепарвову фориғбол бошад. Ва ҳоли ғариқ ва ё равандаи тариқро касоне медонанд, ки бар ин иқдомот огоҳ бурдаанд ва хаёлҳои уммедбори хешро дар бодҳову тафтҳои бодиясор афсурдаанд, на касоне, ки ғофил аз ин манзар будаанд ва эшонро бар ҳолу муҳити аҳли тариқат таваҷҷуҳ набудааст.

Дар маврид, боиси зикр аст, ки Офаридгори азал, ки ба мақсуд ҳам офаринанда ва ҷазбдиҳандаву кашандаи фаротар аз хавфу гиротар бар риҷо дар тароиқи баҳру барр аст, ғариқи худро бо тавонмандии ишқ аз тариқ гузор додааст ва ҳам ӯро бар тобу тавони сабр дили устувор бар ғояти боровардҳои ин ишқи меҳнатбор ва ҳам эътимод бар шукру тақвову назари аз хавфу бало растагор эъто кардааст, ки ӯ бар додаҳои Худои хеш шокир ва мутмаин аст. Ва далел бар ин овардааст, ки:

Сидқниҳанда ҳам туӣ дар дили ҳар муваҳҳиде,
Нақшкунанда ҳам туӣ дар дили ҳар мушаббаҳе!..

[1] Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Куллиёт. Тењрон, "Нашри замон"-2001, с. 84.

Нӯҳ зи авҷи мавҷи ту гашта ҳарифи тахтае,
Рӯҳ зи бӯи кӯи ту масту харобу волаҳе![1]

Ва бар замонати ин бовар сурату симои Яқинро бар ҳама додаҳои "Ӯ", ки "сидқдиҳанда"-ву "нақшкунанда" бар тақдири "руҳ"-у "Нӯҳ"-у суруру ғуруру кӯҳи андуҳ ва дар ҳолати шикасти киштӣ низ рӯи ниёздиҳанда бар тахтапоре ҳам, ки бошад, умед бар ҳасти "Ӯ"-ст, шукр мегузорад, зеро амин аст, ки…

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 920. (Дар Куллиёти манзур ин ѓазал тањти шумораи 2474 берун афтодааст).

## ТО ТАХТАПОРАЕСТ… УММЕДИ ЧОРАЕСТ!

Фаротар бар тавсифи пешовардҳои номусоид бар асароти хавфу самароти риҷо дар тариқи ҳанӯз нопаймуда, бар хулосаҳои фавқ низ наметавон иктифо кард ва ҳанӯз ҷои эроду хӯрдагирӣ бар поён додани баҳс вуҷуд надорад, зеро кори *"Дил"* ҳамоно бар гилагузории хеш исбот металабад ва мебояд собит кард, ки гирифтории ин дил дар "доми бало" то чи ҳаддест ва офариниш бар сувари чи манзари ҷазбдиҳандаеро боз ҳам дар пай дошта бошад?

Моро саъйе бояд, то фаротар аз дидгоҳи зоҳирӣ, ба умқи маънии ин "киштӣ" ва "киштинишастагон" низ назари амиқ аз чашми ботин дошта бошем, зеро муҳити аъзам бетаҳту беҳудуду бекарон аст ва ба даст овардани гавҳари мақсуд низ дар аъмоқ муяссар мегардад ва ғаввосе бояд буд, ки дар сайри аъмоқ беҳарос ва ҳам ба назир мукошифе чун ба сувару маънӣ гавҳаршинос.

Пас, бояд иқрор кард, ки айни сувару маъниро ҳамчунон дар ашъори мунтасиб бар Ҳофиз ҳам метавон баҳраёб шуд, чунон ки фарорафта дар ғазали мансуб (шумораи 22), ки бар асари дасти кори "ишқ" бор овардааст, мехонем:

Гар зулфи парешонат дар дасти сабо афтад,
Ҳарҷо, ки диле бошад, дар доми бало афтад!
Мо киштии сабри худ дар баҳри ғам афгандем,
То охир аз ин тӯфон, ҳар тахта куҷо афтад!..

Дар ин манзар нахуст назар бар ҳоли "дил" афтодааст, ки ба ҳақиқат ё маҷоз аз дасти ҷабри "зулфи парешон"-и шахсе, ки ба ташбеҳ ё ба сифати ибҳомӣ сувари амвоҷи бодбарсар аст, бар "дасти сабо", боди нармнавое мунтасиб бар навозишгариҳои ишқ ва ба

тафсир таҳрикдиҳандаи киштист, ҳаволат шудааст. Ва дар маврид, қисса шокии ҳолест, ки ҳамчунон, "дил" моҳияти мубталоӣ ва ошиқ шудан, фидоӣ бар ишқ буданро дорад ва "киштинишастагон" низ бар хатари "шикастани киштӣ" аз балохези маввоҷи тӯфонҳо огоҳанд ва уммеди раҳоро бар "тахта"-пораҳои шикастаи киштӣ мебинанд.

Ва кори ҳаволат низ бар ин ҳолати қазовуқадарии сарнавишт нигарон шудааст, ки сувари "ноҷӣ" бар тахтапораҳои шикастаи ин киштӣ ҳувайдо гардидааст ва ҳар тӯфонхурдае бар ҳар тахтапорае имдод меҷӯяд ва умеди раҳоро низ дар пайвастан бар тахтапорае ҳамл мекунад, аммо огоҳ бар ин ҳол низ бурдааст, ки "шикасти киштӣ" ва ба "тахтапора" бадал гардидани он низ бар асари тӯфонхӯрдагист ва оё қодир аст, ки донад, то пешоварди сарнавишт бар ҳоли ду тан тӯфонхурда ва бишкаста, яъне ҳам "инсони солик" ва ҳам "тахтапораи киштӣ" ба "бақо" ё "фано" меанҷомад? Аммо, умеду риҷо низ, ки бар бақо нигаронида шудаанд, пас, бояд бар ҳоли сангинии роҳ ва душвории кор огоҳро таъмин дошта бошанд. Вале сувари огоҳ номуайян аст ва чун муртабит бар ҳарфи сарнавишт аст, хонданаш низ сангиниву душворӣ пеш меорад.

Бар ин қавл аст, ки Шайх Аттор дар "Тазкират-ул-авлиё"-и хеш аз шахси маъруф дар саромади тасаввуф Ҳасани Басрӣ ёд овардааст, чунин аст: "... яке аз вай пурсид, ки: -Чӣ гунаӣ?

Гуфт: -Чӣ гуна бошад ҳоли қавме, ки дар дарё бошанд ва киштӣ бишканад ва ҳар яке бар тахтае бимонанд?

Гуфт: -Саъб[1] бошад!

Гуфт: -Ҳоли ман ҳам чунин аст"[2]

---

[1] Саъб - сахту сангину душвор

[2] Шайх Фаридуддини Аттор. Тазкират-ул-авлиё. Теҳрон, Интишороти "Заввор"-1346, с. 47.

Пас, маълум гашт, ки инсони солик ва "киштинишаста"-и тариқати дарёи аъзами ишқро саъбу душвор фаровон пеш ояд, аммо ўро ҳушмандиву огоҳ бар матонат бояд, то тавонад бар таваккул рўй бинмояд ва банду қайдҳои тариқатро тавонад, ки бикшояд.

Ва, айни ин ҷаҳд аз ҳидоят ба шеваи комёбӣ даст хоҳад дод, зеро мақсуд низ аз уммедворӣ бар ин аст, ки инсони соликро ҳамвора пазмону нигарон доштааст. Ин ки мехонем:

Ба ҷуз киштӣ шикастан соҳили амне намебошад,
Зи бас вусъат фурў бурдаст ин дарёкаронҳоро![1]

Ва ин "киштӣ шикастан" (ба манзур эътибори ҳарфу маънии ҳикмати халқ (фолклор), ки дар шифоҳиёти мардумӣ ба навъи "шикастани орзу, яъне ба ком расидану комёбист,) хотирдори мағруқият ва "фано"-ву "фидо" шудани ҷоннисорон аст ва дар ҳадди пасин, мағруқият ягона роҳи халосу раҳову амну эмин шудан аст ва "мурод" ҳадди вобаста бар паймудани ин "вусъат", ки дарёрост, муяссар хоҳад гардид ва дар ин аҳд "мунтаҳо" низ бар амалӣ шудани мақсуд ва расидан бар "мурод" рўнамоӣ мекунад, чунон ки қатраро ба дарё меомезад. Ва асли мақсуд дар ҳоли ба воқеият дидани "шикасти киштӣ" бар шинохти шикасти "худ", яъне аз худ гузаштану бехуд шудан ва марбут ба вобастагии ин воқеияти сирфи орзуҳо бар уммедворӣ, ки низ Соиби Табрезро ба арзи дил овардан водор кардааст ва чунон ки дар байти зерини ин ориф ба мутолиа мегирем, ба сароҳат аст:

Дар шикасти мост ҳикматҳо, ки чун киштӣ шикаст,
Ғарқаеро дастгирӣ мекунад ҳар порае!

---

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавӣ. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўғӣ", Теҳрон-1366, с. 90.

Ва Соиб мувоҷеҳи кушоиши рамзу рози "ҳикматҳо" бар шикасти "худ"-и инсон аст ва, агар не, пас ҳар тахтапора аз киштии шикаста дастгиру имдодгари ҳар ғариқе буда метавонад, чун ба маврид аз назари ин ориф, дар он амри Илоҳӣ раво рафтааст.

Ин, ки бараъло ҳувайдост ва дар фавқ бар шарҳи ҳоли "дил", ки Ҳофизро саргаштаи фурқатнизори офоқи хаёл ва дар ҳоли гирифтории бечораноливу тазарруъ қарор додааст, ба тавзеҳ шарҳ кардем, ҳам бояд иқрор кард, ки кори "дил" дар ҳама ҳолат, ба ҳар навъе, ки набошад, бо "мушкил" ба сар меояд, аммо дар ин сурат ӯ танҳо нест, чун аҳли ирфону маърифатро, ки аҳли унсу аҳли дили Ҳофизанд, гирифторӣ бо басаровардҳои сарнавиштии ин нуҳуфтгоҳи нафаҳоти Илоҳӣ бесобиқа ва бепоён аст. Чунон ки Мавлонои Балхиро низ, ки мебинем, шарҳи ҳоли он ба "хунобаи оби чашм" шудан мерасонад ва бе гиряву мӯяву зорӣ наметавонад, ки шарҳи "ҳоли дил"-ро ба забон оварад ва он ҳарферо, ки мехоҳад ифшо гардонад, ба "шикастубаст" мувоҷеҳ мегардад ва киштии ҳастии ӯро шишавор мешиканад.

Ва, албатта, дар ин маврид ҳоли "дил"-и аз ранҷи ишқ барсархӯрдаву басарбурдаи Мавлоно ба шабоҳат ҳоли гирифтории "киштиҳо"-еро мемонад, ки "тахта-тахта" аз балохези тӯфони ишқ "бишкаста"-анд ва ин ҷоннисори тариқати фаноро дар бенавоиву бедаступоӣ, ки муҷиботи ҳоли ошиқони ҷонбоз ва бехудони "тан ба тӯфон" супурдаву фанопазирро ба сар мебарад, дар ҳоли шикасти ин киштӣ бар мавҷи бало фаротар аз дарку ҳисси "суду зиён", бехешу азхудрафтае мегардонад, ки раҳову амн аз ҳолати ҳоҷатофарро дар "тахтапора"-ҳои ин киштӣ мебинад ва худро дар мавқеи балобарсарӣ бар тахтапораи он мебандад ва дар ҳоли беэътиборӣ ва беэътиноӣ бар шинохту тафарруқи "умқ" ва "фавқ"-и дарё, "авҷ"-у "паст"-и ҳастиро дар баҳои шукру зикр ба озмоиш

мегирад. Ва ин аст, ки дар ин ғазали ирфонии хеш ба сароҳат овардааст:

Бигуфтам ҳоли дил гӯям, аз он навъе, ки донистам,
Баромад мавҷи оби чашму хуни дил, натонистам!
Шикастабаста мегуфтам, парер, аз шарҳи дил чизе,
Тунук шуд ҷоми фикру ман чу шиша хурд бишкастам!
Чу тахта-тахта бишкастанд киштиҳо дар ин туфон,
Чи бошад завраҷи ман худ, ки ман бепову бедастам?
Шикаст аз мавҷ ин киштӣ, на хубӣ монд на зиштӣ,
Шудам бе хешу худро ман сабук бар тахтае бастам!
На болоям на паст, аммо, валек ин ҳарф паст омад,
Ки гаҳ з-ин мавҷ бар авҷам, гаҳе з-он авҷ дар пастам!..[1]

Фикри вуҷуду ҳастиву адам, гоҳо инсони шокирро гилагузор ҳам кардааст, ба ҳадде, ки дар ҳоли мағруқияти хеш ҳатто ба шӯри мунозира низ забон кушодааст. Чунон ки агар дар гилаҳои пешоварда бар сози сарнавишти хеш аз Хайёми Нишопурӣ хондем, ки:

Ё Раб, ту гилам сириштаӣ, ман чи кунам?
Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чи кунам?
Ҳар неку баде, ки аз ман ояд ба вуҷуд,
Ту бар сари ман навиштаӣ, ман чи кунам?

Ин манзарро бар ҳоли ғариқи дарёи ваҳдат низ, ки дар ҳоли сабру таҳаммул ба нотавониву бемадорӣ фаро рафтааст, метавонем ба мушоҳида гирифт. Чунон ки дар ин ишораи шунидаам низ бараълост:

Дар миёни чор дарё тахтабандам кардаӣ,
Боз мегӯӣ, ки: "Доман тар макун, ҳушёр бош!"

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 548.

Ва, сувари "чор дарё" марбут бар ин чаҳор аносири азалист, ки дар ниҳоди хеш тунбоду тӯфону мавҷпечи гирдоби ҳоилу вулқонҳои оташангези нуҳуфтаниҳон низ доранд, ки боису сабабгори тундтӯфонии амвоҷ мегарданд ва бар ситезу мунозироти ногаҳонии дарё рӯнамо мешаванд ва ин ҳама далолат бар ҳуш додани инсон аст, ки бо дарназардошти пешовардҳои "фалак" ва "қазо" бояд сабақгир бошад ва барои тасфияи дил ва муназзаҳ доштани қалб, бо дурӣ ҷустан аз гуноҳу "тардоманӣ", бар покдоманиву баиффат будан гироиш карда тавонад ва бо дидани ин манзар аз уқубати оқибат бохабар бошад. Ва, албатта, гиллагузории инсон низ, ки вуҷуди ӯ бо айни аносири ҳавосии он ба тариқи хулқу хӯ ва эҳсосоти ботинӣ борвар аст, дар сурати ҳилму нармӣ ва ё ғазабу сардӣ, дар қиёфа ва чеҳра бо тағйир додани авзоъ ҳувайдо гардидааст ва ин ҳам ифшогари рози кори қазову фалакро низ дар ӯ рӯнамо гардондааст ва ин ҳам бо мақсаде, ки инсон ибратгир ва дар тариқи ҳақиқат устувору мутмаин бошад.

Аммо, ин "тахтабанд"-и "чор дарё"-ро, ки бар асари тақдири қазоиву фалакӣ ва гирифтори балои сарнавишти дунёист, бо "киштинишастагон"-и ворафта бар дарё ва ё "киштишикастагон"-и мубталои дасти ҳалок чӣ нисбатест, ки ҳарду бар гунаи гилагузорон бар тақдир чеҳра намудаанд?

Мавлонои Балхӣ низ дар ҳоли омодагӣ бар ҷонфидоии хеш дар маҳзари ишқ "тахта-тахта" бишкастани киштии танро бар тӯфандаамвоҷи унсурӣ ва вуҷудиву ҳиссии хеш истиқбол мегирад, зеро амин аст, ки худ "лангар"-и амнияти хеш аст ва огоҳ аст, ки дар айни иҷрои ин амали худ бояд на бар "сахтии дил" гилагузор бошад, зеро дар ин гироиш, ки дар ҳоли беэтиноӣ бар иҷроиши амал, бар фидо шудан равона шудааст, намехоҳад аз таъхир кор гирад. Ва дар маврид бар ин асос овардааст, ки:

Киштии танро чу мавҷам тахта-тахта бишканам,
Хештанро бискулам, чун хештанро лангарам!
В-ар ман аз сахтии дил дар кори худ сустӣ кунам,
Зуд аз дарё барояд шуълаҳои озарам![1]

Ва, чунон ки афзудем, дасти кори «фалак» дароз аст ва фикри фалак бар ҳар қазовате, ки ба сарнавишти солик нигаронида шудааст, метавонад қодир бошад ва чун иҷрогари амри «Худо»-ст, хостаҳои «нохудо»-ро ба эътибор намегирад. Ин аст, ки Бедил низ дар ин манзар гилагузор аст ва мегӯяд:

Зи тахтапораам, эй нохудо, чи мепурсӣ?
Фалак кашид зи гирдобу бар канорам сухт![2]

Дар ин байт "вуҷуди инсон" аст, ки ба сурати рамзи "киштӣ"-и сайёр ва сайёли баҳри аъзами қисмат ба гирдоби маввоҷи бало афтодааст, ҳамоно "умед" бар "тахтапора"-и "дил" бастааст, ки маъмани "ишқ" аст ва бо саъй мехоҳад ба тавассути ин тахтапора ба сарманзили саодат ба саломат расонад ва дар ин амр ҳиммат бар таваккул гумоштааст ва бо "нохудо" коре надорад, зеро огоҳ бурдааст, ки кори сарнавишт бар дасти қазо рафтааст.

Мавриди дигар фурӯ рафтан ба умқи маънии "гирдоб" дар ин байт аст ва"гирдоб" - муҳити муҳлик ва маҳалли ғарқшавии раҳпӯи ошиност ва "фалак" рамзи сарнавишт, ки дар кори қазову қадар мустасност.

Аммо, маънии истилоҳи "бар канор сӯхтан" - низ марбут бар расми кори "фалак" бар ҳоли ошиқи биёбонӣ ва ҷунунхӯрдаи фироқ аст, ки бо дасти сарнавишт ва кирдори қазо ӯро ба гирифториву мубталоӣ мекашад ва ошиқ бар асари дасти қазо зақуми андӯҳ мечашад ва

---

[1] Њамон љо, с. 603.

[2] Мавлоно Бедили Дењлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўѓї", Тењрон-1366, с. 230.

“сӯз”-е ҳам, ки дорад, бар тафту тобу аташороии оташи ишқ дорад ва чун ишқро бо ақл коре бувад, “тахтапора”-ро низ аз ҷуссаву ғуссаи мағруқшаванда боре бувад ва ҳардуро ҷазабае сӯе кашад. Ва ин ёдовари мисраи ғариқи уммедворест, ки дар ломунтаҳоиву бесӯӣ, умеди дарёфти маъман дар кӯи Ломакон кардааст.

Дар ҳоли дигар, айни чунин баҳо шудани сарнавишти инсони солик бар дасти қазову фалак, низ иртиботу вобастагие бар тазодди мадракӣ, яъне бар огоҳиву ғафлати инсон дорад ва бо таассурот бар гирифтории чунин “савдо”-ву “ҷунун”, ки моҳияти ба маҳву ҳулул дар “Бечун” шуданро ба ошкор мебинад, Мавлоно ҳам мегӯяд, ки:

Чӣ донистам, ки ин савдо маро з-ин сон кунад маҷнун?
Диламро дӯзахе созад, ду чашмамро кунад Ҷайҳун?
Чӣ донистам, ки селобе маро ногоҳ бирбояд,
Чу киштиам дарандозад, миёни қулзуми пурхун?
Занад мавҷе бар он киштӣ, ки тахта-тахта бишкофад,
Ки ҳар тахта фурӯ резад, зи гардишҳои гуногун!
Наҳанге ҳам барорад сар, хурад он оби дарёро,
Чунон дарёи бепоён шавад беоб чун ҳомун!..
Чу ин таъбирҳо омад, на ҳомун монд не дарё,
Чӣ донам ман дигар чун шуд, ки чун шуд ғарқ дар Бечун?[1]

Дар воқеияти боровардa бошад, дасти кори “ишқ” мумтоз аст, ки оқилонро ба бехуду маҷнун ва “Дил”-ро, ки хонаи Худост, ба ҷаҳаннам табдил медиҳад ва дидагони интизорро тӯфандаи селоби ашк, ки бар “хуни дил” бор овардаанд ва киштии “вуҷуду ҳастӣ”-ро ғарқи хун мегардонад ва ҳиссиёти ошиқро бар мавҷи ҳасодат мубтало созад ва тахта-тахтаи вуҷудро ба осеб мерасонад ва фурӯ мепошад ва “селоби сарзада аз дидагон”-ро низ

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 700.

мубталои “наҳанг”-и “нафс” медорад ва хоки вуҷудро бар хоки ҳомун меомезад ва мутазоддии “фано” ва “бақо”-ро дар ҳам ситезад ва ошиқро дар беҳушиву беёдӣ бар хастии худ рӯнамо мекунад ва ин ҳаддест, ки бо барҳам задани киштиву амвоҷу дарё, сувари омезиш ва яке шудан ё ҳулули қатарот бар дарё ва заррот бар хокро инъикос мекунад.

Мавқеи дигар, ба мақсуд дар маъраз гузоштани сувари боровардҳои “савдо”-ст, ки сарзада аз ишқ аст ва ҷазбдиҳанда бар сӯву кӯи “мурод” ва, мурод Бечун аст, ки ин савдоии хешро саргаштагиву сайронгоҳе аз ҳафт тариқ ато кардааст ва ҳам ҳодиву нозири иқдомоти ӯ дар ин вартагоҳ аст.

Инсони ошиқ бар асари чунин ҳулулу маҳв гардидан худро комёб меҳисобад, аммо ҳамоно чашми умед бар ноҷиву наҷот бастааст, зеро пай бурдааст, ки ҳанӯз поёни иқдом нест ва ин баҳри аъзамро мунтаҳо нест ва ҳеч ғариқеро аз ин вартагоҳ раҳо нест, ҳарчанд сармастиҳояшро, ки бар асари имдоди “маллоҳ”-и сарнавишт, ки хати роҳро бар “лавҳ-лавҳ”-и пешонӣ ҳак задааст, баҳое нест, аммо ҳанӯз ҳам умеди раҳову ҳидоятро дар “тахта”-и ноҷӣ ба тасаввур нақш мебандад. Ин аст, ки боз ҳам Мавлоно меситояд:

Хоке гаштӣ, чу маст гаштӣ,
Маллоҳи ту баркашид лангар!
Худ лангари мо гусаст куллӣ,
Ҳар лавҳ ҷудо зи лавҳи дигар!
Аз банду зи ғарқа боз растанд,
Ҳар тахтаи киштӣ аст раҳбар![1]

Вале, агар илоҷ аз ҳар манзаре меҷӯяд, ҳамоно нигаронӣ бар амри Илоҳӣ дорад ва дар ин маврид баҳона ин аст, ки “киштинишаста” аз хатароти тӯфонҳо ва

---

[1] Њамон љо, с. 419.

шикасти киштӣ боке надорад, чун Худо дорад ва “тахтаи наҷот”-ро низ василаи миёни мамоту ҳаёт ва ба сувари “ноҷӣ” мешиносад ва худро бар он мезанад, ки раҳо ёбад ва ин ноҷиву раҳобахши уммедворкунанда ҳам Ҳақ Таоллост.

Роҳиёни сафар ва соликони тариқпаймои водигоҳи муҳаббат дилшудагони ишқанд, ки бо такопӯи руҳонӣ мегироянд ва киштии вуҷуду “тан”-ро, ки мубтало ва мояи фидо шудан аст, ҳамеша орзуи расонидан ба дарёи “қавлу аҳд” доранд. Ва, ин “дилшуда”-гон ва ё касоне, ки дил аз даст додаанд, балохӯрдагони тӯфон ва бадарёрафтагоне маҳсубанд, ки нашояд ва набояд аз тундбоди балохези тӯфону дарё ҳаросанд, зеро ин ҷо низ айни умед бар мағруқият аст ва фидоиву ҷоннисор будан, чунон ки Саъдӣ ҳам насиҳат додааст, маҳаки мақсуди ин роҳпӯёни тариқат ба шумор меравад:

Ба дарё марав гуфтамат зинҳор,
Агар меравӣ, тан ба тӯфон супор![1]

Ва, дар маврид, огоҳӣ бар вазъи ҳоли “тан ба тӯфон супурдагон” аст, ки ба маънӣ “амри таваккул”-ро ихтиёр кардаанд ва ин мардони тариқ ва ё “баҳрӣ”, бар андарзи ҳушдори роҳ огоҳ бурдаанд ва ҳикмати “хавф”-у “риҷо”-ро ба маънӣ озмудаанд ва огоҳанд, ки вориди вартагоҳи баҳру дарёи орзуҳо гардидан, беш аз ҳар назаре “нисор”-ро тақозо мекунад.

Ва, агар қасд ин ҷо бар рӯнамоии мафҳумот дар вижаи “хавфу риҷо” дар ҳоли мардони тариқапаймои баҳри муталотуму маввоҷи муҳити аъзами ишқ аст, пас айн аст, ки ҷоннисориро дар ин вартагоҳ авло донистаанд, бояд ҳам ӯро “мустағрақ” гардонад, чунон ки бар қавли Мавлонои Балхӣ возеҳтар ва ба сароҳат арза шудааст:

---

[1] Куллиёти Саъдї. Бўстон. Интишороти Бењзод, Тењрон-1382, с. 208.

Марди баҳрӣ доимо бар тахтаи хавфу риҷост,
Чунки тахта-в мард фонӣ шуд, ҷуз истиғроқ нест![1]

Дар ин тазкор "Марди баҳрӣ" намоди ошинову мавҷнаварди муҳити баҳри ишқ аст ва даст бар тахтаи хавфу риҷо ва пурбими балову хатар дорад. Ва, албатта, риҷо низ, ки сарманшаъ ва сармояи уммедворӣ ва амри мутмаинан эътимодбахш бар амри таваккул аст, дар маврид гирифтори балои амвоҷро дар ҳадди ин бовар, ки бар Худо дорад, осудахотир медорад. Зеро дар ин марҳила хуб огоҳ аст, ки хавф аст, ки инсонро ба риҷо ҳушдор медиҳад ва дар ин амр водор мекунад.

Ва агар "тахта", ки шикастапораи киштист, бар ҳоли солики тариқат фано пазирад, ё ба мағруқият мувоҷеҳ гардад, оқибати ба "ғарқ" расидани "марди баҳрӣ" низ бар ин ҳолат, яъне маҳв гардидану ҳулул ёфтан, ифшо мегардад.

Пас, суоле ногузир мерасад, ки мафҳуми ба истилоҳ "Тахтаи хавфу риҷо" бар чӣ маънист? Оё дар ин мафҳуми маҷоз чи сиррест, ки ба мансубияти "марди баҳрӣ" ба кор рафтааст?

Дар маврид, бо таваҷҷуҳ бар ин мазмуни шигарфу ҷавобгӯ дар қитъаи Мавлонои Балхӣ низ, ки дар "Маснавии маънавӣ" ба сароҳат расидааст, дучор меоем:

Олами ваҳму хаёлу тамъу бим,
Ҳаст раҳравро яке садди азим!
Нақшҳои ин хаёли нақшбанд,
Чун Халилеро, ки кӯҳ буд, шуд газанд!..
Ғарқ гашта ақлҳои чун ҷибол,
Дар биҳори ваҳму гирдоби хаёл!
Кӯҳҳоро ҳаст з-ин тӯфон фузӯҳ,
Ку амонӣ, ҷуз ки дар киштии Нӯҳ?..[1]

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 188.

Аз қавли Мавлоно, олам ба сарои ваҳму хаёлу ҳирсу тамаъ ва бим, ки тариқи роҳиёни ҷодаро бо тасаввури нақшҳои хаёлгири мавҳуми хеш “садди азим” пеш оварда, барҷастатарин чеҳраҳои беҳаросу чун Иброҳими Халиллоҳро, ки бо матонат ва тамкини кӯҳ истодагар буд, газанд расонидаанд ва ақлҳои чун кӯҳҳо барҷойро дар баҳри ваҳмбарангез ва гирдоби хаёлоти мубҳам ба тӯфони фазиҳату расвоӣ кашидаанд ва ин кӯҳҳоро хатти амон ҷуз, ки бар киштии Нӯҳ (а) наметавон ёфт, чун он бо амри Офаридгор ва сабру таҳаммули Нӯҳ (а), ки бар таваккул ёфтааст, ҳифз аст ва бар хавфу хатари роҳ харос надорад, зеро пуштбоне дар суvару номи Худо дорад.

Ва, ҳам дар ҳоле, ки тӯфандагии мавҷи ин дарё муталотум боқист, ҳосил бар асари хокест, ки обу оташу боди ишқро бар худ ҷазб дорад ва ин хоки амонати ҷисми одами ошиқ ва бо таваҷҷуҳ бар хоки киштии Нӯҳ аст, ки дар ин киштӣ ба орият расидааст ва бояд дар ҳоли амн ба сарманзили уммедвориву орзу расонида шавад ва чун бар амнияти он назари Яқин аст, тобу тавону тоқат мешиканад.

Ва, ҳам силихӯрии ин киштӣ бар асари туғёни амвоҷ, ки бар сабуриву тамкини ошиқ латма задааст, шикасти “тоқат”-ро бор овардааст ва чун ин “бор” бар тобу тоқат арзи ҳастиву ҳиссии инсони солик ва ошиқ вобастагиҳое низ дорад, ӯро ҳамчунон ҳайратгири вазъ кардааст. Дар амри дигар, ҳамин ишқ аст, ки бори худро бар “тахтапора”-и “тоқат” афгандааст ва дар моварои ҳайрат ва уммедворӣ чашм бар вазидани “боди шурта” дорад, ки оё ӯро ба соҳили мурод мекашонад ё не?! Ҳарчанд, новобаста бар ин, ки дар мӯталошии ҳайрат ва аҷобати ин вартагоҳи муҳлик гирифтору мунҳасир мондааст. Ин аст, ки Саъдӣ фармудааст:

---

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї. Маснавии маънавї (бо њуруфи кириллї). Нашри Замон, Тењрон-2001, с. 514.

Мавҷ аз ин бор чунон киштии тоқат бишкаст,
Ки аҷаб дорам, агар тахта ба соҳил биравад![1]

Ва ин аҷобат вижаи назаргире дар айни сафари руҳонии орифи солик ба шумор меравад, чунон ки ба мақсуд
аз сайру сулук ва тариқатпаймоии ин намояндаи олами ирфон низ фаротар аз муҳоландешиву руъёхаёлӣ, бо бардоштҳои ҳиссиву мадракии ӯ дар равияҳои мунтахаб, чун дар дарвешиву қавволиву қаландариву ҷаҳриву хамӯшиву ғайраи мансуб бар тасаввуф, ба хотири дарёфти маърифат ва шинохти ҳадду ниҳояти мовароии ҳоли муҳол ва ғоятии вазъу ҳолати ишқ бар ривоҷи кори он дар мозиву айни ҳолу мустақбал, ба ҳар навъе бештар диққатҷалбкунанда аст.

Ва ушшоқ, ки тан ба тақдир додаву бо амри "таваккул" ба сар бурдаанд, аз "беривоҷӣ"-ву нокомии хеш "фарёд"-и даъвӣ ба ҷое наметавонанд бурд, зеро ба яқин аминанду огаҳ, ки фарёдрас онест, ки бар ӯ эътимод баставу тавккул кардаанд ва Ӯ бар доди ин ёрони тариқат дар ҳама ҳолат фарёдраси аввал хоҳад буд. Ва агар солики ин тариқат "тоҷир"-и аҳд аст, ба ҷуз фикри "савдо"-и ишқ бар сар надорад ва ба ҳадди шикасти киштии хеш, умед бар тахтапораҳои он дорад, ки дукони маърифати боровардаашро бар таҳсили сабақҳои тариқ ва шӯри маввоҷи дарёи ишқ бунёд ниҳад ва дастовардҳои сайронгоҳи сафари руҳонии худро дар он ба баҳо бигзорад ва дарёбад, ки гавҳари бадастовардааш аз аъмоқи дарёи сарнавишт ба чӣ арзише соҳиб гардида ва онро дар ниҳоят бо чӣ қимат метавон баҳо кард. Дар маврид бар фармудаи Бедил натиҷа мегирем, ки мегӯяд:

Ҷое наметавон бурд фарёди беривоҷӣ,

[1] Куллиёти Саъдї. Ѓазалиёт. Интишороти Бењзод, Тењрон-1382, с. 408.

Киштӣ шикаст тоҷир, то тахта шуд дуконҳо![1]

Аммо, ин вартагоҳ ҳанӯз поёни умед ва оғози ноумедиҳо нест, ки солики тариқатро хаставу хиҷилу ноумед бар орзуҳои ноитмомаш мегардонад, балки баракси ҳол аст, ки дар ин дам ҳам бо кашиши он бар сарои "адам", ду дидаашро ҳайратгири мояи уммед мекунад ва ӯро боз ҳам мубталои ишқи карамофар бар дил мегардонад ва ҳам мувazзаф бар рӯнамоиву хулосагирӣ бар ҳосили таҳсил мегардонад. Ва айни дастдодаи матлабро дар Мавлоно мехонем, ки афзуда:

Ду дида дар адам дӯзу аҷаб бин,
Зиҳӣ уммедҳо дар ноумедӣ!
Агар дарёи Уммонӣ саросар,
Дар он абре нигар, к-аз вай чакидӣ!
Дар он duккон ту тахта-тахта будӣ,
Агар худ ин замон арши маҷидӣ!
Дар иқлими адам з-оҳод будӣ,
Дар ин деҳ гарчӣ машҳуру ваҳидӣ![2]

Ва нигаронии ин ошиқи ҳайратзадаро бар ҳоли худ барҳам мезанад ва бо таъкиди ин, ки агар дар ҳар ҳолате, ки қарор дорад, бояд дар «абр»-е чашми интизор дорад, ки худ қатравор аз он чакидааст, мухотаб мезанад ва ин абр сармояи раҳмати азал аст, яъне Офаридгор, ки дар ҳама уммедвориҳои ӯ эътокунандаву бахшоянда аст.

Умуман, дар шинохти ирфон маонии нуҳуфта ба ҳар навъ рӯ медиҳанд, агар ба таҳқиқ омӯхта шаванд. Чунонки дар ҳар ҳолат шикасти киштӣ ва табдил ёфтани он бар "тахтапораҳо"-ро пеши назари мо рӯнамоӣ кард ва ба

---

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавї. Куллиёти девон. Интишороти "Фурўғї", Теҳрон-1366, с. 71.

[2] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Теҳрон-1372, с. 989.

таъллуқ маълум кард, ки дар маврид “тахтапора” - охирин маҳди наҷот ва баҳонаи ҳаёт ва тахту минбари вомонда барои мадҳу ситоиш ва шукру зикри номи Ҳақ аз киштии каломи уммедворкунандаи ошиқ аст, ки ӯро дар вопасин нафас барои расидан ба кӯи маъшуқ, дар сурати як роҳии шокиву шокир нигарон доштааст.

Ва каси озими дарё бояд бар пешомади шикаст ва ҳалоки киштӣ ва балохези тӯфон омода бошад ва ҳам омодагӣ, ки бо нишонаҳои тасфиягирӣ, муназзаҳ доштани хулқу хӯ аз роҳи расму оину дин ва ба покиву сафо ком ёфтани ӯ иртиботе дорад, ҳамчунон беҳин имдод барои раҳои соликони ҷоннисори дарёи ишқ маҳсуб аст.

## ҲАМ ДАР ҚАЗО, ҲАМ БАР ҚАДАР… ИШҚ АСТ ЧОРАГАР!

Ишқ - ламъаи оташ аст, аз вулқонситезии дарёи азимати ҳастӣ расида, ки баёнгари шиддати муҳаббат ва ин шиддати аз қазо расида ба ҷӯшоварандаву берунрезандаи қатароти содиқият бар муҳити маърифат аст, яъне муҳите, ки инсони содиқро мағруқ доштааст.

Ҳар киро лаззати номи ишқ бар забон омад, шарбати ҷоми ишқаш ба ҷон омад ва чун ғайраташ бар камол омад, орзуяш бар кори висол омад, аммо, ки дар манзаргоҳи дид лол бар ҳайрати ҷамол омад.

Ва, ишқ, ки мақсуди дилҳост, пас ба ҳақиқат бар суди дилҳост ва бар буди дилҳо маъбуди дилҳост ва ин маъбад ҷаззоб бар зиёрати деру зуди дилҳост, ки соликони тариқати хешро аз баҳру бар ҷазб медиҳад.

Ишқ - эътибори ишроқӣ дорад ва бар асоси муҷиботи ирфонии хеш ба молу мояи адабиёт мубаддал гардидааст ва ҳамон инъикосгари ҳуббу муҳаббату самимияти муҳибу маҳбуб аст. Ва ҳам дар ҳоле, ки дар сухани фавқ бар шинохти маънии муҳити аъзам афзудем, ишқ дар ин манзар оробахши сувар ва ҷаззобияти ин паҳнаи маввоҷ аст, ки ҳаводоронашро ба шино мекашад ва дар айни озмоиш қарор медиҳад. Ва, ҳам ин баҳри амиқ, муҳити беҳудуд аз ҳар назар ишқ аст ва ҳам бар гузар ишқ аст ва ба уммедвории ҷодапаймоёни ин баҳри амиқ, дар айни гирифториву мубтало шудан низ чорагар ишқ аст.

Ишқ - воқеиятест, ки ҷонбозони муҳитро беш аз ҳар назаре мепазирад ва қатраворeро, ки номаш ошиқ аст, дар ин муҳит мехоҳад маҳв гардонад ва дар асл бар ин кор чира аст, чунон ки медонад, содиқонро мағруқ мегардонад ва ғафлатбурдагону “бехабарон”-ро ба ҳушмандиву бедорӣ мехонад.

Ва, бамаврид аст, ки Ҷалоли Азад (Сайид Ҷалолуддин Азади Яздӣ) дар ин байти ғазали хеш, бо мақсади ошкор кардани сирри дили ба ин дарёи муталотум рафтаи хеш, бар лофиёну газофиёну хӯрдагирони қиссаи ишқ ба таъкид овардааст, ки:

Аз сирри ишқ бехабарӣ, айби мо макун,
Мо ғарқа гаштаему ту дарё надидаӣ!

Ва солики пӯёи тариқати ишқ, ки рӯ бар дарёи хурӯшон овардааст ва дар рӯёрӯӣ бо амвоҷи саркаш месипорад, мебояд ба тариқи тааллуқоти иродии худ тавонад, ки бештар бо нерӯҳои корсози мадракӣ ба созандагиву тарбияву таълими хулқи хеш кӯшо бошад, то ба камоли маърифат комёб гардад.

Аҳди расидани солик ба сарманзили маъшуқ ва ё ба ҳадди орзуи худ, ки моҳияти ихлосиву самимияти ӯро инъикос мекунад, тароват аз сармояи ишқи азалӣ дорад ва ба ин далел аст, ки орифон ҳамеша ситоишгари ин сафову сифати беолоишанд.

Чун сухан аз боби ҳунари риндонаи Ҳофиз дар ҳоли рӯнамоии рамзиёту мубҳамиёти ӯ бар асари кори ишқ дар мавриди "киштинишастагон" ва роҳиёни сафар аз дарёи ишқ бор овард, месазад ҳамчунон ба тавсиф гирифт, ки назари Лисонулғайб дар маврид ба ирфон нигаронӣ дорад ва сарчашмаеро низ, ки мехоҳад чун мабдоъ ба истифода гирад, ҳамон боровардаи қисмату сарнавишти сиришти азалии инсон аст, ки дар коргоҳи ишқ "мухаммар" ё тахмиру хелида шудани обу гили баҳамсозандаи "тинати одам"-ро мехоҳад бо мӯшикофӣ ифшо гардонад ва бо даъвату мухотаб бар "малак" барои дар маврид ёд овардану зикри номи Худо, ки ғояти ишқ аст, нидо дармеорад:

Бар дари майхонаи ишқ, эй малак, тасбеҳ гӯ,

К-андар он ҷо тинати одам мухаммар мекунанд![1]

Мавриди дигар, ғояти азалӣ доштани мафҳуми ишқ бар он аст, ки нахуст ҳазрати Одам(а) ва ба дунбол тамоми пасовандони ӯ, аҳли башарро мубталои ин оташи ҷигарсӯзу пургудозу фурӯзон, аммо ширингувору ба дидаҳо пинҳону ноаён гардонидааст, ки бар асари он дар баҳрҳо амвоҷи муталотуми тӯфонзо ва вулқонҳои оташафгани сӯзон сар задаанд ва ин муҳити аъзам оташбозону синагудозону тӯфонниёзони бар ҳоли худ муҳолтирозонро маҷзуб ба мағруқият дар хеш доштааст ва бо орзуе, ки дар дилҳо парварда ва ба мурод расидаанд, ҳама дар муҳити он ҳубобвору қатравор ғарқанд.

Ғариқони оби муҳит аз азал, ки дар кори ишқ ва аташворабу отшбораи он огоҳ бурдаанд, то абад ташнагони носерами ин баҳранд, чунон ки “Ғарқи обанду об меҷӯянд!” ва ин ҳоли сукроварро бо саодати уммедворӣ бар фардои неку равшан бо шукр пазиро гаштаанд.

Ин содиқони тариқат “тан”-ро ҳубоби сайёлу сайёр ва “ҷон”-ро, ки сафобурда бар нафҳаи Ҳақ дидаанд, дар ин пайдо андаранд ва вуҷудро ба мавҷи башӯроваранда ва таҳрикдиҳандаи он бадал кардаанд, то ҳадде, ки мағруқияти хешро ҳувайдо бингаранд. Аммо дар ин ҳол, ки ҳама мағруқиятро пазируфтаанд ва ҳатто нохудои киштии хешро ғарқи ин баҳри беҳудуд дидаанд, фикру фаҳми расидан ба канор низ надоранд ва чандон бори ноумедӣ намекашанд ва заҳри ғами норасоӣ намечашанд, чун дар ватан расидаанд ва дар ҳоли бехудӣ, ки аз ҷӯши ин баҳр сармастанд ва барои фузудани ин саршории хеш фузудани “бода”-и аласт мехоҳанд, то бо “баҳриён”, орзумандони ғариқи ин баҳр, ҷодасипорони пӯёву ҷӯёи

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, “Ситорагон”-1372, с. 333.

“ҳафт дарё”-и муҳити мавволи ишқ ҳамсону боҳам ва дар айни ҳулул бошанд.

Ин аст, ки Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ боз ҳам дар маврид қисса мекунад ва мо мешунавем:

Ҳама дар баҳри бекарон ғарқанд,
Чун ҳубобанду ину он ғарқанд!
Ғарқи обанду об меҷӯянд,
Аз азал то абад чунон ғарқанд!
Тани мо чун ҳубобу ҷон мавҷ аст,
Ишқ баҳр асту ошиқон ғарқанд!
Киштии мо куҷо расад ба канор?
Нохудоён дар ин миён ғарқанд!
Бахр дар ҷӯшу бода дар кор аст,
Ба чӣ бошад, ки баҳриён ғарқанд?
Ҳафт дарё дар ин муҳити вуҷуд,
Дидаему ягон-ягон ғарқанд![1]

Ва ин баҳру ин дарё, ки ба фароҳамии хеш муҳити аъзаму бекаронро музайян кардаанд, назаргоҳи Ҳақ бар обу отašу боди ишқанд, ки дар кафи хокии орифи ботинбину хаёлперову руъёсиришт бо туфонҳои мавволи ва тӯфандагиҳои аввоҷ пардозу пероя бастаанд ва ин орифи дарунингару ҳолшинос аст, ки ба “қол” меафзояд ва ғариқи хешро, ки сармасту маҳву моти мағрукият доштааст, мехоҳад бо соғари тозаи ин “бода”-и ҷонфизо, ки “бехудӣ”-ст, бештар саршор дорад.

Ва, ишқ, дар муҳити ин баҳри амиқ ва беҳудуду бекарон ба сифати “Хизри вақт” аст, ки дар ҳоли сипардани ошиқон бар сабру тавонмандиву қаноати ушшоқ имтиҳон мекунад ва бар эшон сабру таҳаммули “Нӯҳ” (а) ва “Хизр”-она, матонату далерӣ меомӯзад ва бар ин ривоят, ки мансуб бар “тахтаи киштӣ бишкастани

[1] Шоњ Неъматуллоњи Валї. Девони комил. Интишороти Хадамоти фарњангии Кирмон-1380, с. 336.

Хизр” бо мақсади раҳонидани он аз дасти он “золими ҷаббор” мутааллиқ буд, дар фавқ ҳикоят кардем, низ овардани ин қитъаи манзури Мавлоно аз ҳар назар ҷолиб хоҳад буд:

Он шунидӣ, ки Хизр тахтаи киштӣ бишкаст,
То, ки киштӣ зи кафи золими ҷаббор бираст?
Хизири вақти ту ишқ аст, ки сӯфӣ зи шикаст,
Софӣ асту масали дурд ба пастӣ биншаст![1]

Мақсуд аз “тахтаи киштӣ бишкастан”, ғарқ кардани киштии вуҷуд ва вораҳонидани ҷон аз офатҳои инҷаҳонӣ, аз балоҳои нафсонӣ, ба хотири дарёфти офияти ухравист. Зеро ҷаҳдҳои инсон ҳамеша барои саркӯбӣ ва таслим овардан бар нафс ба кор рафтаанд. Аммо дар ин маврид, “Хизир” тавсифи масали “ишқ” аст, ки бар шикасти “сӯфӣ” ки масали “киштӣ”-ст ва дар ин шикаст “софӣ”-ро, ки ҳам ба маънии “майи ноб” омада аст, эҳдо мекунад ва худ “дурд”-и аз “софӣ” раҳошударо монад, ки дар таҳт маъвову гӯшаву узлат гирифта ва мушоҳидагари манзар аст, то дар ҷӯшишҳову мастиҳои ин баҳри ишқ ҳоли ғариқони муҳити муҳаббатро дарёбад.

Аммо, бояд зикр кард, ки чун “киштии ишқ” бешикаст аст ва бар тахтаҳои таваккул мараммат шудааст, “нишастагон”-и роҳии сафар ва ҳам “хуфтагон”-и хешро ба “хушӣ” ба манзил хоҳад расонд, чунон ки аз қавли Мавлоно бар ҳоли болидани мусофири он омадааст:

Дар киштии ишқ хуфтаам хуш,
Дар ҳолати хуфтагӣ равонам![2]

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 192.
[2] Њамон љо, с. 596.

Дар ин амр “киштии ишқ” ҳодии роҳи мақсуд ва роҳии кӯи мурод аст. Ва “хуфтагӣ” ҳарчанд ғояти ғафлат аст, вале ҳамчунон инояти таваккул аст, ки дар номи “истисно” қарор меҷӯяд ва ин сармояи “истисно”-ӣ дар номи одам “ҷуфт” аст, ки ӯро бегазанду эмин медорад.

Мавлоно назири чунин ишқи беҳамторо дар самимият бо Шамси Табрезӣ дар ҷони худ имтиҳон карда буд ва бар асари бардоштҳои содиқонае бар ишқи тӯфониву мавҷҷи ӯ маънии ин ишқро ба ҳамосаи абадӣ бо номи “Худо” табдил дод. Бубинем, ки дар ин дарёи ишқ ба манзураш на тахтаву киштӣ ва на наздикону дурону халқону мӯрону сабурон ва ғайра, чизе бақо надорад, чун ин дарё “адам” аст, чун бо сӯзи ишқ ораста аст:

…Дар ин дарё чӣ киштиву чӣ тахта,
Дар ин бахшиш чӣ наздикон чӣ дурон!
Адам дарёст в-ин олам яке каф,
Сулаймонест в-ин халқон чу мӯрон!
Зи ҷӯши баҳр ояд каф ба ҳастӣ,
Ду пора каф бувад Эрону Турон!
Дар он ҷӯшиш бигӯ, кӯшиш чи бошад?
Чӣ мелофанд аз сабр ин сабурон?
Аз ин баҳранд зиштон гашта нағзон,
Аз ин мавҷанд ширингашта шӯрон!
Напардозӣ ба ман, эй Шамси Табрез,
Ки дар ишқат ҳамесӯзанд ҳурон![1]

Албатта, дар маврид, манзури Мавлоно дарёи муталотуми вулқонситезу балоофару мавҷҷи ишқ аст, чунон ки бар ин ситоиш дар осори хеш пайваста дар намои нурониву муҷалло ва ба ҳақиқат сурату симои муҳаққақи Ҳақ, чеҳраи Шамсро рӯнамо мегардонад.

---

[1] Њамон љо, с. 715.

Ҳарчанд, назаргоҳи Мавлоно дар муҳити ишқ ба вусъат аст, аммо,  саъйи ӯ, чунон ки мехоҳад «баҳрро дар кӯзае» гунҷо дода тавонад, киштии Ҳақро ба азамате, ки қабул дорад, бо илтифот мепазирад ва ин илтифот сарзада бар шукру ҳам шикояти ӯ бор овардааст, ки баҳри пурвусъати назарашро ба қулзуми кӯчаке шабоҳат медиҳад:

Қулзуми ман кай кашад тахтаи ҳар киштие?
Шӯраи ту кай чарад з-абри гуҳарбори ман?[1]

Ва, қулзум, бо ин кӯчакӣ, аммо мавзунӣ, ки намоди қатраворе аз ишқи Мавлоност, барои гардиши киштии ишқи абарноме чун Шамс ва ё ишқи Ҳақ гунҷо надорад ва ба паҳнову бар танг аст, аммо моломоли ҷазбу гирифтории кашиш бар қасди аз худ ворастану ворафтан бар манзари болост, ба хотири бухор шудан, аз худ фаро рафтан ва абр шудан, то дубора ба хушксору шӯразори ошиқи бепарво дар сурати борон боз гардад.

Аммо Саъдӣ бо саъйи мӯшикофӣ ва кашшофӣ рӯ ба ин "баҳр" оварда ва "киштӣ" бар ин паҳнаи муталотуми саршор аз шӯри амвоҷи ишқ афгандааст ва дар ин муҳит, ки аз он "бадар" наметавон рафтан, мондагори абадият гаштааст ва ба исрор мегӯяд, ки ин дарёи муҳаббат аст ва бекарон аст ва соҳилаш нопайдост ва ҳосили муродро дар бесоҳилии ин ахзаристони нилӣ дарк кардааст:

Саъдиё, киштӣ аз ин баҳр бадар натвон бурд,
Ки на баҳрест муҳаббат, ки кароне дорад![2]

Зеро баҳри муҳаббат, баҳри ишқ аст ва беҳудуду бепоёну бекарон аст ва оқибати ғариқ шуданро бо сирояти нопайдо будани соҳил дар худ таҷассум кардан дорад. Чун

---

[1] Њамон љо, с. 772.
[2] Куллиёти Саъдї. Ѓазалиёт. Интишороти Бењзод, Тењрон-1382, с. 373.

беҳудуду бекарон аст, пас, маъвову мавтан ва ғояти мурод низ, ки аз соҳил орзу мекард, дар ин баҳр аст. Ва ин баҳр ватани орзуҳост ва ҷову маъвоест, ки инсони ошиқу орзумандро ба худ ҷазб додааст ва ин солики ошиқ аз ин маъво, ки бо кайфияти манзараш шаҳири даъвост, дил кандану доман кашидан намехоҳад. Бедил низ дар як байти хеш изофат бар ин иддао фармудааст, ки:

Ин на ҷоест, к-аз чунин мавтан,
Кўшиши одамӣ кашад доман!

Дар ҳар сурат дарёи муҳити аъзами ишқ, ки бекарону беҳудуд аст, аз вартагоҳи муҳлик ва “хунхор” ва бунёдбарандоз муҷассам омадааст ва “киштӣ”-и ҳар солике, ки дучори ин варта гардидааст, умеди карон набояд дошта бошад, зеро моваро дар бекаронии ин муҳит манзилу маъвои солики дилбастаи дарёст ва киштии орзуҳои ўро умеди карону соҳил наметавонад руҳбаланду муваффақ бар пўёӣ дорад ва ин қисса бар шунидану дидан ҳам рост намеояд:

Киштии ҳар кӣ дар ин вартаи хунхор афтад,
Нашунидем, ки дигар ба карон меояд!..
Ошиқ он аст, ки бе хештан аз завқи самоъ,
Пеши шамшери бало рақскунон меояд![1]

Ва, чун муҳит фарогири дарёи ишқ аст, аз солики тариқат ва киштинишастаи ҳақиқат дар рўёрўи “шамшери бало”, ки аз теғи амвоҷи тўфанда сар мезанад, ҷонбозиву фидоӣ буданро барои “беҳуд” шудан аз “худ” ва пазиро будани лаҳзаи ҷонфидоӣ бо салобати шодмонии фонӣ шудан дар ишқ бо ҷазаботи “завқ” ва шўру ҷунуни дилбастагиву муҳаббату самимияту садоқат бар ишқро тақозо мекунад. Ин ҳол рўидаи ҳолатест, ки

[1] Њамон љо, с. 418.

дарёнаварди ошинои ишқ худро аз зиндагонии вобаста бар руҳ раҳо мебахшад ва бо ишқ мепайвандад ва бо ин унс, ки бо дарёву ҳаводиси бунёдбарандози он касб кардааст, боқӣ дар маҳву ҳулул бо ишқ хоҳад зист. Ва ин лаҳза ҳолати пасин ва натиҷаи талошҳо бештар бар ҳоли худшиносӣ ва бо мақсади дарк ва дарёфти моҳияти ҳастӣ ва ба адам расидан дошт, ки соликони тариқатро ба ҷаҳду ҷазб водор карда буд.

Майлу ҷаҳду аҳд дар ҷиҳоди соликони тариқи ишқ бар сайру сулук ва сафари руҳонӣ, қасди фаро рафтан аз истибдоди ҷазаботи нафсонист, ки ин мардони ҷабҳаву арсаи худсозиву худошиносиро ба тасфия бахшидани дил ва комёбӣ ба покиву сафои азалӣ водор кардааст, чун дар ҳоли хеш бар уқубати оқибат ва ғояти ниҳоят огоҳ бурдаанд.

Аммо, ҳастиву ҳаёт ҳанӯз боқиву барҷост ва ҳам ба дид мерасад, ки олам тасаввури муҳити аъзам аст ва вуҷуди инсон сурати киштиест, ки дар он руҳи худро орзуи ба ҷои амн расонидан додааст ва ин ҷои амн маҳз ҳамин мазҳари ҳузури Ишқ аст.

Дарёи беҳудуди ишқ дар хати пӯиши солики ошиқ ҳамоно вусъат меҷӯяд ва "уммедворӣ" амонати дил аст, ки қавле дорад, то ба ҳадди расидан ба карон ва манзили мурод ва ҳар кӣ бар ин дарё киштӣ афганад, бояд бар уфунату ранҷи "сардбод"-и тӯфони муқобил бодбон ороя ва аз филизи гаронвазни "сабр"-у тамкину таҳаммул "лангар"-и боэтимоде мараммат карда бошад. Ва ин ҳаддест, ки дар фармудаи Шайхи Аттор таносуби вифқ ёфтааст:

Гар дар ин дарё касе киштии уммед афганад,
Боди сардаш бодбону сабр лангар ёфтам![1]

[1] Аттори Нишопурї. Девон. Тењрон, нашриёти "Паймон"-1381, с. 272.

Ва тибқи ин фармуда бояд бо сабр ҳӯ кард ва аз сабри сангин лангар орост, то киштии уммедро ба офият нигоҳ дошта тавонад.

Ва дар маврид ҳоли ба мақсуд расидани инсони ошиқ аст, ки дар миён орзуву мақсади дигар пеш овардааст, чун ихтиёрро аз даст бурдааст ва беқарориву ҷаҳд ба бесомониву парешонии ӯ водор кардааст ва чунон ки мехонем:

Талоши мақсадат бурд аз назар сомони ҷамъият,
Ба киштӣ чун инон додӣ, рами оҳуст соҳилҳо![1]

"Инон додан", ихтиёр додан бар ҳиссу ҳавоси мамлу бар ишқ аст, ки ушшоқро дар ҳоли бедаступоӣ бар бехудӣ саргардон доштааст ва ин бедилон дар тариқат бар "талоши мақсад" аз худ рамидагони музтарибҳоланд ва ба хотири комёбӣ тан ба тақдир ва раҳмати бод супурдаанд ва дар ҳадде, ки мекӯшанд то ба соҳили мурод расанд, соҳил ба фарохо ва ба вусъат бар ҳоли бесабрии ин ошиноён рам мегирад ва сурати "сароб"-ро мемонад, ки ба комёбӣ бар ҳоли ташнагон ҳарчи дуртару дастнорас, аммо ба назар наздику дастрас менамояд.

Мавриди дигар иртибот ба вазъи бенавоии бедилони ишқ ва "канора гирифтан"-и ушшоқ аст, ки ба гӯшагириву шайдоиву бехуд шудан дар ишқи Ҳақ, ба Худо моил шудан, аз худшиносӣ ба худошиносиву маърифати кулл пайвастанро дар тахайюли хеш тарҳ кашида ва айни чунин ворафтанҳо аз худро мақсуд бар комҷӯӣ ва ноил гардидан бар мурод унвон кардаанд.

Дар амри дигар, айни гӯшагириву "канорагирӣ"-ҳоро беҳтарин баҳона барои раҳоиву дур рафтан аз "хатар" ё натиҷаи огоҳ бурдан бар хавфи роҳ мешуморанд. Ин, ки Бедил мегӯяд:

---

[1] Мавлоно Бедили Деҳлавӣ. Куллиёти девон. Интишороти "Фурӯғӣ", Теҳрон-1366, с. 50.

Аз халқ агар канора гирифтем, муфти мост,
Киштӣ зи чормавҷи хатар мекашем мо![1]

Чормавҷ - ишора ба гирдоб, варта аст, ки бар асари омезиши чаҳор мабдаи аносири азалӣ (бод, об, оташ, хок), бар аносири таркибии атвори инсон (руҳ, ақл, ишқ, нафс), тӯфони тасодумбори фикриро ба бор меорад ва инсонро дар натиҷаи шӯру валвалаи ин исён ба омезиш ва ҳулулёбӣ ва бештар дар маротиби ҷӯшишҳои нафс аз худ ба беёдӣ ва пас ба бехудиву фано мубтало гардидан водор мекунад.

Ва, ҳам дар маврид айни чаҳормавҷа, сифати чор дарёи меҳварӣ ва марбути хулқиву атвории инсон аст, ки муртакиб бар ҷаҳл, тақво, имон, ва сабр барои фаност, ки ғояти тақдир бар қазову қадарро муфассал матраҳ кардааст ва ин ҳама маънӣ бар маърифати бардошта дар заминаи чаҳор унсури азал аст.

Дар маврид Шамсуддини Шоҳин низ бо орзуи раҳои аз хатари роҳ ва расидан ба висол, бар ин мурод ишорае дорад, ки метавонад собиткунанда ва далели рӯшани мақсуд бошад:

Сафинаи дили ман кай расад ба соҳили васл,
Зи чормавҷаи дарёи бекарони фироқ?[2]

Ва, ҳазрати Шоҳин дар маврид "дил"-и худро ба киштӣ шабоҳат додааст ва изҳори ин дилро аз "дарёи бекарони фироқ" бар "соҳили васл", ки айни соҳили мурод аст, берун кашидан дорад ва, албатта, уммед бар боди шурта бастааст ва огоҳ аст, ки ин бод сармояи муҷибу муҷаззиб барои аз байн бурдани пардаҳои мубҳами интизориҳост ва аз сабру таҳаммул бор хоҳад

---

[1] Њамон љо, с. 96.
[2] Шамсиддини Шоњин. Куллиёт. Душанбе, "Адиб"-2006, с. 144.

овард, ки нигаронии ӯро бар ин беқарориҳои бесобиқа марҳаму даво гардад.

Аммо, дар ҳар ҳолат, инсони солик ва содиқ бояд бар ҳоли пешовардҳои сарнавиштиву қазовуқадарии хеш омодагир бошад ва барои ворид шудан ба баҳри амиқи ишқ, нахуст дар ин ҷо, ки шабоҳати дунёву ҷаҳон аст, киштии эътиқод ва бодбони эътимоди хешро омода гардонад, то бар эманиву саломати хеш аз ин роҳу тариқ то он ҷаҳон, ки охират унвон шудааст, дар ҳар ҳолат зомин буда тавонад.

Ва Ҳаким Саноӣ низ бар ҳамди ин эманӣ ва тараддуд бар ин расми комгории инсон меафзояд:

Киштӣ ин ҷо сохт бояд, то ба назди ғарқагоҳ,
Эманӣ боз орад аз тахлиту тундиву бухор![1]

Ибораи "Ин ҷо" ба маънии ин олам аст, ки маърази худсозиву худшиносиву ба камол расидани инсон аст ба тариқи тоату тақводорӣ ва "киштӣ"-е, ки онро "бояд сохт" "худ"-и "худ" ва боқӣ тасфияи "дил" аст, ки ин оинасон бояд аз ҳар зангоре пок ва аз ҳар олоише муназзаҳ бошад, то ба рӯзи висол, ки айни муҳит ва мавҷпечи "ғарқагоҳ", арсагоҳи маҳшари ваҳдоният, қиёматтоҳи уммедворон ба орзуи комёбӣ бар нури Зулҷалол ва мақоми амният аст, инсонро омода дошта бошад ва аз амсоли "тахлиту тундиву бухор" эмин дорад. Ва ин "киштӣ" ба сурату сифат тавсифи "дил" аст, ки маъвои ишқ аст ва ин ишқ руҳ аст, ки нафҳаи Илоҳист ва дар тани инсон ба орият омадааст ва инсон қарздор аст, ки онро ба саломат ва саодат бар боргоҳи азалӣ, яъне ба "соҳили мурод" бозгардонад.

Ва, ҳарчанд, ки умеди соликро поёну карону соҳил нест мақтаи умед бар расидани ин марди тариқи ишқ ба

---

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, "Саної"- 1362, с. 228.

соҳили мурод ва мавқеи ҷаззобияту дилрабоии Бечун хулоса мешавад, эътимоди инсон низ бо орзуи мағруқият ва дарёфти умри "абад" дар ин баҳри беҳудуд поён меҷӯяд ва орзуи ӯ бар ин ҷозибияту кашиши азхудбаранда, ки бар лутфи бепоёни маъшуқи дилрабо, яъне Ҳақ, ниёз дорад, баркамол аст, талош меварзад ва ин аст, ки фош мегӯяд:

Ҳафт осмонро бардарам в-аз ҳафт дарё бигзарам,
Чун дилбарона бингарӣ дар ҷони саргардони ман!
Мар аҳли киштиро лаҳад дар баҳр бошад то абад,
Дар Оби Ҳайвон марг ку, эй баҳри ман, Уммони ман?[1]

Ва, дар маврид, истилоҳи "ҳафт осмон" - ба маънии ҳафт фалак, ҳафт табақаи замин ва, ҳатто дар назаргоҳи сайрониву сулукии Мавлоно дар ин мафҳум, ки ба манзари "саргардонӣ»-ву сарсонии равони ӯ ораста шудааст, аз он, ки варои гунҷоии руҳи саркашро фишурдааст ва фазои муҳтиро ба ҳадди сарсонии пуршӯри ӯ танг кардааст, ба «офоқи нуҳтӯ» низ гоҳо бадал ёфтааст, ӯро ба фаро рафтан аз худ, бар ҳафт "дарё", ки барандаи тароиқ аз муҳити ишқ аст ва ҳар тариқ гузаргоҳе бар мароҳили ҷонбозиҳои ғариқ ба ҷониби он назаргоҳи "дилбарона"-ву майлдиҳанда бар кӯи "Оби ҳайвон", оби ҳаёти ҷовидонагиву бақо ва фаротар аз маргу мир ҷойгоҳи охират ва умри боқиву "абад" аст, гузору гузашт додааст.

Дар ин манзар, тасвири дарёи "Уммон", ки хостаи ормонии инсони солик ва дар асл худи Мавлоност, ба назири як ташбеҳ корбурд шудааст.

Мақсуд бар ин гузораҳо, ба таҳқиқ таҳлил кардани ҳолу ҳолати саргаштагиву сарсониҳои инсони солиқ дар қаламрави ишқ ва водигоҳи пурмоҷарои миёни оғозу ҳаргиз, аввалу охир, омадану бозгаштани ӯ ба асл аст. Ва

[1] Мавлоно Љалолуддин Муњаммад Мавлавии Румї. Куллиёти Шамси Табрезї. Муассисаи интишороти Амири Кабир, Тењрон-1372, с. 671.

ин инсони ормонӣ сувари бадеъист ва айни ҳамон "киштии белангар"-ро мемонад, ки дар муҳити беҳудуду нопайдоканори баҳри орзуҳо ва ҷунбу ҷӯши амвоҷ "каж"-у "маж" мешуд ва умедвориву навмедиро дар сурати ҳам барҳам мезад ва ҳолати бехудиро бар ҳоли пӯёи сардаргуми тариқ нақшу тарҳ мекард, низ бар асари ҳасратҳои боровардаи ӯ навмедиҳоро фониву фидо медид:

Чун киштии белангар каж мешуду маж мешуд,
В-аз ҳасрати ӯ мурда сад оқилу фарзона![1]

Инсон, чун ошиқ аст, ҳамеша аз шикасту нокомиҳои дили худ менолад, аммо дар сурати дигар гирифтории ӯ бар умеду орзуҳои бепоёни ин дил аст, ки ҳатто дар айни ҳар шикаст, агарчи ӯро ба бало мувоҷеҳ мегардонад, то ҳаст, албатта, ба ниёзмандӣ бар ҳамдиливу ҳамгирой бо дилшудагони худу Худоро ҳамчу бордоди яқин истиқбол ва ситоиш мекунад. Зеро, дидгоҳи ӯ ба тариқи равзанае аз дил то манзаргоҳи Ҳақ аст ва мақсуди ӯ бо мӯталошиҳо бар дарёфти мақому ҷойгоҳи ёр аст, ки ба манзур низ ҳамон биҳишти азал аст, ки инсони ориф орзуи ба он маъво бозгаштан дорад ва дар шӯри қиёмат ба дидори Худои хеш шарафёб гардиданро аз ҳар қасде дигар болотар мегузорад.

Ба ҳар ҳол, равандагони тариқи ишқ аз водигоҳҳои пурхавф, ки аз баҳр месипоранд ва ё аз барр, фақат орзуи расидан бар висоли Ҳақро дар дилҳо гунҷо додаанд ва агарчи мояи уммедвории хешро низ, ки бар "боди шурта" ва ё ҷӯшишу кашиши амвоҷ барои таҳрик додани "киштии умед" ва ё "тахтапораҳои наҷотбахш" бастагие додаанд, ҳамоно муътақид бар инояти "Ҳақ"-анд ва даст аз коргоҳи таваккул бар надоштаанд ва беш аз ҳар назаре "уммед бар Худо"-ро дар ин роҳ бар ҳидоят гирифтаанд ва

[1] Њамон љо, с. 864.

бо ин эътимод дар сипардани тариқат бар ҳақиқат, ҳама мутмаинанд.

Ва, чун бар бодаи ишқи Ҳақ бодианд, хушҳолонанд, ки лоқайду бар каноррафтагон аз гирифториҳои таассубовари бедодианд ва дар коргоҳи ишқ саодатбурдаи мухторият бар озодианд.

## ДИНУ ОИН ИШҚ ГӮ... ҲАМ ОНУ ҲАМ ИН ИШҚ ГӮ!

Ба тавсиф бигзарем, ки аз оғози ин баҳс ҳамдамие, ки доштем, бо “дил” буд ва чунон ки маълум гардид, тамоми саркашиҳои ин дил ҳам бар асари гирифториҳои ӯ бар доду бедоди “ишқ” бор овардааст, ба ҳадде, ки ҳатто “соҳибдилон”-ро мубталову “бедил” кардааст.

Дар урфият овардаанд, ки ишқ инсони соликро аз “худ” ба “бехудӣ” ва аз “оқилӣ” ба “ҷунунзадагӣ”-иву девонагӣ ва аз роҳ ба бероҳӣ кашидааст ва “имондорӣ”-иву “тақводорӣ”-ии ӯро ба куфру беэътиноӣ бар дину мазҳабу равия бор додааст. Ва, бо ин хулоса, ки ишқ бо ақл созгор нест ва ошиқи ҷунунзада исботи ин шудааст, мехоҳанд худро таскину таслият диҳанд.

Шояд, ки ҳам ину ҳам он бошад, аммо барои ишқ шинохти ҳадди инсон то Худо ва ҷазбу каши инсон ва расонидани инсон то Худо, дар баҳои ҷон бошад. Чунон ки ба вежагии худ, “ишқ” дар ирфон ба маънии ҳидояти ҷозиб ба ҳадди маърифат аст ва назди орифон аз эҳтироми вижае бархурдор аст, ки дараҷаи олии муносибату иртиботи инсон ва Худоро муайян кардааст. Ва, ишқ дар ирфон беҳин баҳонаи худоҷӯист, ки инсонро дар ҳоли ҳам беҳиссиву бехудӣ ва ҳам бедаступоӣ, аммо сарсупурдаву фидоиву ҷонбози Ҳақ собит кардааст.

Ишқ, нерӯест, ки инсонро аз худнамоиву бепардагиву бериёиву бетафовутӣ ва бетарафӣ бар дину оину русуми муқайядӣ ва мутаассибӣ канор мебарад ва барои нишон додани ҳақиқати ҳол дар инсон омӯзгор аст. Чунон ки Ҳофиз бар ин падидаҳои тафовутӣ аз назари маъмулӣ муқаррарӣ менигарад ва асрори марбути ҳоли хешро бар дидаҳои аёнбин парда мепӯшонад:

Хирқапӯшии ман аз ғояти диндорӣ нест,

Пардае бар сари сад айби ниҳон мепўшам![1]

Ва, айни пардадорӣ раво бар моҳияти ишқ аст ва ишқе, ки бо муҳаббат муттасил аст ва инсонро дар зимни бардошти зарфиятҳои меҳрубониву самимияту садоқат ба камол мерасонад.

Ишқ ба ҳиммату эҳтимоми ботинӣ бештар мегирояд, то инсони содиқу комилро бар тасфияву отифияти аҳволии хеш комёб гардонад ва он чӣ дар дарун ба сафо дарёфтааст, дар зоҳир онро бо хулқу хӯи неки ошиқона ва сурату симову рафтору кирдори ҳалиму хоксоронаи марбут ба ҳар ошиқе ба намо бароварда тавонад. Ва, албатта, ин ишқ ба ҳадди маҷзубияти хеш нашъатдиҳандаи раҳмату шафқат аст ва ороягари вуҷуд ва ҳам ботину зоҳири инсон.

Арзандаи ишқу камол будан низ ҳамон шоистагист, ки инсонро дар софияту отифият ва маърифати худшиносиву эҳтиром бар худи ӯ комёб гардонда тавонад.

Дар ҳар сурат, ишқ шеваи созандагист ва асоси зиндагист, зеро агар ман, ки туро дӯст доштам ё ошиқ бар ту шудам, бояд барои ту чӣ хубиву некиро ба ҷо биёрам, аммо вақте , ки мо ошиқи куллем, яъне дил бар таҷаллии Ҳақ додаем, ҳамоно аз ӯ некуву бар ниёзамон нозбардорриро чашм медорем ва ин ҳаққи ҳалоли мо дар ҳадди ошиқиҳои мост, ки аз Худои мо ба илтифот расидааст.

Вале, агар гуфтанд, ки ишқро бар дину оин коре нест ва ё дину оинро ҳам бо ишқ боре нест, нодида наметавон гирифт, ки ишқ нуру назари Илоҳист ва ламъаи нуре аз чароғи маърифати Илоҳист ва иффат аз отифати Илоҳист ва ба маҷмуи сифот аз сифати Илоҳист, ки сирри ғояташ ҳам дар дину оин ва ҳам дар дилу ботин маъво кардааст ва

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, “Ситорагон”-1372, с. 472.

дар ин ҳадд ҷои эроде нест, ҳатто агар касе даъвату даъво кардааст. Чун “ҳама бар каромату лутф”-и Яздон аст, нуктаи пешовардаи Ҳофиз далели равшани он аст, ки фармуда:

Ҷафо на шеваи динпарварӣ бувад, ҳошо,
Ҳама каромату лутф аст шаръи Яздонӣ![1]

Ва ин ҳам собит шудааст, ки инсони солики ҷодаи худшиносиро, ки камоли маърифатро орзу кардааст, насими ишқи Илоҳӣ болидаруҳ доштааст ва ҳамин ишқ аст, ки оламу одамро бо умеди комгориҳои ҷовиду поянда ва орзуҳои саршори оянда мартабату манзалати муҳтарам доштани худ ва Худо додааст.

Мавқеи вижа ва муҳим дар шинохти шахс ва аслияти шоири соҳире чун Ҳофиз аст, ки дар кашфи чеҳраву симои ӯ, бо таваҷҷуҳ бар исми ӯ, ки бо ҳифзи Қуръони карим бастагии қавӣ дорад, бояд таҷассум ёбад ва мавриди дигар иртиботи башарнигаронаи ӯ дар калом аст, чунон ки аз ягонагии Ҳофиз бо тамаддуни мардуми ориёӣ, ки дар шеъри ӯ падид омадааст, бор оварда, бо ҳиссиёти инсонпарастиии ӯ дар маҷмуъ пайванди ногусастанӣ меёбад ва солисан, ҳақиқати вуҷуду ҳастии ин шоири ринди ориф, ки бо фарҳанги “ишқ” ва фарҳанги “дин” иртиботи бешубҳа ногусастанӣ дорад, ба таҳқиқ бороварда ва таҳкимбахшандаи асли фарҳанги шеърсози форсист.

Пас, дар ин ишқе, ки бар, дида гирифта тавонистану мушоҳидаи сунъи муҳаббати Ҳақ комёб аст ва ин ишқеро, ки сулҳофару оштиовар аст ва ба ҳақиқат бар инсон ва дигар мавҷудот эҳдову илқо шуда ва онро ринде чун Ҳофиз сутудааст, бояд парастид ва аз даъвиҳои беасос, ки ба ҷудоиву хилофназариву афсонагирой ҷазб медиҳанд,

---

[1] Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Куллиёт, (бо њуруфи кириллї). Тењрон, нашри “Замон”-2001, с.306.

бояд канор рафт ва бо ҳарфи ин узри истидлоловари Ҳофиз сало зад, ки:

Ҷанги ҳафтоду ду миллат, ҳамаро узр бинеҳ,
Чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд![1]

Пас, ба далел аён омад, ки инсони ошиқ касест, ки муҳаббатро асосу маҳаки тамоми хулқу рафтору кирдори хеш донистааст.

Ва ҳам ба асл, ишқ маҳаку мундариҷаву ғояти маънӣ бар маърифати ирфонӣ ва лубби лубоби хостаҳои отифии инсон аст ва ҳам барандаи тариқат бар шариат ва муҷассамгардонандаи ҳақиқат аст, ки аз бидоят то ниҳояти роҳ бар ҳидоят ҳарфи маънӣ кушодааст.

Бар ин асос аст, ки Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар ин байт ишорат бар се маҳаки аслии тасаввуф, бар шариат, тариқат ва ҳақиқат дорад ва дар асл шариатро киштии навардандаи тариқат дар баҳри ҳақиқат мешуморад ва дар амри расидан ба покиву сафои шариатие, ки моҳияти орзумандии инсонро ба сӯи маърифат ва камол сароҳат мебахшад, ситоишгар аст ва дар зимни ақидаи хеш мефармояд:

Ишқ баҳрест, нохудо маъшуқ,
Киштии ошиқон шариати мост![2]

Чунон ки бар ҳақиқатнигориву таҳқиқнигарӣ дар мушоҳидакории ин орифу маъруфи сареҳбину возеҳбаён аён мегардад, "ишқ" таҷассуми баҳр аст ва дар амри дигар баҳр назаргоҳи Ҳақ ва маҳзару мазҳари ишқ аст ва дар

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 317.

[2] Шоњ Неъматуллоњи Валї. Девони комил. Интишороти Хадамоти фарњангии Кирмон-1380, с. 77.

миён мақсуд аз баҳраёбӣ дар иртибот бар симои маъшуқ аст, ки айни вуҷуду ҳастии “нохудо”-ро монад, ки ба ин баҳри пурситези ҷӯшону хурӯшон дил ниҳодааст ва дар ин сурат, ки соҳибу ҳодии “киштӣ”-ст, ба тасаввур тасвири Ҳақ аст ва ин “нохудо”-ст, ки ҳар замон мехоҳад киштии уммедвории хешро шиновари бешикасту солиму саломату баофияти ин баҳр бинад ва аз шӯри маввоҷу қиёми қиёмати тӯфонии он бархурдор шавад.

Ғояти расидан ба фаҳми мантиқ, бахусус, дар боби ишқ ва иртиботи он бо дину оин, инчунин дарёфти паҳлуҳои муносибу мухолифи мавзуъ, дар ҳикматнигарӣ бор хоҳад овард, ки метавонад ба тавассути вуруд омадан ба умқи маънӣ даст диҳад, ҳарчанд дарки таносуби ин шева гоҳо душвор аст. Аммо, хуб аст, агар ба маънӣ муносибу мутобиқи хоставу хоҳиш мезояд, на ин, ки ҳар чи бар табъ рафт ва ё аз таассуботи андешаву хаёл дар зеҳн меояд.

Дар маврид мувофиқи мақсад аст, ки ба ин нуктаи боровардаи Ҳакими Ғазна таваҷҷуҳ биороем:

Агар хоҳӣ, ки то донӣ, ки аз дарё чи мезояд,
Ба ҳиммат роҳбар мебош бар уммеди киштибон!..
Зи ҳавли сели олам бар шуда эман лаби киштӣ,
Зи руҳи Нӯҳи пайғамбар шуда бе қути дин Канъон![1]

Агар дар ин порчаи шеър ба мисраи аввал назар дошта бошем, меёбем, ки аз об ҳар мавҷуде монанди моҳиву садафу гавҳару наҳангу золуву шуллуку зулук, медузу марҷону ҳазорон гунаву навъи ҷонвару обсабзу зевар... он мавҷудоте, ки бо вуҷуду буди хеш бар об муносибат доранд ва дар об мезоянд, аммо мақсуди Ҳаким Саноӣ бар тавсифи огоҳбахшандаи зоишу ғурришу гироиши тӯфони маввоҷ ва амвоҷи аввоҷу авҷгир аст, ки

[1] Њаким Абулмаљдуддин Одам Саноии Ѓазнавї. Девон. Тењрон, “Саної”- 1362, с. 431.

солики тариқатро дар ҳоли амн будан ба ҳукми ҳодӣ ва "роҳбари ҳиммат"-баланд будан дар сурату симои Нӯҳи набӣ, ки ғизои маърифату маънӣ бар "қути дин", ки бар сабру тамкину тоқат бор овардааст ва бар ин сармоя саломати имон дошт, даъват мекунад, ки бояд "уммеди киштибон"-ро дар ин баҳри муталотуми ишқ роҳ намояд ва аз "ҳавл"-у биму боки сел"-и пурхавф ва ғарқшавии киштӣ оламро эмин дошта бошад.

Дар мавриди дигар, назари Ҳаким Саноӣ бар "дину миллат" бологир аст, аммо он манзуреро, ки мехоҳад пазиро бошад, нақши "ҳикмат" бар "ҷон" дӯхтану бар ин ҳикмат омӯхтан аст, ки ҷойгоҳи ин нукта дар пӯёиву ҷӯёии солики тариқат фаротару бамавқеътар аст ва ин муътақид будан бар назари маърифатии тасаввуфиву ирфонӣ ҳиммати солики тариқатнаварди муҳити аъзами ишқро на бар "Нӯҳу киштӣ", балки бар муҳаббату уммедворие, ки бар ин "тӯфон"-и балоафзо дар дил парвардааст, содиқу самимӣ ва дар шуҷоату далерӣ пойдор медорад:

Дину миллат неву бар ҷон нақши ҳикмат дӯхтан,
Нӯҳу киштӣ неву дар дил ишқи тӯфон доштан![1]

Вале дар ин мавриди ҳам дарду ҳам даво ишқ аст ва қотилу муҳиб низ, ки дар сувари мавҷи ҳоил аст, ки марди тавонманди ишқро ба вартагоҳи нисору ҷонфидоӣ кашу ҷазб додааст ва Хизр, ки дар ин ҳадд нақше бар ҳидоятгариву ҳодӣ будан дорад, ҳамчунон тамошогари вазъ аст, бар ҳолу ҳолати инсони сардаргум дар баҳри ишқ аст.

Мавриди дигар ба манзур "дидани нақши об" аст, ки оё ба чӣ маънӣ шарҳ хоҳад шуд, на "нақш дар об дидан", ки шарҳу фаҳми он ба дому фанду "саробнамоӣ" истидлол овардааст.

---

[1] Њамон љо, с. 461.

Дар ҳоле, ки маълум аст, дар ҳар сурат об ҷисми беҷонро ба соҳил меафганад ва ҷойгоҳи ҷисми ошиқ соҳили мурод аст, вале рӯҳ низ дар банди балои баҳри маввоҷ боқӣ нахоҳад монд, чун бо ин валвалаву шӯри басарбурдааш дар амвоҷ, новобаста аз тақдири расида аз қазо ва ё дасти кори "Гӯркан", ки сувари аҷал ё марг аст, майлу ҳиммати болопазирӣ ва самовотӣ шуданро омӯхтааст:

Бар кӣ хандад бас Хизир, чун бо шумо бинад ҳаме,
Гӯркан дар баҳру киштӣ дар биёбон доштан![1]

Дар бархе аз дастнавиштаҳо мисраи аввали ин байт ба шакли "Бар кӣ хандад ҳазраташ, чун бар шумо бандад ҳаме!" омадааст, ки агар ин бошад, пас, "ҳазрат" Ҳақ аст, ки дил бар ошиқи солики хеш бастааст ва низ самовотӣ гардидани руҳи ориятии бандагорашро чорагар аст.

Ин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки дар ирфон кори ишқ бо дин дигаргуна аст. Бояд донист, ки дин, фарҳанг аст. Фарҳанги худсозии инсон, фарҳанги ба камол расонандаву маърифатовар ва ибратомӯзи башарӣ. Ва ишқ низ фарҳанг аст, ки бо оинҳои хеш динрову дилро низ дар ҳавои хеш нармнаво ва гармнавозиш кардааст.

Аммо, ба ҳеч ваҷҳ дин мазҳаб набуд ва нест. Ва мазоҳибанд, ки чун шохаҳои сунъӣ бар дарахти дин пайванду насб шудаанд ва бар ҳосил ҷараёнҳои иртиҷоӣ бор овардаанд ва азроҳбарандаву роҳзанандаанд ва гумроҳонро ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд ва дар фаҳму зеҳни инсонҳо таассубу занну гумону шакку тардидро бор додаанд.

Арзи дигаре низ мавҷуд аст, ки инсони ошиқро мебояд, то бо қадршиносии хеш ҳам бар фарҳанги дин ва ҳам фарҳанги ишқ эҳсон гузорад ва шоистагии хешро дар таҳсину офарин ва баракоти муборак дарёфтани ҳарду

[1] Њамон љо, с. 465.

фарҳанг, ҳам ишқ ва ҳам дин сазовор гардад. Зеро, фарҳанги ишқ ва ҳам фарҳанги дин, фарҳанги сарнавишти инсонанд ва чунон ки маълум аст, хатти сарнавишту тақдири инсон бо "килк"-у қалами Офаридгор мунаққаш мегардад ва ин гуна, ки Ҳофиз бар таассуроти бардошткардааш бар доди ин сарнавишт мефармояд:

Килки ту боракаллоҳ, бар мулки дин кушода,
Сад чашма оби ҳайвон аз қатраи сиёҳӣ![1]

Албатта, дар ин байти Ҳофиз, "килк" - исми сифаткунандаи  таҳсину таҳнияту муборакбодӣ бар ҳоли қисмат ва қалами дасти қаламкашест, ки тасвиргари сарнавишти Одам (а) буда ва дар ҳоли офариниш бо ранги раҳмату муҳаббату ишқу содиқияту самимият аввалин ҳарфи "офарин"-ро дар ин номи "табаррук" сабт кардааст.

Ҳамчунон, ин ҷо боиста ва шоистаи баррасӣ метавонад тасвири истилоҳи "қатраи сиёҳӣ" бошад, ки ба сифат аз ин "килк" таровиши рангро бор овардааст ва бо тавсифу тасвири ин сарнавишт дунёи нуҳуфтарози асрори инсонро равшану рӯнамо кардааст.

Мавриди дигар қасдест, ки берун овардани "сад чашма Оби Ҳайвон"-ро аз ин "қатраи сиёҳӣ" таҷассум кардааст ва ин нақшу сувар ёди моро ба дарёфти маънии "Нур дар зулмот" нигарон мекунад, ки Хизрро ба сӯи худ аз тирагоҳу тангноҳои беохири тираву тор, бо умедворӣ барои дарёфти "Оби Ҳаёт" ҷазб додааст ва ин нур аз ҷилваву ҷилои "нури маърифати Илоҳӣ" бор овардааст.

Чун дар маъраз баррасии ҳарфу ҳиҷои ишқ ва динро вогузор кардем, месазад ҳам бар савобу гуноҳи халоиқ низ

---

[1] Хоља Шамсиддин Муњаммад Њофизи Шерозї. Девон (бо тасњењ ва тавзењи Сайид Алї Муњаммади Рафеъї). Тењрон, "Ситорагон"-1372, с. 630.

дар ин миён назаре раво дошта бошем, ки бар ин ду манбаъ асос ҷустаанд.

Ва дар рубоии зерини нақлшуда бар Шайх Абусаиди Абулхайр фармудаест бар ҳоли ушшоқи музтарибҳол, ки дар боргоҳи ҷаноби Ӯ бори сафар афганда ва ба тазарруъ нишастаанд, чунон ки бар талаби омурзиш забон бар зикру ниёиш кушодаанд:

Исёни халоиқ арчӣ саҳро-саҳрост,
Дар пеши инояти ту як барг гиёст!
Ҳарчанд гуноҳи мост киштӣ, киштӣ,
Ғам нест, ки раҳмати ту дарё-дарёст!

Саҳро - майдону арса, водии маҳшар ва арасоти маҷзуб ба ҷонбозии ошиқон аст, ки ин ёрони сарсупурдаро дар ҳоли бедаступоӣ дар корзори ишқ ба ҷамъи ҳам овардааст ва дар кори эҳзору дидори ҷамоли Яқин, ки сармояи асал ва маҳаки орзуи ошиқ бар ҳадди висол аст, ба шӯру ваҷду беқарорӣ бар асари шоистагӣ бар сабру қаноату таҳаммул изтироб эъто кардааст ва дар ин амри муҳимм барои ушоқ "иноят"-и маъшуқ мебояд раво ояд ва ин иноят "раҳмат"-и Офаридгор аст, ки гар афзояд, "гуноҳ"-они боровардаи инсони ошиқро, ки бар дӯш овардааст, бахшояд ва Ӯ лакбахшу мояи уммедвории ошиқ аст, дар ин амр ба иззат мефармояд.

Мавриди дигар, шарҳ дар маънии "киштӣ"-ро тақозо мекунад, ки ҳам барандаи бори вуҷуди инсон ва ҳам бори "гуноҳ"-он аст, аммо инсон то Худо дорад "ғам"-е надорад, чун мутмаин аст, ки Офаридгор лакбахш аст ва ӯро меомурзад.

Ба ҳар ҳол, ин ҷо дар сифати "Дарё" низ шарҳи кӯтоҳе шоистаи таҳсин аст, агарчи таъкид рафт, ки ба маънӣ "маҳзари об" ва сармояи "шукр" бар "сукр" аст ва сифату дараҷаи нуру рӯшноист, ки Хизри пӯёро то ҷовидон дар зулмот ҷӯёи он доштааст.

Ҳамчунони ин пандномаву насоеҳ, ки ба хотири ҳушмандиву растагориву ростии инсон дар арсагоҳи ҳаёт бар асари фарҳанги “ишқ” ва ҳам фарҳанги “дин” бор овардааст, метавон аз рубоии зерин низ истифода кард, ки қобили қабул аст.

Дар ин рубоии нақлшуда бар Шайх Абусаиди Абулхайр низ, ки “дар баҳри яқин” заминаҳои фаровони “таҳқиқ”-ро барои дарёфту шинохти “дурр”-и маърифат пешниҳод кардааст, “гирдоб”-ро ба “дом” ва “киштӣ”-ро ба “нафс” ташбеҳу мушобиҳат кардааст, ки инсони оқил боястӣ ҳамеша дар набардгоҳи рӯзгор ва хостаҳои нафси саркаш ҳушманд бошад, то аз балоҳои қазо эмин монад. Ин, ки мегӯяд:

Дар баҳри яқин, ки дурри таҳқиқ басест,
Гирдоб дар ӯ чу дому киштӣ нафсест!
Ҳар гӯши садаф ҳалқаи чашмест пуроб,
Ҳар мавҷ ишорае зи абрӯи касест!

Вале, Шайх, дар амри шоистагӣ бар дастовард дар ин коргоҳ, бештар ишорат бар ташбеҳи “гӯши садаф” бар “ҳалқаи чашм” овардааст ва ин ҷо муҳим тасвири “садаф” аст, ки бар ҳоли аздастдодаи худ, ки “дурр”-и баҷонпарвардаи ӯст, ҳоли музтариб ва чашми гирёну пуроб дорад, вале “гӯш” моҳияти шунавоии панду андарз ва ҳидояти роҳро бояд ҳомил бошад ва ҳамингуна ҳам ҳаст.

Аммо ба даст овардани ин “дурр”, ки ба мукошифа ниёз дорад, чандон осон нест, зеро расидан то ба мақсуд дар ин баҳри мушкилгузор коре ва иқдомеро тақозо мекунад, ки бояд бо “мавҷ”-и муҳлик дар рӯёрӯӣ истод, чунон ки ҳар мавҷ ишорат бар фидоиву ҷонбоз будан ва далолат бар матонату истодагарии ошиқи кашшоф мекунад.

Аммо, “ишораи абрӯи касе”, ки ғайбиву номаълум аст, ба манзур назари Яқин ва яқинбин аст, ки “ишорот”-е барои ҳушдори инсонро дар вартагоҳ таъмин мекунад.

Ба ҳар ҳол, дарё, баҳр, муҳит, қулзум... ҳама мунтасиб бар манбаи “об”-анд, ки аз қатарот ба “ҷӯй” ва аз ҷӯй, кӯй то кӯй тариқи ибратгиреро паймудаанд. Дар мавриди дигар, “ҷӯй” рамзи “умри гузарон”, ҳаёт ва ҳам зиндагонии сармадист. Ва дар мавриде, ки рамзу шабоҳати умри гузарон аст, мебояд онро, чи дар боби дин бошад ва ё чи бар тоби ишқ, обовардаву тобоварда, шоиста сипарӣ кард ва чунон ки Ҳофиз бо насиҳати ибратомӯзе мегӯяд:

Бинишин бар лаби ҷӯву гузари умр бубин,
К-ин ишорат зи ҷаҳони гузарон моро бас![1]

Вассалом!

[1] Њамон љо, с. 402.

## ХУЛОСА

Вобаста ба шуҳрати шеъри Ҳофиз дар саросари олам ба расми интиқод ва ҳам мақолоти илмӣ, инчунин дар заминаи шинохти чеҳраи аслии шахсӣ ва эҷодии Лисонулғайб гоҳе аз рӯи ҳақиқат ва гоҳо шудааст, ки бо муболиға таъкидҳои фаровоне рафтааст, вале бе ҳеч шакк номи ин "шоири соҳир"-ро ҳар хонадони мардуми форсизабон ҷуз ба иззати як чеҳраи саршиноси ирфонӣ ва шеъри ӯро ба сифати каломи "қудсӣ" муҳтарам доштан, каломе дигар наметавон дарёфт.

Аҷобат, асолат ва азамати шеъри Ҳофиз, бо ин, ки хоҳ аз маонии Қуръонӣ мабдоъ бурдааст ва ё аз афкори риндонаи бардоштшуда аз мисолҳои падидомада бар шифоҳиёти мардумӣ, маълум аст, ки нахуст салиқа ва ҳунари ғайббинӣ ва сароҳатбаёнӣ ва фароравии мудовим бар ботини маонии водоркунанда ба фикри тарҷеҳдиҳандаи фаҳм дар тӯли ин ҳама қарнҳо ӯро бо қадрёбӣ бар маҳбубияти хос шарафёб гардонидааст ва беш аз пеш дар гӯшу ҳуши муштоқон, ки вижаи аҳли маърифат ва бахусус қишри авоми ҷомеа будаанд, ба сурати симои links мармуз, аммо бо қаробати руҳиву мадорики равонӣ, муҷассам доштааст.

Шеъри Ҳофиз, албатта, мураттаб бар каломи ирфонӣ ва музайян бар зевари афкори тахайюлии ноб аст ва дар шинохти ин навъи бадеӣ танҳо касе метавонад комёб шавад, ки ба ҳадди камол расида бошад ва аз роҳи маърифат, соҳибназарӣ ва дарроқияти завқӣ бо бархурдорӣ бар муҳтаво аз дарунмояи он ба фаҳми халлоқияти ашъори ӯ муваффақ гардида ва барои ноил шудан ба ин ҳама бояд дар баробари лаззатпазирӣ бар каломи соҳир, ҳам хонандаи ин ашъор бошад ва ҳамзамон ҳамдаму ҳамрозу анбози Ҳофиз, то ба умқи маонии тасвиркардаи ӯ фурӯ рафта тавонад. Ва, албатта, барои фаҳму ҳиссу дарки маонии мустафод дар шеъри Ҳофиз бархурдорӣ бар маърифате мебояд, ки беш аз ҳар назаре ба ҳассосият ва мадорики ботинии Лисонулғайб қаробате дошта бошад ва диди

ӯ, ҳатто агар тавонад аз зовияе кӯчак бо равони Ҳофиз дар робита қарор дошта бошад.

Дар ҳоле ки дар фавқ ёдовар будем, муҳити эҷоду офарандагии Ҳофиз мамлу ва музайян бо таровиши авотифи сарзада аз ботин ва ё ба тасаввур аз назари руъёиву тахайюлии ӯ борвар аст ва бар ҳарфу маънии ишқ мабдоъ гирифтааст ва мақоми Ҳофиз, минбари сухан аст ва аз ин минбар ба ҷуз фикрату фитрат ва ҳарфи маънӣ, ки ба парвариши завқу хулқу хӯи ҳамидаи инсонӣ ва ташаккули шахсият дар инсони ориф нигаронида шудаанд, овое фаротар наметавон шунид.

Шеъри Ҳофиз мураттаб бар ҳарфи ормонӣ ва шаҳодати ҳақоиқи маърифатӣ ва воқеияти руҳониву равонии ӯст, ки бар асоси таҷрубиёти андӯхтааш аз рӯзгоре, ки дар манзари мушоҳидоти ӯ қарор доштанд, ба бор омадааст. Ва ба мантиқ фароҳам овардани хаёлу андеша ба хотири эътидоли мадракии шоир дар шинохти мафоҳим ва зарфияти маонӣ, ки дар сурати дигар метавонанд инъикосгари сирри ботин дар зоҳир бошанд, ҳам муртабит ба ҳосил аз ҳунари суханперой ва ҳам бо бардошт аз ормонҳо ва ниёзҳои водоркунандае ба шумор меравандд, ки Ҳофизро бо ин муносибат бар "лутфи сухан", ки "худодод аст", шокир доштаанд.

Гоҳо ба тафсир ва шарҳи аз ин ашъор ва, умуман, абёти мухталифи Ҳофиз дар рӯёрӯӣ қарор мегирем, ки аз ҷониби омма ва мардуми дур аз доираҳо ва ахбори илмӣ мавриди баррасиҳо пеш омадаанд, аз ҷумла ҳамин маънӣ кардани "киштинишастагон" ва ё "киштишикастагон", ки баъзан асоси мантиқӣ ва илмӣ надоранд, аммо ба тариқи чунин авомфаҳмӣ афкори мардумро ба шакку тардид овардаанд ва ин ҳам метавонад дар маврид заминаи баҳсҳои илмиро доман занад ва донишмандонро бештар ба таҳқиқ ва таҳлилҳои илмӣ таҳрик диҳад.

Барои таҳияи матолиби манзур дар ин нигоштаи таҳлилӣ аз ҷониби мо саъй рафтааст, ки бештар ба услуби эҷодӣ, усул ва мабонии коргирӣ аз заминаҳои шеърсози ӯ ба тариқи санъатҳои мухталифи бадеӣ, ки пайвастагӣ ба

тааллуқоти манишӣ ва эътимод бар боварҳои Ҳофиз доранд ва ба ҳар ҳол бевосита дар шеъри ӯ маъниперову суварнигор расидаанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда бошем, шояд дар тавони расидагӣ ба маънии асли сухан, ки маводди коргоҳи ҳунарии Ҳофиз аст, ба тадриҷ ва аз наздиктар ошно гардем.

Агар дар ҳар маврид таносуби жарфои пайвандии маонии шеъри Ҳофизи Шерозиро бо Қуръон бештар манзур дида бошем, набояд ҳам фаромуш кард, ки ҳарду мавриd ҳам мутааллиқ ба заминаҳои офариниши адабиёт аст ва Қуръони маҷид китоби қудсӣ аст, ки барои ҳидояти инсон ба роҳи рост ва худшинос намудани инсон дар роҳи ҳақиқат ва расидан ба мурод, ки бо номи Худо оғоз ёфт ва бо номи инсон, мардум, халқ хатм шуд, ҳамчунон ба маънӣ заминаи шеъри Ҳофизро ташаккул додааст.

Ба ҳар навъе, ки манзур дидаем, пеш аз ҳама шеъри Ҳофиз бояд дар ҳар мавриd дар меҳвари таҳқиқ қарор дода шавад, то аслу мояву маҳаку сирфи маънӣ ва тааллуқоти ҳарфу ҳиҷои ӯро, ки низ, бешубҳа, баёнгари шарҳи ҳолу муфассири ошкору ниҳони ҳолатҳои руҳониву хаёлоти маишатсози ӯ будаанд, дар воқеъ рӯнамо карда тавонем. Аз ин лиҳоз, то ҳадде, ки даст дод, дар ин авроқ бештар бар он ҷанбаҳои маърифатие, ки дар иртибот ба маънии “киштинишастагон” ва ё “киштишикастагон”-и Ҳофиз бо ҳамназарӣ дар осори дигар намояндагони шеъру адабиёти сӯфия иртибот доранд, мадад ҷӯем ва ҷаҳд кардем, то ба мазоҳири маънисоз ва ё суварсоз, ки мунсаҷими тахайюлӣ бо афкори маънавии сарзада аз ботини аҳли ирфонанд, ба муносибати дилгармкунанде таваҷҷуҳ дошта бошем.

Истифодаи маонии ирфонӣ дар шеъри Ҳофиз, ҳамчунон бо дарназардошти истилоҳоти риндонаи ӯ ба сароҳат аён кардаанд, ки ифшои рози вуҷуди инсон, олами мавҷуд, инчунин адамро ба ҳастӣ ва бақоро вобаставу марбут ба фано донистан, мукошифа бар ҳадди

шинохти мабдаъ ва маоди олами ҳастӣ ва бархурдорӣ бар маънои ботинии он, қасди шоир аст ва дар амри дигар Ҳофиз соҳирест, ки дар дар шеъри худ асрори азалро нуҳуфтааст ва бо ин ҳунари муаммобори хеш қасд кардааст, то донад ки оё ҳаводори шеъраш ин мақсади ӯро пай бурда метавонад ё не?

Новобаста бар ин, чунон ки маълум аст, Ҳофиз дар саросари осори хеш бештар бар он мабно тааллуқи хотир дорад, ки ҳар сувари офаридааш дар зимни болои кор овардани маънӣ ба мантиқ созгор бошад. Ӯ бо чунин иқдом маонии гавҳарбор ва рози пӯшидаро, ки дар нуҳуфтгоҳи жарфои баҳри тахайюл ҷой додааст, мехоҳад, ки ҳар хонандаи нуктагир тавонад, онро бо заҳамоти ҷӯёӣ ва пӯёӣ ва ғаввосӣ дар ин баҳри амиқ аз аъмоқ берун кашида тавонад.

Ва ин ҳаддест барои фаҳми маонии калом дар шеъри Ҳофиз дигаргуна, ки барои фаҳми мо дар сохти маънӣ ба дугунаӣ, “киштинишаста” ва ҳам “киштишикаста” падид овардааст ва бо ин роҳ моро ба фикру ҷусторӣ ва кушоиш бар фаҳми маонӣ водор мекунад ва дар маврид зарур аст, ки бар маънои зоҳирии вожаву таъбироту ибороти таъбирсоз дар шеър, ё сухани мухайяли Ҳофиз бештар бо дарку фаҳми муҳтаво аз дарунмояи он ошно бошем, зеро дарёфти таҷаллии ҳунари шоир танҳо ба тариқи фаҳми мантиқ дар шеъри ӯ муяссар мегардад.

Ин баҳс идомаи ҷустуҷӯҳо ва ковишҳо дар баҳри аъзами муҳитест, ки метавонад боиси андешарониву фикрронихҳои бештар дар атрофи вожагонии “гумшудагон”, яъне соликони тариқати ишқ ва муҷиботи ҳоли “киштинишастагон”-у “киштишикастагон”-и фарорафта бар аъмоқи ин дарё ва ғариқони бо умеди “боди шурта”, аммо расида ба нопайдои адам гардад ва моро дар фаротар аз назаргоҳи хаёл, ба сӯи мукошифот ва дарёфти ҳақиқати тозатаре дар ин мабоҳис кашонад.

**ФЕҲРИСТ**

**Муқаддима.......……………………………………..**

**Тафсир мебояд, то сирр бикшояд!............................**

**Бедод бар дил аст, ки бас кор мушкил аст!...............**

**Агар бар таваккул барад, ҷониби Кул(л) барад!.......**

**Агар аз хавфу риҷо ояд... шарҳ дар ҳарфу ҳиҷо бояд!.**

**То тахтапораест... уммед чораест!...........................**

**Ҳам дар қазо, ҳам бар қадар... ишқ аст чорагар!.....**

**Дину оин, ишқ гӯ!.. Ҳам ону ҳам ин ишқ гӯ!............**

**Хулоса………………………………………………..**

**САЛИМИ ХАТЛОНӢ**

**КИШТИНИШАСТАГОНЕМ!..**
**КИШТИШИКАСТАГОНЕМ!..**

Ба матбаа 24.01.2023 супорида шуд.
Ба чопаш 13.02.2023 имзо шуд. Коғази офсети №1.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60х90, 1/16.
Ҷузъи чопӣ 9,25. Адади нашр 100 нусха.

ҶСК «Матбуот»
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 37.